“БАРҚИ ТОҶИК” ВА МУШТАРИЁН
чаро тавозуни масъулият вуҷуд надорад? с.7







РОҲИ ВАЛАНГОРИ МӮЛИЁН
чаро зиёрати оромгоҳи Рӯдакӣ душвор аст? с.3

МОДАРИ САҲНА – МУШАРРАФА ҚОСИМОВАИ 102-СОЛА ДАРГУЗАШТ с.18-19



ТОҶИКИСТОН

№14 (1317) 03.04.19 Оғози нашр: марти 1992

Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якмост!

www.tajikistantimes.com

ИҚТИСОДИЁТИ Тоҷикистон ИСЛОҲОТ мехоҳад

мусоҳиба бо вакили парлумон Шариф Раҳимзода



Дар ин шумора:

ИНТЕРНЕТИ МОБИЛӢ
дар Тоҷикистон гарон мешавад? с. 5

ЯҚ ҚАДАМ ТО ПРЕЗИДЕНТӢ
Зеленский пешсафи интихоботи Украина шуд с. 4

ДОНИШҶӮЁНИ ХОРИҶӢ
кадом донишгоҳи Тоҷикистонро бештар интихоб намуданд? с. 23

ИММУНИЗАТСИЯ
маъюбшавию фавтро пешгирӣ мекунад с. 14

10-ГОНАИ МУАССИРТАРИНҲОИ ВАРЗИШ
аз Ҷонни Инфантино то Мария Шарапова с. 16



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси «Сандуқи хайрияи Тоҷикистон», академик

Ашӯрбой СОЛЕҲЗОДА,
Ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои иқтисодӣ

Фарҳод РАҲИМӢ,
президенти АИ Тоҷикистон, академик

Маҳмадсаид ШОҲИЁН,
раиси Кумитаи давлатии телевизион ва радиои назди Ҳукумати ҶТ

Шариф РАҲИМЗОДА,
раиси Кумита оид ба иқтисод ва молияи МНМО ҶТ

Муҳаммадюсуф ИМОМЗОДА,
ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИРОВ,
доктори илмҳои иқтисод

Масъуд МИРШОҲӢ,
раиси Анҷумани «Рӯдакӣ», Фаронса

Ғаффорӣ Назира АБДУЛЛОЗОДА,
муовини раиси вилояти Суғд

Ҳақназар ҒОИБ,
Шоири халқии Тоҷикистон

Абдумудассир АҲМАДЗОДА,
сармуҳаррири сомонаи «Tajikistantimes»

Далер ҶУМЪАЕВ,
директори генералии ширкати «Помир Энержӣ»

Масъуди СИПАНД,
узви Анҷумани «Пайванд», ИМА

Одили НОЗИР,
мудири шуъбаи фарҳанг

Шаҳло НИЁЗОВА,
хабарнигор

Саодат РОЗИҚЗОДА,
хабарнигор

Фарзона МУРОДӢ,
хабарнигор дар вилояти Суғд

Шӯҳрат ДАВЛАТШОЕВ,
шорехи варзиш

Маҳинаи ДАВЛАТ,
хабарнигор

Ҷомӣ ХАЛИФАЕВ,
хабарнигор дар вилояти Хатлон

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.

Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНҲОИ ИДОРА:
238-54-51,
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ РЕКЛАМА:
Ш. Душанбе, хиёбони И. Сомонӣ 3
44 601-35-95
director@tayron.tj

ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88
ads@rg.tj

ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО ВА ОБУНА
918-63-31-63, 221-41-11
furush@rg.tj

АДАДИ НАШР:
14 300

Озмуни РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ байни ЗАНОНИ Душанбе

Дар пойтахт озмуни "Кадбонуи беҳтарин" баргузор мешавад. Ҳайати комиссияи озмуни мазкурро раиси шаҳр бо тасвиби қарор тасдиқ кард.

Озмун дар ду давра - ноҳиявӣ ва шаҳрӣ баргузор мешавад. Муовини раиси шаҳри Душанбе сарпарасти соҳа, раисони ноҳияҳои шаҳри Душанбе, роҳбари дастгоҳи раиси шаҳри Душанбе, воҳидҳои сохтории дастгоҳ ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ҷиҳати дар сатҳи баланди фарҳангӣ доир намудани озмуни "Кадбонуи беҳтарин" масъул гардидаанд. Дар озмун тамоми бонувони пойтахт, ки ҳунари пазандагӣ доранд, метавонанд ширкат варзанд.

Интернети МОБИЛӢ ГАРОН мешавад

Ҳадамоти зиддиинҳисории Тоҷикистон ба вокуниши фаъолони ҷомеаи шаҳрвандии кишвар, бобати гарон шудани нархи интернет ҷавоб гуфт.

Ба гуфти ин ниҳод, гароншавии интернет фақат болоравии нархи интернети мобилиро дар назар дорад.

Рӯзи 4 март Ҳадамоти зиддиинҳисории Тоҷикистон қонун қабул кард, ки тибқи он, нархи интернет аз 27 март ду баробар гарон мешавад.

Дар ҳоли ҳозир як гигабайт интернет 35 сомонӣ (тақрибан 3,7 доллар) нарх дошта, дар сурати гарон шудан як гигабайти он 70 сомонӣ (наздики 7,4 доллар) нарх хоҳад дошт.

Санҷиши МУСОФИРОН дар НАҚЛИЁТИ пойтахт

Дар нақлиёти ҷамъияти шаҳри Душанбе – автобусу троллейбусҳо акнун назоратчиён (контролёрон)-и махсус кор мекунанд. Онҳо ба санҷиши тартиби пардохт ва ошкор намудани шахсони бе билет уҳдадоранд.

Назоратчиён ба Муассисаи давлатии коммуналии «Душанбенақлиётхадамотрасон» ва оператори низоми пардохти автоматишуда ва назорати равуо дар нақлиёти шаҳри Душанбе «City Card» тобеъ мебошанд. Ҳадаф аз ташкили гурӯҳи назоратчиён санҷиши кортҳои ҳақиқии равуо доштани мусофирон, тартиб додани ҳисоботнокӣ ва мусоидат ба беҳбуди кори низом тариқи баргузории мониторинг унвон мешавад.





Қоҳир Расулзода, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон

РАСУЛЗОДА бо 40 нафар ба ТИРМИЗ рафт

Ба ҳайати Тоҷикистон, ки субҳи имрӯз ба Ӯзбекистон раҳсипор шуд, беш аз 40 нафар намояндагони вазорату идораҳои гуногуни кишвар шомиланд.

Сарвазири Тоҷикистон Қоҳир Расулзодаро дар ин сафар, ҳамчунин вазирони нақлиёт Худоёр Худоёрзода, энергетика ва захираҳои об Усмоналӣ Усмонзода, саноат ва технологияҳои нав Заробиддин Файзуллозода ва кишоварзӣ Иззатулло Сатторӣ ҳамроҳӣ мекунанд.


Дар шаҳри Тирмизи Ӯзбекистон имрӯз, 3 апрел ҷаласаи Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ байни Тоҷикистону Ӯзбекистон доир мегардад.

Дар ҷаласаи Тирмиз асосан масъалаҳои рушди ҳамкориҳои гуманитарӣ, густариши онҳо дар бахшҳои тиҷорату иқтисод, фарҳанг ва илму техника байни Тоҷикистону Узбекистон баррасӣ мешаванд.

Ба масъалаи амалисозии қарордодҳои қаблан ҳосилшуда байни кишварҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир хоҳад шуд.

Ёдрас мекунем, ки санаи 12 апрел сафари Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Тошканд ҷиҳати иштирок дар вохӯрии дуюми машвартии сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ ба нақша гирифта шудааст.

САРИ САБЗ



Рустам ГУЛОВ, коршинос:

-Андозро аз ҳисоби кӣ месупоранд? Аз кисаи мардум. Андоз аз ҳад зиёд, ки шуд, рушди корхона бозмемонад. Рушди корхона, ки бозмонд, дигар хизматрасонии дуруст расонда наметавонад...

-...хизматрасонии дуруст,ки нашуд, андоз намешавад. Аҷаб кӯчаи сарбаста...



Зафари СӮФӢ,шоири аз Иттифоқи нависандагон рондашуда:

-Солҳое фаро хоҳанд расид, ки мардум хоҳад гуфт, фалониро барои дидгоҳи фарқкунандааш аз ҳукумат, аз узвияти Иттифоқи адибон ихроҷ карда буданд.

-Нострадамус шаведу раведе... Ин солҳоро кай интизор бояд шуд?



Ортики ҚОДИР, ҳунарманд:

-Зелинский ҳамчун як ҳунарманди муваффақ дар риштаи ҳаҷв метавонад ба мардум некӣ кунад. Чаро ҳаҷвнигор президенти муваффақ набошад?

- Яъне, пешниҳод мекунед,ки Аловидинро ҳам дар интихоботи оянда номзад кунем? Боз "очам намондак" нагӯяд?

• Бег Сабур, сардори Хадамоти алоқаи Тоҷикистон гуфтааст, ки гузоришҳои охир дар бораи мушкилот дар кору зиндагиаш "ҳақиқат надорад".

Бег Сабур гуфт: “Ҳудуди дах рӯз дар Кӯлоб будам. Агар идораи андоз ҳам ба дари мо мухр мезад, ин корро метавонист. Аммо ин ҳама асос надорад. Мо ҳар моҳ андозро месупорем, мушкил ҷой надорад. Аз вазифа рафтани ман ин танҳо салоҳияти президент аст. Ман ҳанӯз намедонам, ки маро имрӯз аз раҳбарии Хадамоти алоқа озод мекунанд, фардо ё як соли баъд. Инро касе намедонад”.



• Пас аз якуним моҳи эътирозҳои густурдаи зиддидавлатӣ, Абдулазиз Бутафлиқа, Президенти бемори Алҷазоир рӯзи сешанбеи 2-юми апрел ба таври расмӣ эълон кард, ки аз мақоми худ истеъфо медиҳад.

Ба гузориши хабаргузории "Рейтерз", телевизиони давлатии Алҷазоир наворҳоеро пахш кард, ки нишон медиҳад Абдулазиз Бутафлиқа истеъфономаи худро ба раиси Шӯрои қонуни асосии он кишвар месупорад.

• Залмай Халилзод, намояндаи махсуси Амрико барои сулҳи Афғонистон мегӯяд, ки нақши кишвараш дар Афғонистон коҳиш хоҳад ёфт.

Халилзод гуфт, ки Амрико намехоҳад ба танҳоӣ раванди сулҳро дар даст дошта бошад ва кишварҳои дигар, аз ҷумла Русия низ метавонад дар ин замина ҳамкорӣ кунад. Аз ҷумла ӯ гуфт: "Барои ин ки як сулҳи давомдор дар ин ҷо кор диҳад, худи афғонҳо бояд масъулияти бештарро бигиранд ва ҳар тасмиме, ки сурат мегирад, фарогир бошад, то битавонад дар Афғонистон амалишаванда бошад".

БА ТАВАҶҶУҲИ ВАЗИРИ НАҚЛИЁТИ ТОҶИКИСТОН ХУДОЁР ХУДОЁРЗОДА
БА ТАВАҶҶУҲИ РАИСИ ШАҲРИ ПАНҶАКЕНТ ИСЛОМ ЗИЁЗОДА

Роҳи валангори МЎЛИЁН

чаро зиёрати оромгоҳи Рӯдакӣ душвор аст?

Дар рӯзҳои таҷлили Наврӯзи оламафрӯз бо дӯстон ба зодгоҳи Одамушшуаро устод Рӯдакӣ сафар доштем, аммо роҳҳои валангори расидан ба мақбараи ин бузургвор табъи болидаи наврӯзиамонро шикаст...



...Зану шавҳар Ҷонатан ва Мери вилосипедсавор ҷаҳонгардӣ мекунанд. Чун Мери шарқшинос аст, зимни сафар ба Панҷакент қарор дод, ки оромгоҳи падари шеъри форсиро ҳам зиёрат бикунад. Мо бо ин ҷаҳонгардон дар роҳи деҳаи Зери Ҳисор вохӯрдем, ки велосипедҳояшонро аз даруни лой кашола карда мебароварданд.

-Вақти рафтан ба мақбара роҳҳо хушк буд, бинобар ин, азоб накашидем, аммо пас аз боридани борон ин роҳҳо касногузар шуда, махсусан барои дучарха ноқулай аст, – афзуд Мери.

Ҳамчунин, ин ҷаҳонгардон афсӯс мехӯранд, ки мақбараи Одамушшуаро маълумотнома (буклет) ва нишони ёдгорӣ (магнит) надорад, ки онҳо бо худ бигиранд.

Воқеан, роҳи самти Панҷрӯд солҳост, ки хароб аст ва касе аз масъулини шаҳри Панҷакент дар пайи обод кардани он кӯшиш намекунад. Ин роҳ аз шоҳроҳи Айнӣ-Панҷакент 17 км тӯл дорад ва баъзе аз минтақаҳои он селрав буда, дар давраи баҳору тобистон касногузар мешавад.

Дар шаҳри Панҷакент масъули азнавсозӣ ва нигоҳдории роҳҳо Муассисаи давлатии нигаҳдории роҳҳои шаҳри Панҷакент мебошад, аммо як манбаъ аз ин ниҳод гуфт, ки ин идора қудрати таъмири ин роҳро надорад.

Ин манбаъ, ки ба хотири нигаҳдории ҷойи кораш аз ифшои номаш худдорӣ намуд, чунин мегӯяд:

«Муассисаи давлатии нигаҳдории роҳҳои шаҳри Панҷакент бо ҳайати роҳбарон ҷамъулҷамъ 65 коргар дорад. Табиист, ки ин миқдор кор-



ба он ҳанӯз сахту душвор аст ва харобии роҳу ҷодаҳо ва набуди васоили нақлияи вижа барои рафту баргашт ба он аз мавонеи пеши рӯйи гардишгарон ва зиёраткунандагони он мебошад.»

Ёдовар мешавем, ки оромгоҳи Сардафтари адабиёти классикии тоҷику форс Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (858 - 941), ки дар маркази деҳаи Панҷрӯд ҷойгир аст, аз бинои ҳашткунҷаи хиштӣ бо ҳуҷраи



гар имкони бунёди роҳро надоранд. Қувваи нокифои корӣ ва маоши кам сабаб шуда, ки ҳатто роҳҳои муҳими шаҳр солҳост азнавсозӣ ва таъмир нашудаанд».

Дар мавриди мушкили ин роҳ ҳатто Донишномаи озоди байналмилалӣ Википедия иттилоъ медиҳад: «Мақбараи устод Рӯдакӣ дар рустои Панҷрӯд дар Панҷакант ва 170-километрии шимоли шаҳри Душанбе воқеъ аст, ки албатта, масири расидан

якгумбаза ва галерея иборат аст. Соли 2008 ба муносибати 1150 - солагии шоир оромгоҳи Рӯдакӣ дар шакли ҳашзилъӣ ва гунбади фирӯзаӣ аз ҷониби устоҳои нишопурӣ бозсозӣ карда шуд.

Бисёр аҷиб аст, ки мазори Рӯдакӣ, падари шеъри форсӣ солҳои тӯлонӣ ношинохта монда буд ва баъдҳо замоне ки шӯри пардохтан ба забону ҳувияти миллӣ бори дигар пайдо шуд, аз рӯйи нишонаҳои тазкираҳову донистаҳои торихии навишташуда тавассути устод Садриддини Айнӣ пайдо карда шуд.

Будани мақбараи устод Рӯдакӣ дар Тоҷикистон бисёр муҳим аст ва он бояд нишон (герб)-и сайёҳии мо бошад, аммо чун дигар манотиқи сайёҳӣ ин мақбара ба таври бояду шояд тарғиб нашудааст. Роҳҳои валангору касногузар бошад, боиси кам будани теъдоди зиёраткунандагон мебошад.

Дар ин се соли «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» азнавсозии роҳи Панҷрӯд ногузир аст, зеро соли 2020-ум 5500 - солагии шаҳри Саразм таҷлил мешавад ва меҳмонони хориҷӣ дар баробари Саразм аз Панҷрӯд ҳам дидан хоҳанд кард...

О.СОҲИБЗОДА,
«Тоҷикистон»

МАВҚЕЪ



Абдумудассир АҲМАДЗОДА,
рӯзноманигор

Магар дар ТВ марг нест?

Аз ҷинси одамӣ дар ин ҷаҳон касе абадӣ нест ва ин формулаест, ки исбот намехоҳад(аксиома). Пас, чӣ ҳоҷат аст, ки дар ин бора ҳарф назанему аз марги нафаре мардумро огоҳ накунем?

Не, албатта ҳарф мезанем, вале танҳо дар байни худ, аҳёнаҳён дар газета ва ҳеҷ гоҳ дар телевизион. Намегӯем, ки “имрӯз дар синни фалон директори театри Лоҳутӣ Исо Абдурашидов тарки дунё кард, модари театри тоҷик Мушаррафа Қосимова дар синни 102- солагӣ аз олам рафт, собиқ директори нашриёти “Адиб” Фарҳод Каримов дигар бар байни мо нест...” ва ғайраву ва дигарон. Чаро? Ин падидаи “бехабарӣ” танҳо хоси ТВ -ҳои мост. Чаро мо дар ҳама кор аз Русия пайравӣ мекунему аммо дар ин маврид аз “шарики стратегӣ” ибрат намегирем? “Имрӯз фалон актёр, нависанда, сиёсатмадор... аз олам гузашт.Ӯ фалон- фалон корҳоро карда буд. Президент (ҳадди аққал, сарвазир) ба оилаи марҳум таъзия баён намуд” –чунин мешавад сархати хабарҳои муҳими рӯз дар ТВ-ҳои ин кишвар пас аз марги нафаре,ки ӯро одамон мешинохтанд. Ҳатто марги “пирамидасози” машҳур Сергей Мавроди дар телевизиони № 1 Русия, тариқи Шабакаи аввал ба бинандагон дар соатҳои аввалини вафоташ эълон карда шуд ва дар бораи “фаъолияташ” маълумоти муфассал низ пешниҳод гардид. Мо аз чӣ меҳаросем? Аз омадани марг ё аз гуфтани марг? Магар аз чизе, ки бояд ҳатман рух диҳад, ҳазар кардан маънои тарсончакиро надорад? ТВ манбаи ахбор аст ва марги ин ё он шахсият низ хабар аст. Мегӯянд, ки “хабари бад чор по дорад” ва ҳатман ҳамон бинандае, ки телевизионро тамошо мекунад, аз дигар манбаъҳо ин хабари нохушро мешунаваду ҳайрон мешавад, ки чаро дар ин бора телевизион нагуфт? Ҳатто, дар замон Шӯравӣ, ки онро барои сензураи сахташ ҳама мазаммат мекунанд, дар бораи даргузашти ягон нафари шинохта дар соатҳои аввалини маргаш хабар пахш мегардид. Гузашта аз ин, матни сӯгвории аъзоёни ҳукумат ва аъзоёни Бюрои сиёсии КПСС дар саҳифаи аввали нашрияҳо чоп мегардид ва аз тариқи ТВ намоиш дода мешуд. Аммо ҳоло аз додани ҳатто як хабараки кутоҳе дар бораи марги ин ё он нафар, ки характери иттилоотӣ дорад, ҳазар мекунем. Магар дар ТВ марг нест?

Як ҚАДАМ то ПРЕЗИДЕНТӢ

Бе шӯхӣ: Зеленский пешсафи интихоботи Украина шуд

Санаи 31 марти соли равон дар Ҷумҳурии Украина даври аввали интихоботи президентӣ баргузор гардид, ки тибқи хулосаи муқаддамотӣ ҳаҷвнигори шинохта Владимир Зеленский 30 дарсади раъйи мардумро ба даст оварда. Зеленский дар гузашта ҳеҷ гоҳ фаъолияти сиёсӣ надошт.



Тимошенко берун аз бозӣ

Петро Порошенко Президенти кунунии Украина бошад, бо дарёфти 17 дарсади раъй дар ҷои дувум ва Юлия Тимошенко – Сарвазири собиқи Украина бо 14,2 дарсад раъйи мардум дар ҷои севум қарор доранд. Ҳамин тавр, Комиссияи интихоботии Украина Порошенко ва Зеленскийро ба даври дувуми рақобат, ки санаи 21 апрели соли равон баргузор мешавад, роҳ дод ва Юлия Тимошенко аз сабқат берун шуд.

Мардуми Украина, ки аз ҷанги панҷсола дар шарқи ин кишвар хаста шудаанд, рӯзи якшанбе бо умеди қатъ шудани даргириҳо ба макони овоздиҳӣ омаданд. Аз ибтидо барои дарёфти курсии роҳбари ҷумҳурӣ дар ин кишвар 44 нафар ба рақобат баромаданд, аммо дар аввали моҳи март 5 нафарашон аз сабқат даст кашиданд.

Назарсанҷиҳо нишон медиҳанд, ки 35 миллион аҳолии қобили раъй дар Украина касеро Раиси ҷумҳур интихоб кардан ҳастанд, ки ба ҷанги панҷсола бо ҷудоиталабон хотима бидиҳад, бо фасоди идорӣ мубориза кунад ва ин кишвари Шӯравии собиқро аз рукуди сиёсӣ наҷот диҳад.

Зеленский: «Даври фасод гузашт!»

Пештозии Владимир Зеленский нисбат ба рақибонаш аксари коршиносонро ба андеша водор кард. Зеленский рӯзи якшанбе пас аз овоздиҳӣ, нисбат ба натиҷаҳои интихобот ибрози хушбинӣ кард ва гуфт, "даврai фасод дар Украина ба поён расидааст."

Владимир Зеленскийи 41-сола баъди баста шудани қитъаҳои раъйдиҳӣ дар ситоди интихоботии худ гуфт: "Имрӯз ҳаёти нав ва бидуни коррупсия оғоз хоҳад ёфт". Ӯ дар ҷавоб ба суоли он ки: Худро чӣ гуна эҳсос мекунад?»,, гуфт: «каме дар изтироб аст».

"Ман ҳам як одамам. Ҳамсар ва дӯстонам дар паҳлуям ҳастанд ва ин каме маро ором мекунад. Ин масъулияти хеле баланд аст. Ман медонам, ки масъулият чист. Барои ҳамин, ман... ман худамро хуб эҳсос мекунам", - афзуд ӯ.

Владимир Зеленский раҳбарии студияи "Квартал 95"-ро ба уҳда дорад, бо мазҳакаҳои шадидлаҳни сиёсиаш маъруфият касб кардааст. Ӯро як мудири муваффақ ҳам меноманд, ки бо донишу заҳматҳои шахсиаш тавонистааст ба як соҳибкори муваффақ табдил шавад.

Коршиносон ҳузури чунин як чеҳраи ғайрисиёсӣ ва мардумиро ба роҳбарияти як кишвари пасошӯравӣ умедворкунанда арзёбӣ мекунанд.

"Ин як навъи эътироз аст, эътироз ба элитаи сиёсӣ ва ҳукмрон. Мардум ҳамакнун мехоҳанд, ки чеҳраҳои нав ба саҳна бароянд ва онҳо дар бозиҳои сиёсӣ, муборизаҳои сиёсии гузашта аслан дастнадошта бошанд",-мегӯяд коршиноси масоили сиёсӣ.

Зеленский Рейгани дигар?

Мавриди ёдоварист, ки Владимир Зеленский нахустин чеҳраи ғайрисиёсӣ дар майдони сиёсии Украина нест. Виталий Кличко варзишгари машҳури украинӣ ва қаҳрамони чандкаратаи ҷаҳонии варзиш аз соли 2014 инҷониб мақоми шаҳрдори Киевро иҷро мекунад.

Пирӯзии ҳаҷвнигор Владимир Зеленский дар даври аввали интихоботи раёсатҷумҳурии Украинаро коршиносон як падидаи нав дар саҳнаи сиёсии ҷумҳуриҳои шӯравии собиқ арзёбӣ мекунанд.

Коршиносон мегӯянд, равандии нав, яъне вуруди чеҳраҳои ғайрисиёсӣ ба майдони сиёсат ва омодагии онҳо барои тағйир додани вазъ дар кишварашон баёнгари равандҳои ҷиддӣ дар демократикунонии кишварҳои пасошӯравӣ аст. Бархе ҳатто пирӯзии ҳаҷвнигор ва мунаққиди ҳукуматро ба пирӯзии ҳунарпешаи амрикоӣ Роналд Рейган (1981-1989) шабоҳат медиҳанд, ки баъди карйераи дарозмуддати ҳунарпешагӣ ба сиёсат ворид шуда, яке аз президентони хушноми ин кишвар шуд.

Порошенко - Президенти номаълум

Маҳз чунин унвон кардаанд, Президенти кунунии Украинаро коршиносон. Порошенкои 53-сола, яке аз сарватмандтарин афроди Украина аст ва дар натиҷаи эътирозҳое сари қудрат омад, ки моҳи феврали соли 2014 бо сарнагун шудани ҳукумати президенти пешини Украина Виктор Янукович анҷомид. Ӯ ҷонибдори ҳамгироӣ бо Ғарб буда, Русияро барои ишғоли Қрим, барангехтани низоъ ва дастгирии ҷудоихоҳон дар шарқи Украина танқид мекунад.

Порошенко талош дорад, ки кишвараш шомили Иттиҳоди Аврупо ва паймони низомии НАТО шуда, артиш тақвият ёбад, то имкони муқобила бо ҷудоиталабони зери ҳимояти Русия бештар шавад.

Ӯ баъд аз эълони натиҷаҳои назарсанҷӣ ё exit poll гуфт, эҳсоси ноумедӣ надорад.

«Ин дарсе барои ман ва дар маҷмӯъ барои ҳукумат аст. Ин сабаб мешавад, ки мо рӯи иштиҳоҳои худ кор кунем»,- гуфт Порошенко баъди эълони натоиҷи даври аввал.

Интихоботи бе тақаллуб

Комиссияи марказии интихоботи Украина эълон кард, ки дар бораи "қонуншиканиисистемавӣ" ягон шикоят нагирифтааст. Наталя Бернатска, дабири Комиссияи марказии интихобот, гуфт, «мавридҳои ҷудогона ҳаст, вале онҳо дар ҷараёни ҳар интихоботе вуҷуд доранд».

Мақомоти Украина гуфтанд, ҷараёни интихоботро беш аз ду ҳазор нозир аз 19 созмони байналмилалӣ ва 17 кишвари хориҷӣ назорат карданд.

Нозирони байналмилалӣ мегӯянд, интихоботи Украина рақобатӣ буд, аммо орӣ аз камбудӣ набуд. Дар ин бора Март Ван Дер Вен, раиси нозирони Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, рӯзи душанбе суҳбат кард.

"Ҳамкорони ман гуфтанд, раъйдиҳӣ ором ва муназзам сурат гирифт. Мардум ҳаққи озоди интихоб доштанд. Айни замон мо шоҳиди номзадҳое шудем, ки бо истифода аз матбуот ва маблағ рақибонашонро ҳимоят мекарданд. Яъне, камбуд вуҷуд, аммо интихобот бе тақаллуб сурат гирифт» , - гуфт ӯ.

Даври дувуми интихоботи Украина рӯзи 21-уми апрел баргузор мешавад ва дар он Владимир Зеленский ва Петро Порошенко байни ҳам сабқат хоҳанд кард. Дар мавриди натиҷаи интихоботи ин кишвар ба шумо иттилоъ хоҳем дод.

МАЪЛУМОТНОМА

Владимир Зеленский

Владимир Александрович Зеленский – актёр, комик, шоумен, продюсер, сенариянавис, тоҷир ва сиёсатмадори украин. Номзад ба интихоботи президентии Украина дар интихоботи соли 2019.

Ӯ 25 январи соли 1978 дар Кривой Роги Украина таваллуд шудааст.

Модараш Римма Владимировна Зеленская (тав. 1950) муҳандис ва падараш Александр Семёнович Зеленский (тав. 1947) математик, программист, доктори илмҳои техникӣ профессор мебошад. Владимир Донишгоҳи миллии иқтисодиёти Киевро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм карда, аммо ягон рӯз аз рӯйи ихтисос кор накардааст.

Ҳангоми таҳсил дар синфи 11 гуруҳи КВН бунёд кард, ки баъдан дар ҳайати чанд гурӯҳ бо чанд ном маъруф шуд. Билохира вай гурӯҳи ҳаҷвии «Квартал-95»-ро асос гузошт.

31 декабри соли 2018 Зеленский дар мавриди иштирокаш дар интихобот хабар дод ва 21 январи соли 2019 ҳизби «Слуга народа» Зеленскийро барои дарёфти курсии президентӣ пешбарӣ намуд. Ӯ бо дарёфти бештар аз 30 дарсади раъйи мардум ба даври дувуми интихобот роҳ ёфт.

Пётр Порошенко

Пётр Алексеевич Порошенко – тоҷир, миллиардер, сиёсатмадор ва Президенти Украина. Номзад ба интихоботи президентии Украина дар соли 2019.

Ӯ 26 сентябри соли 1965 дар Белград таваллуд шудааст. Мактаби миёнаро он ҷо хатм карда, маълумоти олиро дар Одесса ва Киев мегирад. Баъди хатми мактаби олӣ ба тиҷорат машғул шуда, дар оғози солҳои 90-уми асри гузашта чандин фабрикаи қаннодӣ бунёд кард. Дар муддати 20 сол империяи тиҷоратии ӯ тахти унвони «Рошен» барояш миллионҳо доллар фоида овард.

Дар охири солҳои 90-уми асри XX дар баробари тиҷорат ба сиёсат омад ва дар вазифаҳои мухталифи сиёсӣ ифои вазифа кард.

Соли 2014 баъд аз сарнагун шудани ҳукумати Янукович Порошенко Президенти Украина интихоб шуд. Дар интихоботи соли 2019 бо дарёфти зиёда аз 17 дарсади раъйи мардум ба даври дувум роҳ ёфт.

ДАРКУШОЙ кун, на ДАРБАНДӢ...

кӯтоҳтарин гузориш аз сафари дарози Президент ба Суғд

...Вақте ки дар бораи ин сафари Президент ба вилояти Суғд мақола навиштанӣ шудам, роҳгум задам, ки аз куҷо сар кунам. Зеро танҳо рӯйхати иншооту муассисаҳои фарҳангие, ки дар сафари охирини худ ба вилояти Суғд Президент дари онро ба рӯи мардум кушод, ду саҳифаи компютерӣ шуд.



Ӯ дар идомаи ин сафари серӯза анъанаи чандинсолаи худро тарк накарда, боз садҳо нафарро бо ҷои корӣ ва даҳҳо ҳазор нафарро ба хизматрасонии дастрас таъмин намуда, дар китоби худшиносии миллии мо чанд ҷумлаи нав илова намуд. Дар сарзамини



суғдиён Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аввалин шуда, Маҷмааи нави хизматрасонии «Баҳор»-ро дар шаҳри Бӯстон мавриди бахрабардорӣ қарор дод, ки сохтмони он моҳи сентябри соли 2017 оғоз гардида буд. Минбаъд дар ҳамин шаҳр муассисаи таҳсилоти томактабии хусусии «Гули наврӯзӣ»-ро, ки аз ҷониби соҳибкорон таъмиру навсозӣ шудааст, мавриди истифода қарор дод. Тавре маълум аст, вилояти Суғд нисбат ба дигар минтақаҳои кишвар дар сохтмони корхонаҳои саноатӣ пешсаф аст. Президент дар ин сафари худ боз ҳам дар шаҳри Бӯстон ба фаъолияти Корхонаи инноватсионӣ — истеҳсолии полиэтилении Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Суғдполитекс» оғози расмӣ бахшид, ки боз чандин нафарро бо ҷои кор таъмин менамояду ба истеҳсоли молҳои барои мардум зарурӣ мепардозад. Ҳамин тавр, оғоз гардид...

Президент дар шаҳри Хуҷанд, вақте ки Маркази ҷавонони ба номи Лоиқ Шералиро боз намуд, чунин иброз намуд: “Дар асоси нақшаи чорабиниҳои зикршуда дар вилояти Суғд ба истиқболи сисолагии Истиқлолияти давлатӣ сохтмону азнавбарқароркунӣ ва таъмиру тармими 6500 иншоот ба нақша гирифта шуда, то имрӯз аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳо, соҳибкорон ва дигар шахсони саховатманд беш аз 2200 иншооти таъиноти гуногун бунёду азнавсозӣ ва ба истифода супорида шудааст”. Яъне, суғдиҳоро то ҷашнгирии сисолаги Истиқлолияти давлатӣ боз 4 300 бурёкӯбони нав интизор аст.

Президент танҳо дар рӯзи 30 март дар ҳафт чорабинӣ дар шаҳри Бӯстон ва Хуҷанд ширкат намуд,ки аксари онҳо бо ифтитоҳи корхона ва ё боздид бо кӯдакони ятиму дидани боғҳои қаблан бунёдгардида бахшида шуда буд.

Бӯстон, Гулистон...Чӣ номҳои зебое,ки солҳи охир ба фехрасти номи маҳалҳои кишвар ворид гардиданд ва номҳои бегонаро аз сарзамини тоҷиконро дур андохтанд. 31 март бошад, Президент ба сафари кории худ ба шаҳри Гулистон идома дод ва дар ин ҷо низ аввал боғчаи бачагонаи “Парасту”-ро бо фотиҳаи сафеди худ ба парвози аввалин гусел намуд. Ӯ дар ин рӯз дар Гулистону ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар 10 чорабинӣ ширкат намуда, аз ҷумла, дари корхонаи арма-



турбарорӣ, беморхонаи нову Қасри фарҳангро боз намуда, дар ду маркази ноҳия ва шаҳр дирафши миллиро баланд кард ва ба рушди сайёҳӣ дар минтақа таваҷҷуҳ зоҳир намуда, “Ҷазираи Темурмалик”-ро зиёрат кард.

Шаш чорабинии дигаре, ки рӯзи 1 апрел дар вилояти Суғд бо иштироки Президенти мамлакат баргузор гардид, асосан ба ифтитоҳии маҷмааҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ бахшида шуда, дар ин рӯз Корхонаи бузурги равғанбарорӣ бо номи “25- солагии Истиқлолият” низ ба фаъолият оғоз намуд, ки барои рушди саноати кишвар манфиати калонеро дорост. Зеро дар ин ҷо аз ашёи хоми маҳаллӣ бо истифода аз қувваи кории мардуми маҳаллӣ маҳсулоти босифати маҳаллӣ истеҳсол карда мешавад.

Аммо Президент дар ин рӯз ба хонандаи синфи чоруми яке аз мактабҳои Хуҷанд бозии шашкаро “бой дод” , ки боиси хафагии худи “ғолиб” гардид...


Дирӯз бошад, Президент дар пайвастани ду соҳили Сир ширкат карда , боғи Камоли Хуҷандро то маҷмааи Исмоили Сомонӣ бо роҳи танобӣ пайванд намуд, ки ин маҷозан ду давраи таърихи мардуми тоҷикро бо ҳам васл кардан аст. Сафари даркушоиҳои Президенти ба вилояти Суғд идома дорад...

А. АҲМАДЗОДА,
"Тоҷикистон"

АЗ РӮЗГОРИ САРВАТМАНДОН

Уоррен Баффет

Уоррен Баффет 30-уми августи соли 1930 дар шаҳри Омахаи штати Небраскаи ИМА ба дунё омадааст.



Дороии ин соҳибкори амрикой то ба сентябри соли 2018-ум 108,4 миллиард доллярро ташкил дода, айни замон вай сеюмин одами сарватмандтарини сайёра ба ҳисоб меравад. Ӯ дар оилаи сиёсатшинос ва соҳибкор Говард Баффет таваллуд шуда, ҳанӯз аз 11 солагӣ дар бахши биржа ба тиҷорат машғул шуд. Бо ҳамроҳии хоҳараш ба харидани аксияҳо машғул шуда, сипас онҳоро бо нархи чанд баробар гарон ба фурӯш гузоштанд. Ҳамин боис шуд, ки сармояи аввалини худро ба даст оварад.

Соли 1965 Баффет пакети назоратии саҳмияи Ширкати «Berkshire Hathaway»-ро харидорӣ намуд. Сипас, солҳои минбаъда ба харидории саҳмияҳои ширкатҳои дигар шурӯъ намуд. Дар донишгоҳи Колумбия бо роҳбарии Бенҷамин Грэма таҳсил намуда, нозукиҳои ҳунари соҳибкориро бештар аз худ намуд. Шурӯъ аз соли 2004 бо Билл Гейтс - сарватманди дигари амрикой риштаи дӯстӣ дорад. Соли 2009 роҳи оҳани Burlington Northern Santa Feро бо арзиши 26 миллиард доллар харидорӣ намуд.

Соли 2015 Уоррен Баффет ва миллиардери итолиёвӣ Александр Прото ба 15 миллион евро ҷазираи юнонии Фоми муқаддасро, ки 1,2 км масоҳат дошт, харидорӣ намуданд. Онҳо нақша доранд, ки бо бунёди иншооти гуногун ин минтақаро рушд дода, пули бештаре кор кунанд.

21 феврали соли 2019 зимни харидории саҳмияҳо беш аз 4 миллиард доллярро аз ҳисоби болоравии нархҳо дар як рӯз аз даст дод. Вай ақида дорад, ки пешгӯӣ намудани вазъияти бозор имконнопазир аст. Барои муваффақ шудан ба инсон лозим меояд, ки сабру тоқат ва эҳтиёткориро пеш гирад ва принсипҳои муайянеро риоя намояд.

Соли 2012 табибон мавҷудияти бемории саратони зинаи дуюмро дар ӯ кашф намуданд. Вале пас аз чанд моҳ хабар дод, ки пас аз муолиҷаи 100- рӯза ба пуррагӣ шифо ёфт. Вай дар маркази шаҳри Омаха дар бинои 2 - ошёнае зиндагӣ мекунад, ки ҳанӯз соли 1957 харидорӣ намуда буд.

Таҳияи
Насрулло ТӮЙЧИЗОДА

НАСИҲАТ ХУБ АСТ, аммо амал беҳтар...

Солҳои охир тарбияи ҷавонон масъалаи аввалиндараҷа гардидааст. Шахсан ман фикр мекунам, ки пеш аз ҳама, мо ба баҳонаи он ки дар давлати демократии ҳуқуқбунёд зиндагӣ мекунем, аз идеологияи давлатдорӣ фарсахҳо дур мондем, махсусан дар тарбияи насли наврас.

Насли ҷавон асосан дар мактаб тарбия меёбад. Мо - насли калонсол нағз дар хотир дорем, ки дар мактаб линейкаҳои пагоҳирӯзӣ гузаронида мешуд. Дар ин ҷамъомад дружинаҳои пионерии ҳар синф бо навбат баромада, оиди рафтори хубу бади хонандаи синф, бадхоҳону аълохонҳо, прогулчию дарсгурезҳо, носкашу бучулбозҳо, хушахлоқу бадахлоқҳо кӯтоҳ-кӯтоҳ дар байни ҳамаи хонандагону муаллимони мактаб ахборот медоданд. Ба ғайр аз хондани дарс дар мактабҳо кружокҳои фаннӣ, шеърхонӣ, ҳаваскорони санъат, рассомӣ, суратгирӣ, шеърнависӣ, мақоланависӣ, истеъдодҳои ҷавон амал мекарданд, ки хонандагон дар ин ва ё он кружокҳо иштирок мекарданд. Аъзои ин кружокҳо касбҳои дӯстдоштаашонро омӯхта, ба ҳаёти оянда тайёр мешуданд. Беҳтарин рассомону санъаткорон, ровиёну шоирон, журналистон, суратгирону ҳаваскорони калонсоли мо касби ояндаашонро маҳз дар ҳамин кружокҳои мактабӣ интихоб мекарданд. Ман ҳамчун як шаҳрванд, нафақахӯр ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод мекунам, ки Кумитаи ҷавононро аз варзишу сайёҳӣ дар алоҳидагӣ ташкил кардан зарурат пеш омадааст. Вагарна дер хоҳад шуд, чунки шахсан баръало ҳис мекунам, ки аз рӯзҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ масъулини кумитаи ҷавонон аз ҳолу аҳволи мактабҳо умуман хабардор нестанд. Ҳушу гӯши ҳамаи кормандони ин кумита фақат ба варзишу сайёҳӣ банд аст. Сохторҳои Кумитаи ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо алоҳида шаванду шумораи кормандони он (штат) ақаллан 7 нафарро ташкил кунад, фикр мекунам, ки кори тарбияи насли наврас камаш 70- 80 фоиз ҳалли худро меёбад. Аз ҷумла, масъалаҳои даъват ба сафҳои Артиш ва никоҳҳои хешутаборию танзим ҳалли худро меёбанд.

Хонандагонро ба донишомӯзию касбомӯзӣ ватандӯстию меҳнатдӯстӣ ва аз қаҳрамониҳои мардуми Тоҷикистон сухан карда, онҳоро хеле дилгарм мекарданд. Ҳоло тақдири хонандаи мактаб фақат дар дасти директору муаллими мактаб мондаасту халос.

Қурбоналӣ САФАРОВ,
раиси Шурои собиқадорони ҷангу меҳнати ноҳияи Восеъ

ГАНҶ ДАР ВАЙРОНА

чаро Ҳакималӣ ба масҷиди Душанбе курсии сангин месозад?



Дар рӯзҳои таҷлил аз ҷашни Наврӯз, ҳангоми сайругашт чашмам ба нафаре афтод, ки дар лаби дарё ва гӯшаву канори кӯҳпораҳо ба ҷамъоварии ҳар гуна сангҳои одӣ ва назарногир машғул аст.

Ҳисси кунҷковиам боло гирифту пас аз шиносоӣ, мақсади ҷамъоварии сангҳоро аз ӯ пурсидам. Ҳангоми суҳбат маълум гардид, ки сокини ҷамоати деҳоти Заргари ноҳияи Кӯшониён Ҳакималӣ Камолов сангҳои ҷамъовардаашро барои сохтани ҳар гуна асбобу олоти рӯзгору ороиши боғу гулгаштҳо истифода мебурдааст.

Ҳакималӣ маро ба хонаи худ, ки аз макони ҷамъоварии сангҳо чанд фарсах дуртар буду кулбаи фақиронае буд, даъват кард.Ҳангоми ворид шудан ба ҳавлӣ, дар рӯи кат намунае чанд аз ҳунари дастии дар рӯи санг офаридаашро дида, ба қобилияташ офарин гуфтаму ҳамон гуфтаи машҳури "Ганҷ дар вайрона" ба хотир омад.

Аксари ҳунармандони касбу кори гуногун қобилияту истеъдодро пуштӣ мегӯянд ва аз падар ё бобояшон меросмонда медонанд. Аммо ҳангоми суҳбат Ҳакималӣ Камолов иброз дошт, ки "Ман аз хурдӣ умуман шавқу рағбати кандакорӣ ё ҳунари аз санг чизе сохтанро надоштам. Баъд аз шунидани суханҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оиди эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ба хулосае омадам, ки ҳамчун як шахси соҳибватан бояд дар ин ҷода аз худам саҳме гузорам. Баъди чанде аз кӯшишам намунае чанд аз зарфҳои рӯзгордорӣ ва равшандиҳандаҳои намудашон милливу дар дохилашон фурузонакҳои каммасраф насбшударо омода сохтам".

Ӯ ҳоло дар фикри он аст, ки барои дохили иншооти масҷиди ба номи Имоми Аъзами дар шаҳри Душанбе бунёдшудаистода як миз ва чанд курсиҳоро аз санг бо нақшу нигори миллӣ омода карда, пешниҳод намояд.

Ӯ дар озмуни "Ҳунари ороишӣ аз санг" бо дипломи Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардидааст. Ҳарчанд рӯзгори ин марди ҳамакнун ба шавқу завқи ҷидӣ ба кори заҳматбори аз санг сохтани олоти гуногун машғулбуда сахту сангин аст, аммо танҳо хостгори он аст, ки дар самти равнақи ҳунару касбаш аз ҷониби саховатпешае ё мақомоте бо чанде аз асбобҳои зарурии корӣ таъмин гардад.

Ҷомӣ ХАЛИФАЕВ,
вилояти Хатлон

«МАРШРУТКАҲОИ РЕЗИНӢ...»

вокуниш ба мақолаи ҳафтаномаи **"Тоҷикистон"**, шумораи **№7 (1310)** аз санаи **13** феврали соли **2019**

Муассисаи давлатии коммуналии «Душанбенақлиётхадамотрасон»-и шаҳри Душанбе дар робита ба мақолаи «Маршруткаҳои» резинӣ гунаҳгор кист: ронанда, мусофир ё БДА?", ки дар рӯзномаи «Тоҷикистон» шумораи №7 (1310) аз санаи 13 феврали соли 2019 рӯи чоп омадааст, чунин иттилоъ медиҳад.

Дар робита ба мақолаи дар рӯзномаи «Тоҷикистон» дарҷгардида маврид ба зикр аст, ки ШБДА РВКД дар шаҳри Душанбе аз 5 феврал то 5 марти соли ҷорӣ амалиёти «Микроавтобус»-ро бо мақсади ба танзим даровардани ҳаракати микроавтобусҳои мусофирбар гузаронида, аз натиҷаи амалиёти гузаронидашуда дар ҷаласаи назди муовини раиси шаҳри Душанбе – сарпарасти соҳаи нақлиёт санаи 21.02.2019 бо иштироки роҳбарони корхонаю ҷамъиятҳои нақлиётӣ маълумот дода шуда, муҳтавои он мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Дар робита ба ин ба роҳбарони корхонаю ҷамъиятҳои нақлиётӣ супоришҳои қатъӣ ҷиҳати бартараф кардани қойидавайронкуниҳои ҳаракат дар роҳ аз қабили: аз меъёр зиёд мусофир гирифтан, баромадан аз хати сайри муқарраргардида ва тавақкуф дар ҷойҳои номуайян дода шуда, ҳамзамон муваззаф карда шуданд, ки дар ин самт бо ронандагон корҳои тарбиявию фаҳмондадиҳиро анҷом дода, дар баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ ба мусофирон чораҳои таърихнопазир андешанд. Қайд кардан бомарвид аст, ки беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонӣ ва пешгирӣ кардани қоидавайронкуниҳо аз кумаку дастгирии худи шаҳрвандону мусофирон низ вобастагӣ дорад. Дар давоми моҳҳои январ-феврали соли 2019 барои ба қоидавайронкунии ҷиддӣ роҳ додан аз тарафи роҳбарони корхонаю ҷамъиятҳои нақлиётӣ нисбати як нафар ронандаи хатсайри №33 шартномаи ҳамкорӣ қатъ карда шуда, нисбати як нафар ронандаи автобуси №6 протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ татбиқ карда, 2 нафар ронанда ба муҳлати 3 рӯзи аз фаъолияти мусофиркашонӣ барканор карда шудаанд.

Роҳбарияти муассиса дар робита ба такрорёбии ҳамарӯзаи аз меъёри муқарраргардида зиёд савор кардани мусофирон дар микроавтобусҳои мусофирбар ва гирифтани пеши чунин қойидавайронкуниро танҳо дар ворид намудани тағйироту иловаҳо дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқ ва баланд бардоштани ҷаримаҳо, арзёбӣ менамояд.

Ҷ. ДАВЛАТОВ,
директори муассисаи «Душанбенақлиётхадамотрасон»



6 ТОҶИКИСТОН ХОНАНДА www.tajikistantimes.com №7 (1310) 13 феврали 2019

"МАРШРУТКАҲО"-и РЕЗИНӢ

гунаҳгор кист: ронада, мусофир ё БДА?

... "Маршрутка"-е, ки ба тарафи "Корвон" мерафт, бо хоҳиши мусофири ҷавоне ба қавле "мавз кард" ва аз он ҷавон бо як ҳаракати чусту чолоконае фарогир ба самте ғайб зад. "Хайрият, ҷой васеътар шуд" - аз дил гузарондаед мусофирони дигаре, ки танҳо бо як нигоҳ дост мехонд, будаанд. Зеро ҳарсеи сумкачаҳояшро боз кашида, бо рамзи парида ба ҳозирон ингоҳҳоянд гуфт:

-Пулаамро гиред, ҳозир ҳамон ҷавони нафармола бошад, чашмонаш бе чӣ будани, «ҳозир» ва «ҳамин ҳозир» ҳам, ки мисли дигарон аз дастаки болои "маршрутка" дошта овезон буд.

-Бисёр бад? –дилсӯзона пурсид зане, ки бахташ омад карда, дар курсии мусофирбар менишаст.

-Моҳонаамро гирифта будам... Чунин хоторро дар мусофирбарҳое, ки пур аз мусофирон асту аксаран рост меравад, мушоҳида кардан мумкин аст. Ин аст, ки дар шаҳри Душанбе бо мақсади ба танзим даровардани ҳаракати микроавтобусҳои мусофирбар аз 5 феврал то 5 марти соли равон чорабинии БДА-и пойтахт бо номи "Микроавтобус " идома дорад. Мақсад аз гузарониданиаш ин амалиёт пешгирӣ намудани ҳолатҳои аз меъёр мукарраргардида зиёд гирифтани мусофирон дар микроавтобусҳо, аз хатсайри муқарраргардида баромадани онҳо, бе ягонатнома мусофирқашонӣ кардан ва ғайра мебошад. Дар доираи ин чорабинӣ кормандони БДА 7 феврал ҳабдиҳгоҳи кафтаомаи "Тоҷикистон" ва сомонаи "Тоҷикистон таймс"-ро бо худ гирифтанд, ки чанд лаҳзаи ин маъракаҳро ҳамроҳгардӣ намуданд. Гуфтанӣ аст, мусофирбарҳо аз меъёр зиёд одам мегиранд? Ронандагони бадандаҳ? Мусофирони сарсема? Ё ягон омили дигар?

Дар ҳамин гузаронидани рейд ҳам бо мусофирон ва ҳам бо ронандагону кормандони БДА ҳамсуҳбат шудем.

-Чаро аз меъёр зиёд одам гирифтед? -Охир савор мешаванд, чӣ кор кунам?

Ба ҳамин савол мусофирон чунин ҷавоб медиҳанд:

-Ҳаво хунук буд, савор шудам...

-Корам зарур буд...

-Маршрутка дер омад...

Хулоса, ҳар кас баҳонаи худро дорад. Аммо агар фалокате рух диҳад, садҳамас ба амал оянд ва ё танҳе дар оғоз гуфтем, чиноятҳоре аз чунин ҳурсат истифода барад, гуноҳкор кист? Албатта, милитсия, ки назорат намекунад" - метавонд чафрдиагон. Аммо худи онҳо, ҳам ронандаю ҳам мусофир барои содир шудани чунин ҳолатҳо мусоҷат мекунанд. Баъд аз ин рейд танҳо ба як хулоса омадан мумкин: мо ҳанӯз маданияти шаҳрвандиро ба маданияти истифода аз наклиётӣ шаҳриро наомӯхтаем. Аммо рейди навбатӣ идома дорад ва шояд онро бо истифода аз фишангҳои дигар ояндаҳо? (сабти наворҳоро дар ин бора дар сомонаи http://tajikistantimes.com тамошо кунед)

А.АҲМАДЗОДА

ИСЛОҲОТИ ҲУҚУҚӢ

18 кодекс такмил ва тағйирот мехоҳад!

Мутобиқи Х.Ҳочаев, Ҳуқуқшиноси шинохта Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо номи «Исломи судию ҳуқуқ дар мустақил будан аст», ҳозид, дар боз чунин ақидашҳоро ихтизор будам. Ман низ ҳамчун ҳуқуқшинос дар қонунгузориҳои Тоҷикистон чандин тазоод ё чигиҳоро ноҳурдам. Ба ин далел метавон гуфт, ки шуруъ аз Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ то Кодекси мурофиавии гаразданӣ, ҷамъ 18 кодекс такмил ва тағйиротҳо тақозо мекунанд.

Барои мисол, дар моддаи 365-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ омадааст: - Паравандаи ҷиноятӣ ба тариқи кассатсионӣ аз тарафи суд дар ҳайати се нафар судя баррасӣ карда мешавад ва он чо котибӣ маҷлиси судӣ пешбинӣ карда нашудааст, аммо дар тачрибаи судӣ котиб ҳам менишинад. Аҷаб!

Дар моддаи 338-и Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин дарч гаридааст: «Тартиби маҷлиси судӣ дар судии маҳкилаи кассатсионӣ ва тадбиркӯи таъминкунандаи он тибқи кодексҳои модалаҳои (6) ва 62-и ҳамин кодекс муайян карда мешавад. Дар моддаи 339 бошад, омадааст, ки маҷлиси судӣ дар маҳкилаи кассатсионӣ мутобиқи кодексе, ки ҳамин кодекс барои гузарониданиаш маҷлиси судии маҳкилаи якум пешбинӣ намудааст ва бо дарназардошти кодексҳои дар ҳамин боб зикргардида гузаронида мешавад». Дар тарҳӣа чунин нест, яъне котиб менишинаду агон чӣ кайд намекунад. Вакте дархост карда мешавад, ки бо протоколи маҷлиси судӣ шинос шуданаш даркор, ҷавоб медиҳанд, ки кодекс пешбинӣ накардааст. Дар чунин ҳол ҳуқуқи тарафҳо поймол шуда, онҳо имконият надоранд, ки шикоятҳои назоратиро бо тартиби боло ба ҳулқунӣ расонидан ва дигар қирдорҳое, ки дар онҳо аломатҳои тарҳибии чиноят чой доранд, ошкор мешаванд.

Сафаров
Талбони МУНКӢ

ТАВАҶҶУҲ! www.tajikistantimes.tj СОМОНАИ ҲАФТАНОМА. Набзи Ватан дар дасти туст.

Хонандаи азиз! Ҳафтаномаи «Тоҷикистон» минбаъд низ робитаашро бо хонандагон ба роҳ монда, доир ба мушкилоти мавҷуда мавод омода карда, ба нашр хоҳад расонд.

Мушкилоте дорӣ, аммо намедонӣ ба кӯҷо мурочиат намоӣ?

Ба роҳбарони сохторҳои давлатӣ мурочиат кардӣ, аммо посухи рад гирифтӣ?

МУШКИЛОТ ДОРӢ? НАВИС! tojikiston@pressa.tj 238-54-51

ПАС, БА ҲАФТАНОМАИ «ТОҶИКИСТОН» НАВИС!

Хонандаи азиз! Ҳафтаномаи «Тоҷикистон» минбаъд низ робитаашро бо хонандагон ба роҳ монда, доир ба мушкилоти мавҷуда мавод омода карда, ба нашр хоҳад расонд.

Мушкилоте дорӣ, аммо намедонӣ ба кӯҷо мурочиат намоӣ?

Ба роҳбарони сохторҳои давлатӣ мурочиат кардӣ, аммо посухи рад гирифтӣ?

МУШКИЛОТ ДОРӢ? НАВИС! tojikiston@pressa.tj 238-54-51

ПАС, БА ҲАФТАНОМАИ «ТОҶИКИСТОН» НАВИС!

«БАРҚИ ТОҶИК» ва МУШТАРИЁН

чаро тавозуни масъулият вуҷуд надорад?

Бо ҷорӣ шудани маҳдудият дар таъмини аҳолӣ бо барқ дар давоми чанд рӯзи охир номи ШСХК "Барқи Тоҷик" аз нав вирди забон шуд.



Масъулони ширкати мазкур дар суҳбат ба журналистон ҷорӣ шудани маҳдудияти неруи барқро дар манотиқи кишвар тасдиқ карданд, вале гуфтаанд, ин маҳдудият муваққатӣ аст ва ба захира кардани об барои НБО «Роғун» ҳеҷ рабт надорад. Дар ширкати мазкур таъкид карда буданд, ки "маҳдудияти интиқоли неруи барқ дар рӯзҳои наздиктар, эҳтимол бо ҷашни Наврӯз, пурра лағв хоҳад шуд». Мутаассифона, ин ваъда иҷронашуда ва маҳдудияти истифодаи барқ бокӣ монд.

Илова бар ин, чанд рӯз қабл роҳбарияти ширкати мавриди назар ба мардум муроҷиат карда, напардохтани маблағи истифодаи неруи барқро монеаи асосии рушди соҳа арзёбӣ карданд. Мардона бояд гуфт, ки ин нигаронӣ асос дорад.

Зиёд шоҳид мешавем, ки аксарият шиква аз ШСХК «Барқи Тоҷик» ва зерсохторҳои он намуда, бечоранолӣ мекунанд. Вале боре ба худ савол намедиҳанд, ки оё онҳо муштарии бовичдонанд ва уҳдадориҳои хешро вобаста ба пардохти саривақтии маблағи истифодаи неруи барқ ба ҷой меоранд? Муътақидам аксарият дар посухи ин суол хомӯширо ихтиёр мекунанд.

Пайгирии масъала собит намуд, ки масъулиятшиносии ҳарду ҷониб ("Барқи Тоҷик" ва муштариён) «бо ҳар ду по мелангад»-у дар масъалаи мавриди назар "айб ҳам дар ошу ҳам мош аст".

Дар бобати масъулияти шаҳрвандон

Ба андешаи ин ҷониб, нисбатан сахт набудани муҷозот боиси он гардидааст, ки як идда дуздии неруи барқро мисли китобдуздӣ «савоб» медонанд. Мутаассифона, баъзе кормандони шабакаҳои барқ минҳайси «роҳнамо», бо пардохти маблағи дар муқоиса ба арзиши аслии неруи барқи истифодашуда ночиз дар раванд ширкат намуда, ба номи кормандони соҳа иснод овардаанд. Ин аст, ки баъзе шаҳрвандон кӯшиш ба харҷ медиҳанд, бо ин роҳ аз пардохти маблағи истифодаи ин муъҷиза дар канор монанд.

Чанде пеш вакилони ҳизби "Россияи воҳид», ки дар Федератсияи Россия ҳизби ҳоким маҳсуб мешавад, дар робита ба сахттар намудани муҷозот барои дуздии неруи барқ лоиҳаи қонун таҳия намуданд. Дар лоиҳаи қонуни зикршуда омадаст, ки дар сурати бо хоҳиши худ дар бораи дуздии барқ хабар додан ва чуброн намудани зарар, ҷавобгарии ҷиноятӣ бекор мешавад. Муқаррароти ҷадид ва меҳварии ибтикор он аст, ки барои дуздии неруи барқ ҷарима - аз 100 то 500 ҳазор рубли русӣ ё то панҷ сол корҳои ислоҳӣ ва ё то 6 сол маҳрумият аз озодӣ бо ҷаримаи то 80 ҳазор рубл таъин мешавад.

Дар баробари иқдомоти аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалишуда, ки бунёди неругоҳҳои зиёди хурду бузурги барқи обӣ, марказҳои барқу гармидиҳӣ, таъмиру бунёди инфрасохтори соҳа, роиҷ гардидани истифодаи лампаҳои каммасраф аз ҳамон ҷумланд, агар ҳамватанони мо дар пардохти маблағи истифодаи неруи барқ беш аз пеш масъулиятшиносӣ зоҳир мекарданд, «нуран алонур мешуд».

Вагарна, пайравӣ намудани субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории ҷумҳуриамон ба иқдоми ҳамтоёнашон аз Федератсияи Россия ногузир хоҳад буд.

> Tajikistantimes.com
>
> *Андешае вуҷуд дорад, ки як қисмати "талафоти неруи барқ" дар заминаи дуздии он ба вуҷуд меояду бо "мусоидат"-и баъзе масъулини соҳа расман талафот ҳуҷҷатгузорӣ мешавад.*

Доир ба масъулияти ШСХК "Барқи Тоҷик"

Эътироф бояд кард, ки фаъолияти ШСХК "Барқи Тоҷик" дар солҳои охир бо вуҷуди дастгириҳои Ҳукумати кишвар тамоюли беҳшавиро касб накард. Баръакс, талафоти неруи барқ ва сари вақт ҷамъоварӣ нашудани маблағи истифодаи он ҳамоно мушкилоти рақами як боқӣ монда, чунин ба назар мерасад, ки роҳбарияти ниҳод дар ҳалли онҳо оҷизанд. Бо дарназардошти ҳолати баамаломада созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Бонки ҷаҳонӣ ва Бонки осиёии рушд борҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон машварат дода буданд, ки дар ширкати мавриди назар ислоҳоти сохториро амалӣ намояд.

Тавре дар боло зикр шуд, Ҳукумати ҷумҳурӣ барои беҳшавии фаъолияти ширкати зикршуда ибтикори зиёдеро амалӣ намуда буд. Барои мисол, ҷиҳати кам кардани талафоти неруи барқ ва дурусту аниқ пеш бурдани ҳисоби он дар ҷумҳурӣ давра ба давра ҳисобкунакҳои барқии индуксионии дараҷаи саҳеҳияташон 2-2,5 фоизаи давраи шӯравӣ ба ҳисобкунакҳои ҳозиразамони электронии дараҷаи саҳеҳияташон 1,0 фоиза иваз шудаанд.

Ҳарчанд талафоти барқ дар ҷумҳурӣ айни замон мутобиқи омори расмӣ 14 фоиз арзёбӣ мешавад, вале ашхоси огоҳ муътақиданд, ки ин нишондиҳанда зиёда аз 20 фоизро ташкил медиҳад, ки ин омил боиси нигаронии ҷиддист. Андешае вуҷуд дорад, ки як қисмати "талафоти неруи барқ" дар заминаи дуздии он ба вуҷуд меояду бо "мусоидат"-и баъзе масъулини соҳа расман талафот ҳуҷҷатгузорӣ мешавад. Зимни пайгирии ин масъала маълум гардид, ки мавҷудияти талафоти воқеии неруи барқ дар навбати аввал ба самаранок истифода нагардидан ва ҷавобгӯйи талабот набудани воситаҳои ченак рабт дорад. Тибқи талаботи қонунгузорӣ ҳама воситаҳои ченаке, ки ба талаботи қонунгузории метрология рабт доранд, таҳти назорати хадамоти метрологӣ қарор мегиранд. Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад, ки воситаҳои ченаки таҳти назорати қонунгузории метрологӣ қарордоштаро то дар он гузоштани муҳри мутобиқат истифода барад ва ё барои истифода бурдан нигоҳ дорад. Вале, дар аксари шуъбаҳои Раёсати фурӯши барқи ШСХК «Барқи Тоҷик» ва зеристгоҳҳои баландшиддати барқии 500/220/110/35/10-и шабакаҳои барқии зертобеи он вазъи техникии воситаҳои ченкунӣ, таъминоти метрологӣ ва иҷроиши Нақша-чорабинӣ оид ба гузаронидани санҷиши давлатии ҳисобкунакҳои барқӣ ҷавобгӯйи талабот нест.

Мутахассисони соҳа бо шарти зикр нашудани номашон иброз доштанд, ки қисмати зиёди воситаҳои ченкунии нав ба ҷумҳурӣ вориду насб кардашуда ва пештар мавҷудбуда бидуни риояи муқаррароти қонун ва ҳуҷҷатҳои фавқуззикр, бе муҳру тамғаи санҷиши давлатӣ истифода мешаванд ва аксари зеристгоҳҳои баркӣ аз ҷиҳатӣ метрологӣ пурра бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин нестанд.

Дар ҳоле ки одитарин талаботи қонунгузории ҷумҳурӣ дар ин ҷода риоя намешавад, пас беҳбудиро дар самти коҳиши талафоти неруи барқ умедвор шудан мантиқан нодуруст аст.

Шоҳиди ҳол ҳастем, ки дар давоми солҳои охир тибқи лоиҳаи «Паст кардани талафоти энергия» бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути маблағҳои грантӣ барои аҳолӣ ва идораву корхонаҳои ҷумҳурӣ аз Ҷумҳурии Халқии Хитой ҳисобкунакҳои муосири барқии электронии 1 ва 3 ноқила харидорӣ ва насб карда шуданд.

Ҳарчанд тибқи талаботи мавҷуда муҳлати аз санҷиши мутобиқат гузаронидани қисмати аъзами онҳо фаро расида бошад ҳам, мутасаддиёни ШСХК «Барқи Тоҷик» ҷиҳати иҷрои он таври бояду шояд иқдом накарданд.

Мутахассисон аз он изҳори нигаронӣ менамоянд, ки ШСХК «Барқи Тоҷик» бо монометрҳои техникӣ ва ҳароратсанҷҳои монометрӣ барои трансформаторҳои пуркудрат таъмин нест. Шумораи термосигнализаторҳое, ки дар чунин трансформаторҳо васл шудааанду аз гармшавии аз ҳад зиёд бояд онҳоро ҳимоя намоянд, тибқи талаботи техникӣ нокифоя мебошанд, ки маҳз ҳамин омил боиси аз кор баромаданашон мешавад. Қисмати зиёди монометрҳои (выключателҳои) 110 ва 220 кВ, ки дар клеммаҳои воридотии трансформаторҳои пуркудрат васл шудааанду фишори равғани онҳоро бояд нишон диҳанд, солҳост, ки аз санҷиши давлатӣ нагузаштаанд ва дар аксари ин қабил трансформаторҳо умуман вуҷуд надоранд.

Ба ғайр аз ин, дар низоми энергетикии ҷумҳурӣ навъҳои гуногуни ҳисобкунакҳои баркӣ истифода мешаванд, ки ҳангоми санҷиш ва ё таъмири онҳо мутахассисон ба мушкилиҳои зиёд мувоҷеҳ мегарданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарияти ШСХК «Барқи Тоҷик» дастур дода буданд, ки «Сифат ва самаранокии кори Ширкати саҳомии холдингии қушодаи «Барқи Тоҷик» ва хусусан ҳолати иқтисодию молиявии ин ширкати бонуфуз бояд баланд бардошта шавад. Таваҷҷуҳи махсус ба фаъолияти роҳбарият ва кормандони Раёсати фурӯши барқ зоҳир карда шавад, то ки ҳолатҳои номатлуб, ба мисли азхудкунии ғайриқонунии маблағҳо, рӯйпӯш намудани дуздии муштариён, аз меъёрҳои маъмулӣ зиёд нишон додани талафоти технологию тиҷоратии неруи барқ аз миён бардошта шавад».

Мутманем, ки масъулини ШСХК "Барқи Тоҷик" дар оянда наздик мушкилоти мавҷударо бартараф ва супоришҳои дар боло иқтибосшудаи Пешвои миллатро иҷро менамоянд. Вақт довар аст...

Далер МЕРГАНОВ,
журналист

ОМАДУРАФТ



Табадуллоти исломӣ

Омадан садое надорад.

Вақти ба дунё чашм во кардан гиряе.

Вақти ба маснаде расидан муборакбодии хешовандон ва дӯстон.

Даҳҳо рӯзномаҳо, сомонаҳо, телевизионҳо тавлид мешаванду мемиранд.Сардабирон меоянду мераванд. Касе эҳсос намекунад. Онҷуноне парвози магасеро.

Рафтани Соҷидаи Мирзо ҷаҳонӣ шуд.

22 олим аз зовияҳои гуногуни дунё шаш моҳ ё бештар фаъолияти ӯро мӯ ба мӯ меомӯзанд ва номаи дастҷамъона менависанд. Бахше дониста, бахше ба доми фиреб афтода, бахше барои пул, бахше барои як табақча оши муфт. Танҳо ба хотири барканор кардани Соҷидаи Мирзо - роҳбари бахши тоҷикии радиои "Озодӣ".

Вазорати корҳои хориҷии абарқудрати дунёи дун - Амрико дусияи (досье) Соҷидаи Мирзоро тагурӯ мекунад.

Исломфурӯшони оппозитсияи исломии Тоҷикистон барои харидани лоббистҳои "кофар" аз оятуллоҳои Эрон пул меситонанд, то Шоҳдухтари мулки ОЗОДӢ - Соҷидаи Мирзоро аз тахт вожгун созанд.

Духтари оташ

Соҷида ҳанӯз замони донишомӯзӣ СИТОРА буд. Ба истилоҳи имрӯза - Мисс Университета. Бо ҳусни худодод, бо дониши фавқулода, бо назокати гули худрӯе, ки дар бозорҳои шаҳр набуд, бо ғурури шерона, ки на ҳар дилдода ҷасорати дуруд гуфтан дошт...

Мегуфтанд, ки шеър мегӯяд. Аммо худ ғазале буд, ки Худо дар ҳолати илҳом офаридааст.

Мегуфтанд, ки духтари кадом сарватмандест, ки аз дорогии худ меболад ва назараш касеро намегирад. Аммо худаш дороии гаронбаҳое буд, ки ягон тавонгар надошт.

Рақиби рафиқ

Маро аз донишгоҳи Тоҷикистон ронданд. Оре, ронданд. Барои исботи он ки рондани ман боиси сархамии бадхоҳони ман гардад, ба донишгоҳи машҳуртарини СССР - МГУ рафтам.

Баъди бозгашт, ёдам нест, баъди чанд моҳ ё сол дар рӯзномаҳо рисолаҳои пурмоҷароеро мехондам, ки дар зераш номи ҳамон ситораи донишгоҳ буд: Соҷидаи Мирзо.

Дар айёме ки дар садади таъсиси нахустин рӯзномаи мустақил будам ва ҳанӯз ҳатто номе барояш наёфта будам, аввалин касе, ки мехостам, ба кор даъват кунам ӯ буд: Соҷидаи Мирзо.

Ёдам нест музокира ва машварати мо чун буд? Ӯ бе нозу нуз барои кор ба рӯзномае, ки ояндааш рӯшан набуд, ризоият дод. Ман медонистам, ки бояд нозу нузи варо бардошт, зеро одамони боистеъдод маъмулан саркаш ва эркаанд. Ҳар гоҳе мехост ба коргоҳ меомад, мехост мерафт.

Дар идораи мо анъанаҳое ба мисли "посух навиштан ба мактубҳои меҳнаткашон", "мавзӯъро бо сардабир ҳамоҳанг кардан", мавзӯъҳои табу, шахсони бурун аз танқид набуданд. Сардабир ҳам мисли қозӣ ё доҳӣ набуд. Танҳо як менечер, ки бояд тамоми шароитро барои эҷод муҳайё бисозад, тамом. Шоҳу вазир - муаллиф ва боло аз ӯ танҳо ...Худо. Аллоҳу акбар!

Ҳар навиштаи Соҷида "Чароғи рӯз" - ро гул мекунонд. Ва дарди сар эҷод мекард. Вазирон, сармоядорон, рекетҳо ва авбошон, прокурорҳо ва судяҳо ё дари идораро мекӯбиданд ё дари манзиламро. Аммо бовар намекарданд, ки Соҷида ба касе итоат намекунад. Соҷида аз мақолааш даст намекашад. "Шумо чӣ хел начайлик?!" - ба ғазаб меомаданд бархе.

Як бор, ягон бор надидаам, ки Соҷида як мақолаи ордмиёна навишта бошад. Ҳар як мақолааш як бомба буд. "Ку гунаҳгорони баҳманмоҳ?" дар бораи даст доштани КГБ ба баҳманмоҳи хунин ва интервю бо як корманди баландрутбаи амният, "Эҳ Мирелла, Мирелла" дар бораи вазири савдо (вазирро баъди нашри мақола аз вазифа сабукдӯш карданд) Тоҷикистонро такон дода буданд. Кадомин аз офаридаҳои ӯро ёд оварам?

Агар ҷанг намешуд...

Тирамоҳи тира

Соли 1992 ҳукумати нав омад. Мо танҳо он замон як шумора чоп кардем ва он охирин шумораи "Чароғи рӯз" буд, ки дар Душанбе чоп гашт. Нақшаи шумораи навро кашидем. Аммо хабар омад, боевикҳо дари идораи моро шикастаанд ва дар даст акси кормандони газета (дар шумораи охирин сурати ҳама журналистон бо нақшаҳои эҷодияшон барои соли оянда дарҷ гардида буд) моро мечӯянд.

Душанбе бӯи хун мекард. Куштани одам аз куштани пашша осонтар буд. Ҳама ба ҳар сӯ парешон гаштем.

Ман ба Алмаато омадам. Баъд ба Маскав. Оҳиста - оҳиста ҳама ҳамкоронро пайдо кардам. Танҳо аз Соҷида хабаре набуд. Ҳазорон фикру хаёл аз сарам мегузашт. Аз ҳама пурсон мешудам. Рӯзе ӯ аз Сибир мужда дод.

Дертар нашри "Чароғи рӯз" - ро дар Маскав ба роҳ андохтем. Ба ҳамаи кормандон парвандаи ҷиноятӣ боз шуда буд. Гоҳ яке, гоҳ дигареро боздошт мекарданд. Ҳар лаҳза хатар буд. Дигар ман наметавонистам, ки амнияти онҳоро таъмин бинамоям. Мақолаҳои журналистонро бо имзоҳои мустаор чоп мекардем. Оҳиста - оҳиста ба ҳама дар расонаҳои дигар ё тамоман соҳаҳои дигар кор пайдо кардем.

Соҷида хабарнигори "Озодӣ" дар Маскав, баъд дар Душанбе шуд.

Шеф

Баъди чанде Соҷида роҳбари бахши тоҷикии радиои "Озодӣ" таъин гашт. Даврони фаъолияти Соҷидаро аксари ҳамкоронаш чун даври гулшукуфти радио медонанд. Ба ҷуз радио ӯ сомонаи нав, телевизион, фаъолияти густарда дар шабакаҳои иҷтимоӣ, методхои ҷадидтарини касбиро, аз қабили мултимедиа ба роҳ андохт.

Танҳо ном ва эътибори баланди Соҷида боиси он гардид, ки бюрои "Озодӣ" дар Душанбе ифтитоҳ биёбад. Метарсам, ки баъди рафтани мудири бонуфузи "Озодӣ" дари ин бюро баста нагардад.

Рақиби рафиқ

Дар замони роҳбарии Соҷида ду бор аз дӯстияш суиистифода кардаам. Як бор барои ба кор гирифтани Мирзои Салимпур. Бори дуюм, барои Абдуқаюми Қаюмзод. Абдуқаюм изтироболуд занг зад, ки ба хатои ҷиддие роҳ додааст ва шояд аз кор варо бironанд. Аз Маскав ба Соҷида занг задам, ки наҷоташ дех. Хушбахтона, Соҷида суханамро ба замин нагузошт.

Пасон боз ҷанҷоле барҳост. Вазорати умури хориҷии Тоҷикистон ба Қаюмзод рухсатнома барои фаъолият надод. Ба ман кормандони "Озодӣ" аз Прага гуфтанд, ки вазорат ба хотири шумо ба ин амал даст зад. Гарчанде ягон маротиба аз Қаюмзод, ки ҳам язна ва ҳам ҳамкорам буд, хоҳише накардаам, ки ину онро бинавис. Танҳо як бор гуфтамаш, ки рекламаи Кабириро бас кун, ки ба ягон бало гирифтор мешавӣ ва ба сарат рӯзи сахте бioяд, ба як ҷав туро мефурӯшад.

Ҳамин тавр ҳам шуд. Чун ӯро аз кор гирифтанд, Худо шоҳид, на танҳо ба хотири хешутаборӣ, балки ба хотири журналисти забардаст буданаш ва итминони он ки ӯро маҳз ба хотири ман аз кор маҳрумаш кардаанд, бар зидди Соҷида ҷанг эълон кардам.

Ҷанги беамон. Соҷида ягон бор ҳарфе ба рағми ман ба забон наовард.

Дертар фаҳмидам, ки маро фиреб кардаанд. Наҳсияти Кабирӣ ба Қаюмзод задааст, онҷуноне ки пешгӯӣ карда будам. Ҳукумат танҳо ба хотири рекламаи паёпаи раиси Наҳзат аккредитатсияи варо тамдид накардааст. Боз як пешгӯи дигарам: бисёр сиёсатмадорон, муҳофизони ҳуқуқи инсон ба дифои Қаюмзод бархостанд. Танҳо Кабирӣ худро канор кашид: "Ман намехоҳам бо дигар журналистон муносибатамро вайрон кунам".

Баъди фаҳмидани ин ҳақиқат ман аз Соҷида дар дидори рӯ ба рӯ бахшиш пурсидам. Ва баъдан дар мазраи ом.

Саре зеби дор

Дар рӯзҳое, ки як амалиёти густурда ба рағми Соҷида оғоз ёфт, ба ӯ занг задам. Хандид. Чун ҳамеша қоҳ-қоҳ зад:

- Ту ҳам мехоҳӣ ба ман таъзия баён кунӣ? Ин ҳама ба дилам зад. Ариза менависам ва меравам!

- Набояд ин корро кард.Ин маънои таслимро дорад.

...Дишаб шунидам, ки ӯ худаш ариза навиштааст.

Ҳайрон нашудам. Баъди сукуте ба худ гуфтам: Соҷидае, ки ман мешиносам, сархамиро намешиносад. "Хуни ман бар гардани туст!", - гӯён аз гиребони сардораш намегирад. Анонимка наменависад.

Саре, ки зеби дор аст, барои таъзими касе хам намегардад.

Офиси ВВС-и тоҷикиро роҳбарияти корпоратсия барои камшумор будани хонандагон ва шунавандагон дар Душанбе бастанд. Садое дарнаёмад. Гӯё буду гӯё набуд.

Аммо рафтани Соҷида заминларзае шуд, ки Тоҷикистонро такон дод.

Шағолакон пой мекӯбанд. Махсусан, гадоёни даргохи «чисто выбритый политик», ки барои писанд омадан ба душманони ислом, ришаш бисӯзад, аз риш пархез дорад. Ва соҳиби ҳамон "сомонаи муътабар", ки се сол, не шаб хоб дораду не рӯз, ки оби чашмаш замини Чехро захролуд кардааст.

Журналистони бомж аз муллои беришашон дуо мегиранд, то ба курсии ӯ биншинанд.

Аммо кӣ метавонад он номро, он номи баландро, ки СОҶИДАИ МИРЗОСТ, аз худ бикунад?!

Номе, ки дар саҳфаи дилҳо ва саҳфаи матбуоти тоҷик ҳаккокӣ гаштааст.

Чӣ рафтане...

Додоҷони АТОВУЛЛО

Террори МУАЛЛИМ

нисбати хоҳари худ, сохторҳо хомӯшанд...

Маҳмадрозиқ Сангинов, омӯзгори мактаби таҳсилоти умумии рақами 20-и деҳаи Фотеҳободи ҷамоати Бӯстони ноҳияи Мастчоҳ шоми 19 март, соати 18:20 бо ду писараш ба хонаи хоҳараш-Салтанат Ҷумъаева омада, ӯро латукӯб кардааст.

Ҳоло ӯ дар бемористон аст. Ба гуфтаи Исоазиз Ҷумъаев, ҳамсари Салтанат моҷаро замоне рух дод, ки ӯ намози шом мехонду ҳамсараш гов мечӯшид.



Барои замин хуни хоҳар ҳалол аст?

"Яке садои "зада куш, сахт сахт зан, зада куш.." гуфтани бародари ҳамсарам-Маҳмадрозиқ баланд шуд. Давида бароям, ки писарам Равшану ҳамсарам ба хун оғуштаанд. Бародараш ду писараш-Сафарбой ва Ғолибҷонро супориш дода истодааст, ки аммашон (Салтанат)-ро зада кушанд. Худаш дар даст арматур тарафи ҳамсарам кӯшиши ҳамла мекард, то ӯро нобуд кунад "-гуфт ӯ.

Оғози моҷаро аз куҷост?

Ба гуфти ҳамсари ҷабрдида, мушкилоти замин ва ҷанҷоли хусумати хоҳару бародар ду сол пеш ба миён омада буд. Он замон ду хоҷагии деҳқонии "Хоҷагии меҳр" ва "Сангин Сафар" фаъолият мекард. Аммо Маҳмадрозиқ Сангинов манфиатҳои шахсиро пеш гузошта, бе пурсиш ва розигии саҳмдорони хоҷагии деҳқонии "Сангин Сафар" ин хоҷагиро бо "Хоҷагии меҳр", ки худаш раиси он аст, муттаҳид мекунад. Дар натиҷа, ҳудуди 10 сотих замине, ки ҳоло хоҳараш Салтанат хонаи истиқоматӣ бунёд кардааст, ба ихтиёри хоҷагии Маҳмадрозиқ мегузарад.

Ин бародар барои аз худ кардани замин давоми се сол хоҳараш ва фарзандони ӯро мавриди латукӯб қарор медиҳад, то хонаю заминро тарк кунанд: -Соли 2016 аз ҷониби кормандони Кумитаи идораи замин, МИҲД-и ноҳия ва дигар мақомоти дахлдор комисия омад ва таҷдиди замин карданд. Заминҳои лалмиро обӣ карданд. Ваъда карданд, ки касе бе саҳм намемонад. Аммо аз сабаби дасти кӯтоҳ доштан мо бе саҳм мондем. Роҳбари "Хоҷагии меҳр" Маҳмадрозиқ, бошад 2,5 га замини обӣ", -нақл кард ҳамсари Салтанат.

Tajikistantimes.com

Мувофиқи ваъдаи раиси ноҳия, ба мо қитъаи заминни наздиҳавлигӣ медоданд ва мо аз ин мушкилиҳо халос мешудем. Аммо ду сол шуду аз ваъдаю амали он дараке нест.

Тағо дар мактаб ҷиянҳояшро мекӯфт...

Аз рӯи нақли Иссоазиз Ҷумъаев, борҳо фарзандонашро ҳангоми аз мактаб баргаштанашон Маҳмадрозиқ латукӯб кардааст: -Фарзандонам аз мактаб бо лабу лунҷи кабудшуда омаданд. Пурсидем, ки чӣ шуд ба шумо? Бо кӣ ҷанг кардед? Гуфтанд, ки тағои муаллимамон Маҳмадрозиқ зада ба ин ҳол гирифтор кард. Як рӯ таҳдид ба занам, як рӯ фишор ба фарзандонам маро маҷбур кард, ки аз Кумитаи идораи замини ноҳия сар карда, то мақомоти амнияти Мастчоҳ бо ариза мурочиат кунам. Аммо се сол боз ба доди ман касе намерасад. Вақте ба пеши прокурори ноҳияи даромада вазъиятро фаҳмонидам, гуфт:



-Дар қонун чораи пешгирикунанда нест. Мо танҳо баъди ҳодиса шудан чора меандешем. Ҳол он, ки ман бо мақсади ягон ҳодиса нашудан рафта будам. Модом, ки баъди ҳодиса шудан чора андешанд, он ба кӣ даркор? Ба дарди кӣ мехӯрад? Худо накарда, ман дар хона намешудам ва занамро мекуштанд, он вақт чӣ мешуд?

Солҳои 2015-2017 писарам Ҷумайён Равшан ба хотири соҳиби замин шудан барои хизмат ба ҳарбӣ рафт. Мувофиқи ваъдаи раиси ноҳия, баъди баргаштанаш аз хизмат ба мо қитъаи замини наздиҳавлигӣ медоданд ва мо аз ин мушкилиҳо халос мешудем. Аммо ду сол шуду аз ваъдаю амали он дараке нест. Шояд ба мо соҳиби замини худ шуда хона мепушидем, имрӯз ин кору ҳол ба сарам намеафтод? Далелҳои зиёд дорам, ки киҳо бо кадом роҳҳои соҳиби замин шудаанд, аммо шароити танги зиндагӣ дасти маро кӯтоҳтар кардааст, ки соҳиби як пора замин шуда, хона пӯшидан наметавонам.

Муаллим сари бародарашро зада кафонда буд

Рӯзе, ки ба беморхона барои асли ҳодисаро аз забони ҷабрдида ва шавҳараш шунидан рафтем, додари Маҳмадрозиқ-Маҳмадсодиқ низ дар он ҷо будааст. Ба гуфти номбурда, муаллим соли 2016 боз ҳам аз пушти замин ва чашмгуруснагӣ сари ӯро бо арматур зада даронидааст. - "Акои ман бо ҳолатҳои коррупсионӣ (далелҳо зиёданд ва дар ихтиёри редаксия низ нусхаҳо ҳаст) гектар- гектар замини саҳмро аз худ карда, додару хоҳари саҳмдорашро бе саҳм мондааст. Ман то дами қил аз хамир ҷудо шудан корбарӣ мекунам. То кай як пулдор, пеш аз ҳама, ба ҷони додару хоҳари худ, ки хунӣ ҳастем, ин хел муносибати ваҳшиёна мекунад? Чӣ хел мақомот дидаю дониста фарзанди ӯро,ки чиноят содир кардааст, ба фирор ба Россия имконият доданд? Ҳол он ки онҳо чинояти дастаҷамъона карда, як зан ва фарзанди ӯро зада, қариб ба ҳалокат расониданд. Агар ҳама чинояткорон пул дода гурехта гарданд, кӣ дар пеши қонун ҷавоб медиҳад?"-мепурсад Маҳмадсодиқ.

Айни замон Салтанат Ҷумъаева дар беморхонаи вилоятӣ, дар шаҳри Хуҷанд бистарӣ шудааст. Тамоми харочот ва давутози беморхона пурра ба зиммаи шавҳараш аст, ки ин болои сӯхта намакоб мебошад.

Фарзона МУРОДӢ,
ш.Хуҷанд

Фирӯза Ҳафизоваро дуруст ҷарима кардаанд

Прокуратураи генералии Тоҷикистон қазияи ҷарима шудани овозхони тоҷик Фирӯза Ҳафизоваро шарҳ дода чунин навишт: "Зодрӯзро танҳо дар доираи оила бояд ҷашн гирифт!".

Ёдрас мешавем, қазияи ҷарима шудани овозхон ҳанӯз аввалҳои моҳи феврал расонай гашта буд. Ҳафизоваро пас аз пайдо шудани як навор аз таҷлили зодрӯзаш дар интернет ба нақзи қонуни танзим муттаҳам карданд ва суд ҳам қарор дод, ки овозхон ҷарима шавад.

"Ҳафизова Фирӯза Мусоевна аз соати 20 то 23-и 12 декабри соли 2018 бар хилофи талаботи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" зодрӯзи худро бо даъвати дугонаҳою шиносҳояш дар манзили истиқоматиаш, воқеъ дар кӯчаи И.Сомонӣ, бинои 3, ҳучраи №64 ҷашн гирифтааст, ҳол он ки тибқи талаботи моддаи 8 Қонуни мазкур зодрӯз танҳо дар доираи оила бояд гузаронида шавад", - таъкид мекунад прокуратура. Прокурори ноҳияи Исмоили Сомонӣ нисбати Фирӯза Ҳафизова бо моддаи 481 қисми 1 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз кардааст, ки дар натиҷа ӯ ҷарима мешавад.

Прокурор гуфт, эътилоф розӣ нест...

Эътилофи зидди шиканҷа дар Тоҷикистон аз Прокурори генералӣ хостааст, он маъмурони милисаро, ки дар ҳузури онҳо Истад Қурбонова қасди худсӯзӣ карда буд, ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашад.

Фаъолони ҳуқуқ гуфтаанд, ходимони милисаи ноҳияи Айнии вилояти Суғд "чони ин сокини 68-соларо дар хатар гузоштанд". Дар ҳоле ки ба гуфтаи онҳо, Истад Қурбонова дар боздоштгоҳ аз ҷароҳати сӯхтагӣ ва фишори баланд азият мекашид, аммо ба ҷойи бемористон ба боздоштгоҳи шаҳри Истаравшан бурда шуд. Ҳодиса моҳи январи имсол рӯй дода буд. Прокуротураи ноҳияи Айнии вилояти Суғд охири моҳи феврал қарор кард, ки нисбат ба маъмурони милиса парвандаи ҷиноӣ боз нашавад. Мақомот гуфтанд, Идибой Зиёев, Саидалӣ Арбобов ва Абдуқодир Ғафуров барои "хунукназарӣ ҳангоми фаъолият" аз мақомҳои худ дар Шуъбаи умури дохилии ноҳияи Айнӣ барканор шуданд ва зарурати ифтитоҳи парванда нест. Аммо эътилофи зидди шиканҷа бо ин қарор розӣ нест.




НОН ҲАМ НОНУ НОНРЕЗА ҲАМ НОН

озмун барои дарёфти Ҷоизаи махсуси ҳафтаномаи "Тоҷикистон" - Нишони сарисинагии ба номи Муродуллоҳ Шерализода



НОН ДОРӢ, НОМ ДОРӢ!



Аз рӯи ривоятҳои асотирии то ба мо расида нон дар сархати тамоми мавзӯъҳои таваҷҷуҳи инсонро бедоркунанда аз замони пайдоиши Ҳазрати Одам (а) то ба ин дам қарор дорад. Чӣ хеле аз устураҳо бармеояд, аз биҳишти ҷовидон берун намудани Бобои Одам (а) ва Момо Ҳаворо ҳам сабаб истеъмоли донаи гандуме гардида...

Бузургии нон то ба ҷое расида, ки дар лаҳзаҳои душвортарини ҳаёт инсон дар радифи «Каломи Раббонӣ» бо нон қасам мехӯрад ва агар каломи «нон дорӣ, ном дорӣ» инсонро ба хайру эҳсон ва саховатпешагӣ даъват намояд, каломи «нимтаи нон роҳати ҷон» ӯро ба қаноатпешагӣ ҳидоят мекунад...

Чун сухан дар мавриди манзалати нон рафт, мехоҳам давоми қиссаро аз саргузашти хеш, ки ба рӯзи аввали қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи раъйпурсии умумихалқӣ рост омад, оғоз намоям.

Рӯзҳои 4-5-уми ноябри соли 1994 кишвар ба интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи раъйпурсии умумихалқӣ омодагӣ медид.

Банда дар он шабу рӯз вазифаи сардори милисаи минтақаи Сағирдашти ноҳияи Дарвозро ба дӯш доштам ва бо супориши сардори РКД ВМКБ аз паи корҳои идоравӣ ба шаҳри Душанбе рафта будам ва дар хонаи бародарам рӯзноманигор Ҳокими Азиз сукунат доштам.

Чун тамоми мақомоти милисаи кишвар дар он шабу рӯзи пеш аз интихобот ба таъмини бехатарии аҳолӣ дар кӯчаю хиёбонҳо ифои вазифа доштанд, рӯзи 5-уми ноябр барвақттар ба манзили сукунатам баргаштам. Соате пас Ҳокимбек ҳам омад ва гуфт, ки ду соат дар навбати нонгирӣ истод, вале ҳанӯз навбаташ нарасида нон тамом шуд. Чун гуруснагӣ дар кишвар ҳукмфармо буд, мардум бо ҳар роҳе набошад, мехостанд ақаллан як дона нон бештар ба даст оваранд. Сипас, Ҳокимбек боз ба нонвойхонаи паҳлуи фабрикаи «Ширин» рафт ва боз дасти холӣ, вале боумед баргашт, чунки қаровули нонвойхона ба ӯ хабар додааст, ки соатҳои 2-шаб ояд, шояд навбат камтар шавад.

Аз оғози шаб ману бародари хурдиам Ҳамидбек, ки дар ҳамсоягии бародари рӯзноманигорам зиндагӣ мекард, ҷисми хешро ба бистар партофтем ва соати яки шаби 6-уми ноябри соли 1994, ҳамагӣ шаш соат пеш аз оғози интихобот, Ҳокимбек омада моро бедор намуд. Чун ҳавои шабона ниҳоят сард буд, ҷома ба бар карда, ба тарафи фабрикаи қаннодии »Ширин» ҳаракат намудем.

Дар соати дуи шаб мардум чунон қатор истода буданд, ки аввали қатор ба назар намерасид. Чун қатор ҳеҷ аз ҷой намеҷунбид, дар қаторбудагон худро бо он тасалло медоданд, ки то ҳанӯз нон тайёр нест. Ду нафар марди ҷомапӯш, ки шукӯҳу салобаташон аз ҷаҳонбинии фарохашон дарак медод, чун ҳомии қонун қаторро аз назар гузаронида, мардумро ором карда, мегуфтанд, ки нон ба ҳама мерасад.

Умри гуруснагӣ кӯтоҳ асту таънааш дароз бигуфт яке аз он нафарон ва Ҳокимбек гуфт, ки ҳар ду ҳам устодони Донишгоҳи миллӣ мебошанд ва унвони доктори илмро доранд. Сипас, ҳар ду мард дар рӯ ба рӯи ман тағофул намуда, хоҳиш карданд, ки аз қатор берун шавам. Бародари хурдиам эътироз намуд, ки чаро ӯ аз қатор мебаромадааст, охир вай ҳам шаҳрванди ҳамин кишвар аст.

-Ӯ бо мо меравад ва дар пеши тирезаи мағозаи нонфурӯшӣ навбати нонгириро назорат мекунад.

-Устод, ба фикрам, шумо милисаро дар шаби тор ҳам мешиносед, - хандида гуфт бародари рӯзноманигорам.

-Чӣ шумо милисаед? - пурсиданд васиёни ман.

-Бале.

-Ин хел бошад, боз бехтар чунки риояи тартибу низомро аз милиса дида, касе бехтар намедонад.

Сипас, ман аз қафои васиёнам то ба назди он тирезаи мағоза рафтем ва дар ҳамон ҷо ман дидам, ки аз самти муқобил дар ҳамон нисфи шаб қатори занҳо ҳам истодаанд.

Устодон ба тахтаи даричаи нонвойхона ангушт заданд ва дӯкондор даричаро кушод.

-Ана ҳамин бародар милиса будааст ва риояи навбатро ба дӯши хеш мегирад...

Чун ман пеши тахтаи тиреза рост шудам, фурӯшанда шаш дона нони аввалро оварда, чунки ба як нафар аз шаш дона нон зиёд додан манъ буд ва бо рухсати банда онро зане аз тарафи рости қатор гирифта, ҷойи хеш ба дигаре дод. Сипас, бо ҳамин тартиб як нафар мард, аз тарафи чапи қатор ва боз аз тарафи рости қатор зане нон гирифта, шукр гуфта мерафтанд. Соате сипарӣ шуд ва қариб дар рафи охирин тахминан ҳаштод ё навад дона нони дигар монда буд, ки бародари хурдиам Ҳамидбек пеши даричаро дар навбат рост шуда, шаш дона нонро гирифта баромад ва боз аз сами рост зане соҳиби нон шуд. Сипас, Ҳокимбек пеши даричаро омад ва ҳиссаи хеш гирифта бадар рафт ва боз нафаре аз тарафи рост барои гирифтани нон даст дароз кард. Сипас ба фурӯшанда гуфтам, ки навбати худам омадааст...

Фурӯшанда пеш аз овардани ҳиссаи худам гуфт ба мардуми дар қаторбуда фаҳмонам, ки нони боқимонда барои 8-10 нафар мерасад ва дигарон баъди се соат биёянд. Паёмро ба гӯши дар қаторбудагон расонидам, вале касе аз ҷой нағунбид. Ҳиссаи хешро гирифта, ҳамроҳи бародарон ба хона омадем...

Интихобот ҳам гузашт, чун оромӣ ҳукмфармо гашт, дигар он азобу укубатҳо ва навбатпоиҳои барои нон ҳам фақат хотира шуданд. Ҳамин аст ҷозибаи осоиштагӣ, ки чун ҷозибаи оташ қалбҳоро гарм намуда, шуълаи умедро ба зиндагӣ фурӯзон медорад. Ба қадри ин осоиш ва ободии кишвар бирасед!

Шарифбек АЗИЗӢ,
нависанда

БЕХАБАР НАМОНЕД!

Ҷоизаи ба номи Муродуллоҳ Шерализода дар соли 2019 шуморо интизор аст



Хонандагони азиз! Озмуни «Нон ҳам нону нонреза ҳам нон» барои дарёфти Ҷоизаи махсуси ҳафтаномаи «Тоҷикистон» - Нишони сарисинагии ба номи Муродуллоҳ Шерализода идома дорад. Шумо метавонед, матолиби худро то 20 апрели соли равон ба озмун пешниҳод намоед. Матлаби шумо бояд қадри нон ва ба ин васила сарфаву сариштакорӣ дар ҳаёти инсонро инъикос намояд. Ба насли нав бифаҳмонад, ки инсон дар маҷрои зиндагӣ барои дарёфти қути лоямут чӣ қадар азият мекашад, ба чӣ душвориҳо рӯ ба рӯ мегардад. Бояд хонанда дарк кунад, ки бо сӯзан ҷамъ кардану бо панҷшоха бод кардан гуноҳ аст...

Ғолиби озмун сазовори Ҷоизаи ба номи Муродуллоҳ Шерализода ва 2000 сомонӣ маблағ мешавад.

МАТОЛИБИ ХУДРО БА СУРОҒАИ ЗЕРИН ФИРИСТЕД:
ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, Маҷмааи табъу нашри «Шарқи озод», ошёнаи 11, идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон»
ё почтаи электронии **tojikiston@pressa.tj.**

ТЕЛЕФОНҲО БАРОИ МАЪЛУМОТИ БЕШТАР:
238-54-51, 93-350-70-20

Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсатиТоҷикистон дар ислоҳоти қонунгузорӣ «маркази зеҳнӣ» гардида, дар соҳаҳои соҳибкорӣ, фаъолияти тиҷоратӣ ва ҳуқуқи байналхалқӣ мутахассис тайёр мекунад.

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

10-ГОНАИ БЕҲТАРИН МУАССИСАИ ОЛӢ

Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон самараи неки даврони Истиқлолияти кишвар маҳсуб гардида, дар тӯли 25 соли мавҷудияташ ба яке аз муассисаҳои бонуфузи соҳаи маорифи кишвар табдил ёфт.



Фаъолияти кулли самтҳои илмию таълимӣ ва тарбиявии донишгоҳ дар партави дастуру ҳидоятҳои созандаи Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба рушди илму маориф, таҳсилоти олии касбӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилот, омода намудани мутахассисони ҷавобгӯи бозори меҳнат ҷараёни бомаром касб намуда, дар ин ҷода Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон қадамҳои устувор мегузорад.

Донишгоҳ бо қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон №364 аз 5 августи соли 1993 таъсис ёфта, дар самтҳои ҳуқуқшиносӣ, муносибатҳои байналхалқӣ, сиёсати дохиливу хориҷӣ, хадамоти гумрукӣ, иқтисодиёт, идоракунӣ, соҳибкорӣ, молия, системаи ахборотӣ, инноватсия, телекоммуникатсия, муҳосибот, андоз, аудит ва ревизия кадрҳои соҳибтахассус ва ҷавобгӯй ба талаботи бозори меҳнат омода менамояд.

Имрӯз дар донишгоҳ 6 факултет, аз ҷумла сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ, инноватсия ва телекоммуникатсия, ҳуқуқшиносӣ, молия, баҳисобгирӣ ва андоз, бизнес ва идоракунӣ ва 29 кафедра фаъолият намуда, аз рӯи 33 ихтисос донишҷӯён ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Ҳамчунин, шӯъбаҳои магистратура аз рӯи 10 ихтисос, аспирантура аз рӯи 13 ихтисос ва докторантура (PhD) аз рӯи 14 ихтисос фаъолияти худро ба роҳ мондаанд.

Донишгоҳ имрӯз дар низоми ташаккули инфрасохтори инноватсионии таълиму таҳсилот ва корҳои илмӣ ҳамқадами замон буда, бо ин мақсад дар самти рушди пойгоҳи моддию техникии таҳсил ва омода намудани мутахассисони рақобатпазири бозори меҳнат ва ҷавобгӯи талаботи замони муосир тадбирҳои мушаххас амалӣ менамояд. Бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ба роҳмондани ҷараёни таълим ва автоматикунонии раванди назорату санҷиши дониш ва донишазхудкунӣ дар донишгоҳ низоми мукаммали шабакавӣ роҳандозӣ гардид.

Тибқи лоиҳаи барномарезии яке аз модулҳои барномаи ALFA - Express дар айни замон қабул ва гузаронидани ҷараёни имтиҳонотии фосилавӣ ва ниҳоӣ тариқи тестӣ ба роҳ монда шуда, ҳамзамон самтҳои раванди таълим автоматӣ кунонида шуданд.

Дар назди донишгоҳ Шӯрои диссертатсионии ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ аз рӯи ихтисоси иқтисодиёти минтақа амал мекунад.

Донишгоҳ дар қаламрави чумҳурӣ байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар радифи даҳгонаи бехтарин қарор дошта, узви Донишгоҳҳои Созмони ҳамкориҳои Шанхай мебошад.

Муҳимтарин дастоварди донишгоҳ дар таҳкими заминаи моддию техникӣ ду маротиба ташрифи Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба донишгоҳ маҳсуб меёбад.

Донишгоҳ дорои сомонаи расмӣ (www.tsulbp.tj) буда, тамоми мавод ва маълумоти вобаста ба самтҳои фаъолият дар ин сомона инъикос ёфтаанд. Ҳамаи компютерҳои донишгоҳ ба шабакаи Интернет бе маҳдудияти истифодаи шабонарӯзӣ пайваст буда, дастрасӣ ройгон аст.

Донишгоҳ ҷиҳати табодули устодонудонишҷӯён бо беш аз 50 муассисаҳои илмӣ ва таълимии кишварҳои хориҷи дуру наздик шартномаҳои ҳамкорӣ дошта, дар давоми 3 соли охир дар доираи лоиҳаи барномаҳои Иттиҳоди Аврупо 32 нафар устодон ва донишҷӯён ба хориҷи кишвар, аз ҷумла, ба Испания, Италия, Чехия, Британияи Кабир, Шветсия, Олмон, Эстония, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Қирғистон сафарбар карда шуданд.

Бо мақсади таъмини осоишу фароғати донишҷӯён маҳфилҳои дӯзандагии «Дастони моҳир», «Атлас ва адрасбофӣ», ансамбли созию овозии «Ошёни меҳр», театр-студияи «Парвози истеъдод» ва гурӯҳи рақсии «Хушхиром» амал мекунанд.

Дар назди донишгоҳ маҷаллаи илмӣ-назариявии «Ахбори ДДХБСТ», нашрияи «Маъвои хирад», нашриёти «Дабир» ва барномаҳои телевизионии «Кошонаи маърифат» ва «Набзи донишгоҳ» фаъолият мебаранд.

Ҷиҳати фароҳам овардани шароити хуби таҳсил барои донишҷӯён дар донишгоҳ 3 бинои таълимӣ, осорхона, китобхонаи илмӣ ва электронӣ, маркази тестӣ, озмоишгоҳҳо, лабораторияҳои компютерӣ, синфхонаҳои лингофонӣ, кабинетҳои таълимӣ, се толори маҷлис, марказҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ, хобгоҳ, бунгоҳи тиббӣ, парки технологӣ, варзишгоҳ, толори варзишӣ, нуқтаҳои хӯроки умумӣ амал менамояд.

Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ҳамқадами замон буда, дар даврai имтиҳоноти марказонидашудаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар соли таҳсили 2019-2020 барои интихоби довталабон ихтисосҳои нову замонавӣ ва ҷавобгӯй ба талаботи бозори меҳнатро пешкаш менамояд.

КЛАСТЕРҲО ВА НОМГӮИ ИХТИСОСҲО

Р/Т	РАМЗИ ИХТИСОС	НОМГӮИ ИХТИСОСҲО	ЗАБОНИ ТАҲСИЛ	НАМУДИ ТАҲСИЛ
КЛАСТЕРИ 1- “ТАБИӢ ВА ТЕХНИКӢ”				
1.	1-310304-08	WEB-дизайн дар графикаи компютерӣ	Тоҷикӣ	Рӯзона
2.	1-400101-02	Системаҳои автоматикунонидашуда	Тоҷикӣ	Рӯзона/ Фосилавӣ
3.	1-450101-03	Технологияи иттилоотию идоракунии телекоммуникатсионӣ	Тоҷикӣ	Рӯзона
КЛАСТЕРИ 2-“ИҚТИСОД ВА ГЕОРГРАФИЯ”				
1.	1-960101	Хадамоти гумрукӣ	Тоҷикӣ	Рӯзона/ Фосилавӣ
2.	1-250104	Молия ва қарз	Тоҷикӣ, русӣ, англисӣ	Рӯзона/ Фосилавӣ
3.	1-250104-02	Кори бонкӣ	Тоҷикӣ, русӣ	Рӯзона/ Фосилавӣ
4.	1-250104-03	Андоз ва андозбандӣ	Тоҷикӣ	Рӯзона/ Фосилавӣ
5.	1-250108	Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит	Тоҷикӣ, русӣ	Рӯзона
6.	1-250111	Аудит ва ревизия	Тоҷикӣ	Рӯзона
7.	1-250103	Иқтисодиёти ҷаҳонӣ	Тоҷикӣ, русӣ	Рӯзона/ Фосилавӣ
8.	1-250107	Иқтисодиёт ва идора дар корхона	Тоҷикӣ	Рӯзона/ Фосилавӣ
9.	1-260101	Идораи давлатӣ	Тоҷикӣ	Рӯзона/ Фосилавӣ
10.	1-260203	Маркетинг	Тоҷикӣ	Рӯзона/ Фосилавӣ
11.	1-260202	Менеҷмент	Тоҷикӣ	Рӯзона/ Фосилавӣ
12.	1-260201	Бизнес-маъмуриятчӣ	Тоҷикӣ	Рӯзона/ Фосилавӣ
13.	1-400102-02	Технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт)	Тоҷикӣ	Рӯзона/ Фосилавӣ
14.	1-400102-0201	Технологияи иттилоотии ҳисоби бухгалтерӣ	Тоҷикӣ	Рӯзона
КЛАСТЕРИ 3- “ФИЛОЛОГИЯ, ПЕДАГОГИКА ВА САНЪАТ”				
1.	1-230102-02	Таъмини забонии робитаҳои байнифарҳангӣ (сайёҳии байналмилалӣ)	Тоҷикӣ	Рӯзона
2.	1-230102-04	Таъминоти забонии робитаҳои байнифарҳангӣ (муносибатҳои сиёсииберунӣ)	Тоҷикӣ	Рӯзона
3.	1-230102-05	Таъминоти забонии робитаҳои байнифарҳангӣ (робитаҳои иқтисодии берунӣ)	Тоҷикӣ	Рӯзона
3.	1-230102-05	Таъминоти забонии робитаҳои байнифарҳангӣ (робитаҳои иқтисодии берунӣ)	Тоҷикӣ	Рӯзона
КЛАСТЕРИ 4-“ҶОМЕАШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚ”				
1.	1-240101	Ҳуқуқи байналмилалӣ	Тоҷикӣ/ англисӣ	Рӯзона/ Фосилавӣ
2.	1-240102	Ҳуқуқшиносӣ	Тоҷикӣ/русӣ	Рӯзона/ Фосилавӣ
3.	1-240103	Ҳуқуқи иқтисодӣ	Тоҷикӣ	Рӯзона/ Фосилавӣ
4.	1-230101	Муносибатҳои байналмиллалӣ (дипломатия)	Тоҷикӣ/русӣ	Рӯзона
5.	1-230106-02	Сиёсатшиносӣ	Тоҷикӣ	Рӯзона/ Фосилавӣ
6.	1-210301-05	Таърих (сиёсатшиносӣ)	Тоҷикӣ	Рӯзона/ Фосилавӣ

РАМЗИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАРКАЗИ МИЛИЛИ ТЕСТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ТАҲТИ РАҚАМИ 110 ҚАРОР ДОРАД.

ИНТИХОБИ ДОНИШГОҲИ МО – ҚАДАМИ БОЭЪТИМОД БА ОЯНДАИ ДУРАХШОН!

ИҚТИСОДИЁТИ Тоҷикистон

Шариф Раҳимзода, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, доктори илмҳои иқтисодӣ, узви ҳайати мушовараи ҳафтаномаи "Тоҷикистон" 60-сола шуд. Онҳое, ки бо ӯ дар бахшҳои муҳими иқтисодӣ, аз ҷумла бонкдорӣ кор кардаанду мешиносанд, Раҳимзодаро чун яке аз шахсиятҳои донишманд ва ислоҳотгар дар иқтисоди кишвар ва вакили фаъолу пуркор ном мебаранд. Суҳбати мо дар арафаи 60-солагии Шариф Раҳимзода бештар дар масоили бонкдорӣ, низоми савдо, андозу андозбандӣ ва дигар муаммоҳое, ки имрӯз ҷомеаро гиребонгир шудааст, сурат гирифт.



Шариф Раҳимзода, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия

Тағйирот дар кодексҳои андоз ва гумрук

- Шариф Махсумович, шумо чанде пеш дар ҷаласаи Иттиҳоди байнипарлумонӣ, ки дар Санкт - Петербурги ФР баргузор гардид, иштирок доштед. Ин чӣ гуна иттиҳод аст ва вазифааш аз чӣ иборат мебошад?

-Ҳамаи кишварҳои аъзои ИДМ дар якҷоягӣ Иттиҳоди байнипарлумониро ташкил додаанд, ки саридораи он дар шаҳри Санкт - Петербург ҷойгир аст. Мо дар доираи ин иттиҳод ҳамкории самарабахш дорем. Ин ҳамкорӣ дар таҳия ва тасдиқи қонунҳои намунавӣ ифодаи худро меёбад. Тақрибан дар як сол ду маротиба он ҷо ҷамъ омада қонунҳои намунавӣ омода ва барои тасдиқ ба роҳбарияти Иттиҳоди байнипарлумонӣ пешниҳод менамоем. Ин қонунҳо асосан унвонии кишварҳои аъзои иттиҳод ирсол мегарданд, то дар раванди қонунгузории худ истифода намоянд. Ман дар яке аз комиссияҳои иттиҳод муовини раис мебошам. Азбаски комиссияи мо комиссияи молия ва иқтисод аст, қонунҳои марбут ба соҳаи иқтисодиро мавриди муҳокима қарор медиҳем ва дар асоси онҳо ва вобаста ба хусусиятҳои хоси миллӣ ин ҷо метавонем аз онҳо истифода кунем.

- Аксаран роҳбарони воломақоми кишвар, ки ба Русия сафар мекунанд, бо муҳоҷирони меҳнатӣ дидор ва мулоқот мекунанд. Оё чунин мулоқот бо шумо низ сурат гирифт? Мавзӯи суҳбат чӣ буд?

- Албатта. Вохӯрии мо ҳангоми сафари охирин бо муҳоҷирон дар бинои Консулгарии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Санкт - Петербург баргузор шуд. Дар ин вохӯрӣ роҳбарони диаспораҳо, консули генералӣ Давлаталӣ Назирзода ва намояндаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо муҳоҷирон сарукор мегиранд, иштирок доштанд. Мавзӯи суҳбат гуногун буд: аз ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирон то ҳалли будубоши онҳо ва проблемаи надонистани забони русию қонунҳои ФР. Аз ҷумла пешниҳод шуд, ки дар шаҳри Санкт - Петербург марказе кушода шавад, то муҳоҷирон баробари омадан забони русӣ, фарҳанг ва қонунҳои кишвари будубошро омӯзанд. Албатта, пеш аз рафтан онҳо бояд дар Тоҷикистон инро омӯзанд, аммо мушкилот дар он аст, ки баробари хатми мактаби миёна озими Русия мешаванд. Яъне, муҳоҷирони мо бидуни омодагӣ рахти сафар мебанданданд.

- Шумо раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия ҳастед. Бигӯед, ки ҳоло вакилон таҳти роҳбарии шумо кадом қонуни вобаста ба иқтисодро омода карда истодаанд?

- Ин лоиҳаи қонун дар бораи танзими давлатии нархгузорӣ аст. Онро аллакай як маротиба ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол кардем. Ин лоиҳа бо тағйиру иловаҳо ба мо баргашт. Ҳоло комиссияи парлумонӣ дар болои он кор карда истодааст.

- Метавонед моҳияташро барои хонандагон шарҳ диҳед?

- Бале, танзими нархгузорӣ дар ҳолатҳои алоҳида зарур аст. Албатта, нархро имрӯз бозор муайян мекунад. Аммо ҳар гуна овозаву равандҳои нобаҳангом дар бозорҳои дохиливу хориҷӣ метавонад ба нарх таъсир расонад. Ин омилҳо метавонанд сунъӣ ё воқеӣ бошанд. Дар чунин ҳолатҳо давлат бояд вориди бозор шуда, бо истифода аз имкониятҳои худ ба нарх таъсир расонад.

- Чанде пеш лоиҳаи ду қонун - Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як ҷаласаи вакилони парлумон мавриди муҳокима қарор гирифта, ба он тағйирот ворид шуд. Мушахасан мегуфтед, ки ин чӣ тағйирот аст ва кадом бахшҳоро фаро мегирад?

- Дар ҷаласаи Маҷлиси намояндагон тағйирот ба кодексҳои андоз ва гумрукро баррасӣ ва қабул кардем. Ин дар заминаи супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз Паёми ӯ ба Маҷлиси Олӣ бармеояд, озод намудани воридоти ашёи хом аз хориҷи кишвар аз андоз аз арзиши иловашуда ва пардохтҳои гумрукӣ мебошад. Номгӯи ашёи хоми воридотшавандаро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

- Имрӯз вазъи бозор ва низоми нархгузорӣ дар Тоҷикистон бо ду пой меланғад. Соли ҷорӣ қариб тамоми намуди хизматрасониҳо, аз ҷумла об, барқ то маҳсулоти ниёзи мардум ба маротиб боло рафт. Ҳамчун донишманд дар риштаи иқтисод ва собиқ вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон сабабҳои инро дар чӣ мебинед? Чӣ бояд кард, ки нарх дар бозор танзим шавад?

- Ба андешаи ман, мушкилӣ дар ташкили низоми савдо аст. Мо бояд захираҳои ба бозор таъсиррасонро дошта бошем. Масалан, тағйир ёфтани нархи сӯзишворӣ вобаста ба якбора ворид шудани ҳаҷми бештари он аст. Бо Туркманистон мушкилӣ доштем ва мошинҳои пурбори сӯзишворӣ дар он ҷо банд монд. Ин боис ба боло рафтани нарх дар дохили кишвар гардид. Вақте ки бо дахолати Президенти кишвар ин мушкилӣ ҳал шуд, сӯзишворӣ якбора дар ҳаҷми зиёд ворид шуд ва нарх ба таври табиӣ поён рафт. Албатта, ҳамасола нархҳо майли болоравӣ доранд, зеро захираҳои моддӣ қимат мешаванд. Нарх ҳар сол дар дунё ба ҳисоби миёна 2-3 фоиз боло меравад. Вале зарур аст, ки ин болоравӣ муназзам ва якхела бошад. Ё мисоли дигар, дар аввали тирамоҳ якбора дар бозорҳои дохилӣ поён рафтани нархи ангур аст, ки вобаста буд ба бадшавии вазъи сиёсии кишвари ҳамсоя ва надоштани имкони содироти он ба кишварҳои Осиёи ҷанубӣ. Гарчанде баъзе соҳибкорони афғонӣ ҳаҷми муайяни ангурро пешпардохт карда буданд, дар вақти зарурӣ ҳозир нашуданд. Бинобар ин, соҳибкорони мо натавонистанд маҳсулоти худро ба бозорҳои хориҷӣ бароранд. Бозори дохилӣ бошад, иқтидори зиёд надорад. Ин аст, ки нархи ангур якбора поён рафту соҳибкорон қисман зарар диданд. Албатта, вобаста ба мавсим ҳам метавонад нархҳо тағйир ёфта истад, вале ин тағйирёбӣ набояд зиёд бошад. Солҳои пеш, вақте ки имкониятҳои давлат кам буд, фарқ байни нархҳои болоӣ ва поёнӣ хеле зиёд буд. Хушбахтона, оҳиста - оҳиста аз ин вазъият баромада истодаем. Сохторҳои ҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ бо истифода аз имкониятҳои нигоҳ доштани маҳсулот, сари вақт ворид кардани он, ташкили сардхонаҳо ва ғайра ба нархи бозор таъсири мусбӣ мерасонанд. Асосан савдо низоми ғайридавлатӣ аст. Масъулине, ки дар бозор фаъолият доранд, муваззафанд бозорро бо ҳаҷми муайяни маҳсулот таъмин намоянд. Аз ҷониби дигар, дар таҷрибаи ҷаҳонӣ давлатҳо бо ташаккули захираҳои эҳтиётӣ ва роҳҳои маъмурӣ дар ҳолатҳои зарурӣ нархҳоро танзим менамоянд.

- Аз рӯи маълумоти оморӣ, имрӯз тавозуни воридоти мол ба кишвар ба маротиб зиёд шудааст. Яъне, содироти молу маҳсулоти кишвар ба хориҷ ба таври чашмрас нест. Асъор бештар ба берун меравад. Чаро?

-Аввалан, бозори ҷаҳонӣ пурра тақсим аст. Дар ин бозор ҷойҳо маълуманд. Дуюм, солҳои охир шумораи корхонаҳо дар кишвар зиёд шуда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот рӯ ба афзоиш дорад. Масалан, чанде пеш мо дар як сол қариб 2 миллион тонна сементро аз берун ворид мекардем. Имрӯз баръакс, содирот мекунем. Ҳар сол то 30-40 фоиз истеҳсоли ангишт зиёда карда мешавад. Аммо маҳсулоте ҳаст, ки вобаста ба имконият истеҳсоли онро зиёд карда наметавонем. Аз ҷумла, ҳар қадар ҳаракат кунем ҳам, истеҳсоли гандумро афзоиш дода наметавонем. Зеро аз як ҷониб масоҳати заминҳои корам маҳдуд аст, аз ҷониби дигар бо сабаби пурра ба талабот ҷавобгӯй набудани сифати гандуми истеҳсоли дохилӣ хоҳу нохоҳ зарурати хариди ҳаҷми муайяни гандуму орд аз беруни кишвар ба миён меояд. Агар ба фарқияти содироту воридот баҳо диҳем, бояд фарқи онро дар қарзи берунаи кишвар ҷустуҷӯй кунем. Масалан, дар соли 2018 ҳаҷми содирот 1073,3 млн. доллари ИМА ва воридот 3149,6 млн. доллари ИМА-ро ташкил дода, фарқи он ба 2076,3 млн.доллари ИМА баробар шуд. Агар чунин аст, бояд қарзи хориҷии Тоҷикистон ба ҳамин ҳаҷм зиёд мешуд, вале он ҳамагӣ 45,2 млн.доллари ИМА (2924,2 – 2879,0) зиёд шудасту халос. Сабаб ин аст, ки ҳоло мо дар низоми куҳнаи ҳисобдорӣ қарор дорем. Ин низом меҳнатеро, ки дар хориҷи кишвар мекунем, ҳамчун мол ба инобат намегирад. Дар низоми нави ҳисобдории байналмилалӣ, ки аз соли 2008 дар кишварҳои

ИСЛОҲОТ мехоҳад

дигар татбиқ мегардад, меҳнати шаҳрвандон дар хориҷи кишвар ба сифати фурӯши маҳсулот, яъне хизматрасонии хориҷӣ ба инобат гирифта мешавад. Ҳамаи маблағҳое, ки аз хориҷи кишвар ворид мешаванд, чӣ аз аз фурӯши маҳсулоти содиротӣ ва чӣ аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ, барои пушонидани касри тавозуни пардохт ё фарқи содироту воридот истифода мешавад. Дар кишварҳое, ки ба низоми нави ҳисобдорӣ гузаштаанд, чунин маблағҳо ба даромадҳои содиротӣ ворид мешаванд.

- Ҳоло қарзи хориҷии Тоҷикистон чӣ қадар аст?

- 2924,2 млн.доллари ИМА, ки тақрибан ба 40%-и ММД баробар аст. Ин дар ҳолест, ки қарзи давлатии Амрико 102%, Япония 240% аст.

- Умуман, меъёри байналмилалӣ чанд фоиз аст?

- То 60%.

- Аммо Хазинаи байналмилалии асъор ба Тоҷикистон ҳушдор додааст, ки меъёри қарзаш аз 60 фоиз ҳам убур кардааст.

- Ин замоне садо дод, ки мо аз бозори ҷаҳонӣ 500 миллион доллари ИМА қарз гирифтем. Вале мақсадҳои қарзгирӣ гуногунанд. Қарзи болоӣ барои идомаи сохтмони НБО "Роғун" буда, сарчашмаи бозгашт дорад. Қарзҳои дигари гирифтаи Тоҷикистон низ самти истеҳсолӣ доранд. Дар чунин ҳолат баргардонидани онҳо асосан мушкилие надорад. Мо метавонем барои бунёди корхонаҳо, рушди истеҳсолот ва умуман дигар намуди фаъолият қарз гирем.

- Бештар кадом институтҳои молиявии ҷаҳон ба Тоҷикистон қарз медиҳанд?

- Бонки Осиёии рушд ба кишвари мо қарзу грантҳои зиёд додааст дода истодааст. Бонки ҷаҳонӣ, Бонки аврупоии тачдид ва рушд, Бонки исломии рушд, фондҳои арабӣ ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ низ кишвари моро дастгирӣ менамоянд. Боз қарзҳои дуҷониба, ки бештарашро мамлакати Чин ва як қисмашро Русия ва дигар кишварҳо ба Тоҷикистон додаанд.

- Имрӯз коршиносон, таҳлилгарони масоили иқтисодӣ аз мураккаб будани Кодекси андози Тоҷикистон изҳори нигаронӣ мекунанд ва онро ниёз ба такмил ва сабукӣ ба соҳибкорон медонанд. Назари шумо дар ин маврид чист? Оё воқеан он ниёз ба тағйирот дорад?

- Низоми андоз, андозбандӣ ва Кодекси андоз дар тамоми ҷаҳон пайваста мавриди омӯзиш қарор доранд. Ман дар кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Аврупо кору зиндагӣ доштам. Вақте ки дар Белгия фаъолият мекардем, аз ҷумла низоми андозбандии онро омӯхтем. Дар он ҷо меъёрҳои андозситонӣ хеле баланданд. Меъёри андоз аз даромад то 50% ва андоз аз даромади шахсони воқеӣ то 24% аст. Агар сатҳи даромад зиёд бошад, он боз ҳам баландтар мешавад. Аслан меъёри ситонидани андоз вобаста ба нақша ва имкониятҳои молиявии ҳар кишвар аст. Агар дар кишвар ҳама манбаъҳои андозбандишаванда фаро гирифта шуда бошанд, яъне ҳама дар доираи қонун андозҳоро супоранду ҳукуат ҳамаи ин маблағҳоро барои пешрафти ҷомеа ва иқтисод сарф кунад, паст кардани меъёри андоз боиси кам шудани даромадҳои буҷет мегардад. Дар чунин ҳолат ҳукумат маҷбур мешавад, ки маошу нафақа ва хароҷотҳои дигари аз буҷет пардохташавандаро кам кунад. Албатта, ба ин касе розӣ нест. Дар баъзе кишварҳои аврупоӣ маҷбур шуданд маошу нафақаҳоро қисман кам кунанд. Масалан, чанд соли пеш ҳукумати Юнон маҷбур шуд чунин рафтор кунад, ки боиси норозигии мардум аз сиёсати ҳукумат ва эътирози онҳо гардид. Бинобар ин, пеш аз он, ки меъёри андозеро паст кунем, бояд ба ҷойи он сарчашмаи дигари пур кардани буҷетро пайдо намоем. Ҳукумат байни андозсупоранда ва онҳое, ки аз ҳисоби буҷет, аз қабили муаллим, духтур, нафақахурон, донишҷуён, кормандони сохторҳои қудратӣ ва ғайра маблағгузорӣ мешаванд, танҳо миёнарав аст. Асосан буҷети мо хусусияти иҷтимоӣ дорад ва кам кардани хароҷотҳои он ба хотири поён бурдани меъёри андоз ба мардуми осебпазир таъсири манфӣ мерасонад.

-Агар дар муқоиса бо кишварҳои Осиёи Марказӣ гирем, меъёри андоз дар Тоҷикистон чӣ гуна аст?

- Дар Тоҷикистон он нисбати Қирғизистону Қазоқистон баландтар аст. Аммо бояд дар назар дошт, кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ӯзбекистону Қазоқистон захираҳои зиёди табиӣ доранд. Ҳатто Маҷмуи маҳсулоти дохилии Қирғизистон ба ҳар сари аҳолӣ аз мо дида 60% зиёд мебошад, зеро он заминҳои зиёд дорад. Тоҷикистон агар чунин захираҳоро медошт, зарурияти дар ин сатҳ нигоҳ доштани меъёри андоз намешуд ва буҷети кишвар аз ҳисоби даромадҳо ташаккул меёфт. Бинобар ин, ҳама чиз ба имкониятҳои молиявии кишвар иртибот мегирад.

- Ҳар сол шумораи муайяни соҳибкорон тарки фаъолият мекунанд. Барои чӣ?

- Ин чанд сабаб дорад. Якум, аз рӯи маълумоти омории Кумитаи андоз шумораи соҳибкорон сол то сол зиёд мешаванд. Соҳибкороне ҳастанд, ки худ ё корхонаҳои худро ба қайд мегиранд, соҳибкороне ҳастанд, ки аз қайд мебароянд. Соҳибкорон низ ба таври худ кор мекунанд. Як ё ду сол фаъолият карда, қатъи фаъолият мекунанд. Муҳим сол то сол зиёд шудани шумораи соҳибкорон аст. Аз рӯи нишондиҳандаҳо соҳибкорӣ дар Тоҷикистон рушд карда истодааст. Инро аз рӯи факту рақамҳои Кумитаи андоз мегӯям. Аммо аз тарафи дигар монеаҳо дар ин самт ҷой доранд. Ин асосан санҷишҳо аст, ки ҳеҷ кас инро дӯст намедорад. Ин аст, ки Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади дастгирии соҳибкорон пайваста мораторияи санҷишҳои субъектҳои соҳибкориро эълон ва татбиқи онро пайгирӣ мекунанд. Яке аз проблемаҳои дигаре, ки дорем, набудани ҳисобдории аниқ аст. Дар замони шӯравӣ ҳисобдории дуруст доштем. Ҳама амалиётҳои ичрокардаашро ба қайд мегирифт ва вобаста ба натиҷаҳои фаъолияташ андоз месупорид. Мутаассифона, дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ ва баъдан, вақте ки ба низоми нав гузаштем, Раҳмон бо мақсади дастгирии соҳибкорон пайваста мораторияи санҷишҳои субъектҳои соҳибкориро эълон ва татбиқи онро пайгирӣ мекунанд. Яке аз проблемаҳои дигаре, ки дорем, набудани ҳисобдории аниқ аст. Дар замони шӯравӣ ҳисобдории дуруст доштем. Ҳама амалиётҳои ичрокардаашро ба қайд мегирифт ва вобаста ба натиҷаҳои фаъолияташ андоз месупорид. Мутаассифона, дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ ва баъдан, вақте ки ба низоми нав гузаштем, ҳисобдориро аз даст додем. Ба ҷойи як хоҷагӣ даҳҳо хоҷагии нав ташкил шуданд, ки низоми зарурии ҳисобдорӣ надоранд. Аз 310 ҳазор субъектҳои хоҷагидорӣ тақрибан 32 ҳазорашон шахсони ҳуқуқӣ мебошанд. Яъне, тавозуну суратҳисоби бонкӣ доранд ва амалиётҳои худро ба қайд гирифта, вобаста ба он андоз месупоранд. Боқимонда, ё дар доираи низоми соддакардашудаи андозбандӣ фаъолият мекунанд ё тариқи патентӣ. Албатта, ҳама соҳибкорон барои худашон ҳисобдории аниқ доранд, вале ҳисоботи ба сохторҳои андоз пешниҳодшаванда аз онҳо ба куллӣ фарқ мекунад. Бинобар ин, барои дуруст муайян кардани иқтидори иқтисодии давлат, ҳимояи соҳибкорон аз санҷишҳои пайдарҳам, аз байн бурдани коррупсия ва ғайраҳо низоми дурусти ҳисобдорӣ зарур аст. Албатта, он маблағгузории муайянро талаб мекунад ва бовар дорам, ки баробари пайдо шудани имкони буҷетӣ ин амалӣ хоҳад гардид.

Tajikistantimes.com

Дар иқтисодиёт бояд пайваста ислоҳот сурат гирад. Дар Аврупо ҳар 6 сол роҳбар иваз мешавад. ҳар кадоме бо барномаи мушаххаси худ ва бо мақсади ислоҳот ворид мешавад.

Талаби созмонҳои молиявӣ аз Тоҷикистон

- Имрӯз бархе аз созмонҳои байналмилалӣ ва сармоягузорон аз баланд будани меъёри андозбандӣ дар Тоҷикистон интиқод мекунанд. Аз ҷумла, Ян-Петер Олтерс, намояндаи доимии Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон дар ҷаласаи Шӯрои бехтаргардонии фазои сармоягузорӣ, ки 20-уми феврал баргузор шуд, ба ислоҳоти низоми андоз дар кишвар даъват кард. Ӯ таъкид дошт, ки гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ омода аст ислоҳотро дар ин самт дастгирӣ кунад. Умуман, низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон шуморо қонеъ мекунад?

- Банда зиёда аз 10 сол инҷониб дар воҳӯрӣ бо намояндагони созмонҳои байналмилалӣ талаб мекунам, ки ба мо дар ташкили низоми ҳисобдорӣ кумак расонанд. Зеро то замоне ки низоми ҳозирзамони ҳисобдорӣ нест, наметавонем низоми ҳисоботдиҳиро дуруст ба роҳ монем. Онҳо бошанд, ба кишвар асосан дар самти ташаккули низоми ҳисоботдиҳӣ кумак мерасонанд. Аммо низоми ҳисоботдиҳӣ такя ба низоми ҳисобдорӣ мекунад. Агар ҳисобдорӣ дуруст ба роҳ монда шавад, имкони муайян кардани иқтидори молиявии давлат пайдо мешавад. Дар ин асос ҳукумат метавонад оиди кам кардани меъёри андозҳо қарор қабул намояд ва таъсири он ба маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ манфӣ нахоҳад буд. Вақте ки соҳибкор ҳамаи амалиётҳои ичрокардаашро дуруст ба ҳисоб гирифта, вобаста ба натиҷаҳои фаъолияташ андоз месупорад, ӯ дар назди тамоми сохторҳо забондароз аст. Бубинед, соҳибкори аврупоӣ наметавонад, ки пора диҳад. Ба ягон кас! Зеро маблағи барои ин заруриро аз гардиши пулии сохтораш бароварда наметавонад. Масалан, дар Италия агар соҳибкор аз суратҳисоби бонкиаш 6 ҳазор евро пули нақд гирад, баъди чанд рӯз сохтори молиявии махсус чӣ гуна сарф кардани онро пурсон мешавад. Яъне, соҳибкор оиди истифодаи ин пулҳо ҳатман ҳисобот медиҳад. Ҳамаи додугирифт ғайринақдӣ аст ва ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи амалиётҳо таҳти назоратанд. Соҳибкорон танҳо маблағи фоидаи бадастомадаашро гирад.

- Ба андешаи таҳлилгарон, имрӯз сектори реалии иқтисоди Тоҷикистон хеле қафо мондааст. Дар замони шӯравӣ Тоҷикистон бо миқдори зиёд мошину таҷҳизот, маснуоти электротехникӣ ва электронӣ, маводи металлӣ, маводи гуногуни кимиёвӣ, мебел, пойафзол, либосу матоъ ва ғайра истеҳсол мекард. Имрӯз ба ғайр аз алюминий, истеҳсоли маводҳои номбаршуда ё комилан аз байн рафтааст ё дар сатҳи паст қарор дорад. Чаро вазоратҳою идораҳои блоки иқтисодиро ин ҳолат ба ташвиш намеорад? Шумо хатарро дар иқтисоди кишвар эҳсос мекунед?

- Рушди иқтисоди воқеӣ, пеш аз ҳама, ба сарчашмаҳои энергетикӣ вобаста аст. Гарчанде ки мо аз бунбасти коммуникатсионӣ баромадему истиқлолияти энергетикиро таъмин намудем, аммо барои рушди иқтисодиёти воқеӣ, ки ҷалби сармоя ва ташкили истеҳсолотро талаб мекунад, вақт лозим аст. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чандин маротиба дар баромадҳояшон қайд карданд, ки НБО "Роғун" ба мо на танҳо барои таъмини мардум бо барқ лозим аст, балки он ба мо ҳамчун манбаи рушди иқтисодиёт зарур аст. Имрӯз фаъолияти баъзе корхонаҳоро бо ангишт ба роҳ монда истодаем. Ҳол он ки истифодаи ангишт дар бисёр кишварҳои хориҷӣ манъ шудааст. Аз чумла, Хитой ва мамлакатҳои аврупоӣ аллакай истифодаи онро маҳдуд карданд. Зеро он як манбаи таъсиррасони бад ба экология аст. Вале мо маҷбур шудем, ки сол ба сол истеҳсоли ангиштро зиёд кунем ва ба ин васила фаъолияти корхонаҳоро ба роҳ монем. Сабаби он кифоя набудани сарчашмаҳои дигари энергетикӣ мебошад. Барои он ки иқтисоди воқеӣ рушд кунад, корхонаҳо дар Тоҷикистон бояд 12 моҳи сол бо барқ таъмин бошанд. Мо инро надоштем. Акнун рушди бештари иқтисод вобаста ба имкониятҳои энергетикӣ шурӯъ мешавад.

Мусоҳиб
Усмон РАҲИМЗОДА

ДАР ШУМОРАИ ОЯНДА:

Омилҳои муфлисшавии бонкҳо дар Тоҷикистон фаъолияти Шӯроҳои диссертатсионӣ ва сатҳи корҳои илмӣ, бартарият ба дипломи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳангоми қабули мутахассисони риштаи иқтисод, сабабҳои ба илмҳои дақиқ камтар рӯ овардани мардуми кишвар ва асрори муваффақияти Аврупо дар идомаи суҳбат бо вакили парлумон Шариф Раҳимзода.

МАЪШУҚА шудаму ба ВНМО гирифтор ШУДАМ

Дар синни ҳабдаҳсолагӣ маро хонадор карданд. Дар даруни чила будам, ки шавҳарам гоҳо-гоҳо ғайб мезад ва баҳони ҳоҷатхона рафтан аз дар мебаромаду соатҳо намеомад. Аз он ки наварӯс будам, ин ҳолатро ба хусуру хушдоманам гуфтан шарм медоштам.



Вақте ба хона бармегашт, авзояш бечо буд ва маро ҳамчун занаш намешинохт ва пӯшташро гардонида, хоб мерафт. Ин ҳолати шавҳарам рӯз ба рӯз маро ғамгин месохту намедонистам ба кӣ дарди дил кунам. Маро ба хонаи волидонам бурданд ва модарам аз зиндагӣ ва муносибатамон бо шавҳарам пурсид, ҳамаашро гуфта додам. Дубора боз ба хонаи шавҳарам баргаштаму баъзе чизҳои арӯсиамро наёфтам. Намедонистам, ки киро пурсаму ҷавобашро аз кӣ гирам. Шом шуду шавҳарам бо чашмони варамидаи сурхшуда, авзояш бе чо ба хона бармегашт. Баъдтар фаҳмидам, ки ӯ наркоман будааст. Бо вучуди ин, ҳомиладор шудам ва сартарикиам вазнин мегузашт. Вале рӯз ба рӯз зиндагиам мушкил мешуду тоқат карда наметавонистам. Маҷбур аз шавҳарам ҷудо шуда, ба хонаи волидонам баргаштам. Ғур-ғури янгаҳо маро ба ҳолам намегузошт, вале ба хотири фарзанд тоқат мекардам. Рӯзе ногаҳон пеш аз моҳам дарди кӯдак заду модар фавтидааст ва бояд ӯро тоза кунем. Дигар дасту поям аз замину осомон канда шуду дар ҳолати беҳушӣ кӯдакро тоза карданд. Рӯзам сиёҳтар шуд ва маҷбур барои пайдо кардани кор ба шаҳри Душанбе баргаштам.

Ба ҳар идорае сар мехалондам, бо чашми ҳайрат нигоҳ мекарданд. Рӯзе ба қабули раиси корхонаи бонуфӯз рафтам. Ӯ тавсия дод, ки дар ягон ошхона ё тарабхона ба ҳайси косашӯ даромада кор кунед,зеро диплом надоред. Маслиҳати ӯро гирифта, баъди пурсучӯи зиёд дар як тарабхона ба ҳайси косашӯ ба кор оғоз кардаму ҳар рӯзи кориамро, ки 30 сомонӣ буд, пардохт мекард. Илова ба ин нону хӯрокҳои зиёдатиро пешхизмат бо ман тақсим мекард. Рӯзи корамон то соати 12 –шаб идома кард ва вақте ба кӯча баромадам, нақлиёти мусофиркашонӣ кам буд. Ҳамин вақт ба наздам як мошини сиёҳшиша истода, маро ба савор шудан даъват кард. Ман ки маҷбур будам, самти рафтанашро пурсон шудам. Дар ҷавоб гуфт, ки ҳар кучое лозим аст, мебарам. Баъди саволу ҷавоб пешниҳод кард, ки агар арӯси доимиаш шавам, ӯро бо сару либос ва ғизои хуб таъмин мекунад. Барои бовар кунониданам маро ба хонае бурд ва пули зиёдро дар наздам партофт ва гуфт агар имшаб бо ман истӣ ин ҳақи ту мешавад. Гиред пулҳоятонро ва маро ба ҷои зистам баред. Лекин ӯ ба ин сухани ман эътибор надода, гуфт агар аз ман бовар надошта бошед, ба дигар хона рафта хоб кунед ва суҳби барвақт туро ба ҷои корат бурда мегузорам. Ӯ маро ба гап дароварда, аз ҳамон шаб ман арӯси доимии ӯ шудам. Ӯ марди 45 сола буду ман танҳо 20 сол доштам. Дар яке аз идораҳои бонуфӯзи кишвар фаъолият мекарду шахси баобрӯ буд. Муддати панҷ сол бо ҳам будем. Дигар бе ӯ зиндагаимро тасаввур карда наметавонистам. Бемории вазнин шуд ва маро ба наздаш даъват кард. Вақте ба ҳучрааш даромадам, як марде, ки ба нигоҳубинаш машғул буд, берун баромад. Ӯ аз ман узри зиёд пурсид, вале сабабшро нагуфт. Духтуррон ба ӯ чӣ ташхис гузошта буданд, намедонистам. Ман дигар аз ин беморӣ раҳо намешавам ва ӯ ба ҳамон марде, ки дар наздаш буд, ишора карда гуфт, ки ҳамаашро ба ту мегӯяд... Хулоса ӯ вафот кард ва ҳамон дӯсташ нақл кард, ки марҳум бемории ВНМО дошт ва ба хотири касе нафаҳмидан муолиҷа накард ва имрӯз ҳаёташ дар хатар аст. Эҳтимол аст, ки ту ҳам ба ин беморӣ гирифтор шуда бошӣ. Бо тавсияи ӯ аз ташхис гузаштам ва гуфтанд, ки ту низ сироятёфтаи бемории ВНМО ҳастӣ. Ҳамин тариқ ман ба муоилиҷа шурӯъ кардам ва ба касе дар ин бора лаб накушодам. Баъд аз оне, ки фаҳмидам дидаю дониста касеро сироят кардан ҷиноят аст, кӯшиш кардам, ки ҳаёти касеро насӯзонам. Инак зиёда аз се сол мешавад, ки дорухои зиддивирусии бемории мазкурро истеъмол мекунам. Рӯзе ба аёдати модарам рафтаму доруе, ки бояд дар вақту соати муайяншуда дору хӯрам, истеъмол кардам. Модарам пурсид, ки барои чӣ дору истеъмол мекунӣ, гуфтам, ки дар хунам микроб аст ва бояд он тоза шавад. Лекин шумо зиқ нашавед, ин ба шумо намегузарад. Аз ман ҳазар накунед ва бехтараш дар бораи бемориам ба касе нагӯед. Вақте ин суханро гуфтам дар дили модарам оташ афтидагибарин ба саволу ҷавоб оғоз кард. Гиристаму ҳаётамро нақл кардам ва гуфтам, ки бигзор маро дашном мекунед, аз хонаатон пеш мекунед, вале маро танҳо як мард сироят кардааст ва ман бероҳа набудам. Модарам рӯзи дигар маро гирифта ба назди духтур оварад. Духтурон гуфтанд, ки алакай духтари шумо бехавф аст, барангезандаҳои вирусӣ паст шудаанд. Ӯ метавонад дар ин ҳолат ҳатто фарзанди солим ба дунё биёрад, модарам хурсанд шуду гуфт, ки туро ҳатман хонадор мекунам, вале бо сабаби сактаи дил модарам низ орзуҳояшро амалӣ накарда, дунёро падруд гуфт...

Айни ҳол ба ҳайси машваратчӣ фаъолият мекунам. Тавсия медиҳам, ки набояд худро аз гузаштан аз ташхиси тестии зидди ВНМО дур созед. Зеро ин барои солимии худу ҷомеа зарур аст.

Дар сурати натичаи ташхиси шумо мусбат баромадан, набояд руҳафтода шуду худро аз муолиҷа дур намуд, зеро ҳангоми табобат ва баъд аз он шумо барои атрофиён бехавф боқӣ мемонед.

Н. Г, ш. Душанбе

ИММУНИЗАТСИЯ

Маъюбшавию фавтро пешгирӣ мекунад

Иммунизатсия яке аз самтҳои асосии соҳаи тиб ба ҳисоб рафта, мақсади асосии он таъмин намудани солимии ҷомеа мебошад.

Бо шарофати дуруст ба роҳ мондани соҳаи иммунопрофилактика дар муассисаҳои тиббии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ сатҳи бемориҳои сироятии бо воситаи иммунизатсия идорашаванда оҳиста-оҳиста паст шуда истодааст.

Имуннизатсия раванде мебошад, ки тавассути он масунияти бадан дар натиҷаи гузаронидани ваксина баланд шуда, бо бемориҳои сироятии бо воситаи ваксина идорашаванда таъсирнопазир мегардад.

Миллионҳо одамон то давраи истифодабарии иммунизатсия, ҳамчун усули пешгирии бемориҳои сироятшаванда, гирифтори бемориҳои гуногуни сироятӣ шуда, баъзе аз онҳо ба маъюбшавӣ ва баъзеашон мубталои фавт мегардиданд. Айни ҳол дар Тоҷикистон бар зидди 10 намуд бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла бемориҳои фалаҷ(полиомиелит), гепатити В, сил, кабудсулфа, гулӯзиндонак, кузози навзодон, сирояти гемофилии намуди b, сурхча, гулафшон ва диареяи кӯдакон, ки сабабгорашон ротавирусҳо мебошад, иммунизатсия гузаронида мешавад.

Фалаҷу кабудсулфа пешгирӣ дорад?

Волидонро зарур аст, ки мувофиқи тақвими миллӣ, ки аз тарафи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, сари вақт ҳар як ваксинае, ки вобаста ба ин ё он беморӣ муқаррар шудааст, гузаронида, масунияти бадани кӯдакро баланд гардонанд. Ҷои пӯшида нест, ки бештари кӯдакон аз бемории кабудсулфа ва гулӯзиндонак мефавтанд. Роҳи ягонаи пешгирӣ гузаронидани иммунизатсия мебошад. Новобаста аз он ки дар муҳлати муайяншуда кӯдак дар кадом минтақа ҳаст, бояд ба нуқтаи наздиктарини саломатӣ муроҷиат карда, бар зидди ин ё он беморӣ эм карда шавад. Лозим ба ёдоварист, ки фалаҷ бемории хатарнок буда, асосан ба беқувватии мушакҳои дасту пой ва аз даст додани қобилияти роҳгардии кӯдак мерасонад, ки тамоми умр бистарӣ, маъюб мемонад.

Сурхакон нуқси абадии ақлонию...

Бемории сурхакон сабабгори заифшавӣ,суст шудани инкишофи ақлонӣ, ба нуқсонҳои шунавоӣ ва биноӣ шуда метавонад. Аз ин рӯ, иммунизатсия бар зидди бемории сурхаконро ба ҳамаи



кӯдакон тавсия медиҳем. Бемории дигари хатарнок ба ҳаёти кӯдакон, ин зардпарвини В мебошад, ки дар айёми тифлӣ ин беморӣ ҳангоми таваллуд шудан аз модари дорандаи барангезандаи бемории гепатити В ва баъдан дар айёми кӯдакию наврасӣ сирорят меёбад.

Дасткашӣ аз иммунизатсия барои ҳар як кӯдак ташвишовар буда, барангезандаҳои беморӣ зудтар таъсири манфиашро мерасонад. Зеро дар бадани онҳо масуният нисбати пешгирии беморӣ вуҷуд надорад. Паҳлуи дигари манфиаш кӯдакони бемор сабаби паҳншавии бемориҳо гашта, ҳаёти дигаронро зери хатар мемонанд. Дар хотир бояд дошт, ки пешгирии беморӣ чандин маротиба осонтар ва камхарҷтар аст аз табобати он аст. Аз ин лиҳоз, ба тамоми волидайн муроҷиат карда мегӯям, ки танҳо иммунизатсия кӯдакони онҳоро аз бемории сироятӣ ҳифз менамояд.

М.ЮНУСБАЕВА,
роҳбари шуъбаи кӯдакони хурдсол ва навзодони МҶИКПҶК

САДОЕ, КИ ҒАРИБОНРО БА ВАТАН ОВАРД

Аз дидани ин чеҳраи нуронӣ, хонандагони закӣ ва дӯстдорони санъати воло баръало пайхас намуданд, ки ӯ Ҳунарпешаи мардумии Тоҷикистон, сарояндаи ваҳдатсаро, зодаи Вахшонзамин Амриддин Кабирӣ аст.



Биноан тасмим гирифтаем, ки дар бораи ҳаёти пурпечутоби ин марди ҳунар, устоди санъати тоҷик, сарояндаи сурудҳои тоҷикӣ, русию ӯзбекӣ, арманию тоторӣ, қирғизию қазоқӣ, ки хело ҳаяҷонбахш буда, дӯстию рафоқати беҳамтои ин миллатҳоро тараннум менамояд, муаррифӣ намоем.

Айёми наврасии Амриддин дар деҳаи Марксизми ноҳияи Бохтар (ҳозира деҳаи ба номи Лоиқ Шералии шаҳри Бохтар) паси сар шудааст. Амриддин аз хурдӣ ба санъати сурудхонӣ дил бохта буд. Дар кружокҳои ҳаваскорони дохилимактабӣ ва ноҳиявӣ фаъолона ширкат намуда, пешоҳанги чорабиниҳои фарҳангӣ буд.

Ҳамин тариқ, ӯ дар ноҳияи Бохтар як гурӯҳи консертӣ ташкил намуд, ки мунтазам ба ноҳияҳои Файзободу Тоҷикобод, Ҷиргатолу Данғара сафарҳои ҳунарӣ менамуданд. Амриддин Кабиров аз устодони худ, ходими санъати тоҷик Саидмурод Ҳотамов, Неъмат Идрисов, Давлат Муқимовро ба ёд оварда мегӯяд, ки бо ташаббуси онҳо, ки санъати баланди води Вахшро ба арши аъло бардошта буданд, дар фестивалҳои ҷумҳуриявии «Бӯстон-1» ва «Бӯстон-2» сазовори ҷойҳои якум гардидем. Амриддин Кабиров яке аввалинҳо сарояндаи Вахшонзамин аст, ки аз ҷониби нахустин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қаҳҳор Маҳкамов бо унвони баланд Артисти шоистаи Тоҷикистон қадрдонӣ гардидаст.

Сад афсӯс, ки аввалҳои солҳои 90-уми асри гузашта кишвари моро бесарусомониҳо ва кашмакашиҳои бемаъни фаро гирифта буд, рушди санъати Вахшонзамин каме коста гардид ва аксарияти ҳунармандон тарки касб намуданд. Аммо Амриддин ҳеҷ гоҳ ин роҳро пеша накард ва баръакс санъату ҳунари худро тақвият бахшида, соҳиби маълумоти олии касбӣ дӯстдоштаи худ-санъатшинос гардид. Ӯ худ борҳо таъкид месозад, ки ҳунари ғазалсароӣ ва нозукиҳои санъатро аз устодони бузургаш Акашариф Ҷӯраев, Иброҳим Кобулиев, Абдулло Назриев, Зафар Нозимов, Ҷӯрабек Муродов ва Одина Ҳошимов хуб омӯхтааст. Кабиров бо амри тақдир бо аҳли хонаводаи худ бо дуои неки падари бузургвораш бобои Садриддин ва модари ҷигарбандаш холаи Майдавӣ муддате дар ҷумҳурии ба мо ҳамсояи Қирғизистон умр ба сар бурдаст ва ногуфта намонад, ки дар он ҷо санъати волои тоҷикро тавонист ба арши аъло барорад. А. Кабиров дар робита бо ҷамъияти «Пайванд»-и тоҷикони Қирғизистон алоқаи зич пайдо намуда, ансамбли ҳунарии «Наво»-ро созмон дода, бо ин васила бо дастаи ҳунарии худ дар байни мардуми қирғиз ва тоҷикони иҷборӣ соҳиби обрӯ ва эътибори баланд гардид. Акнун қариб ҳамаи чорабинии фарҳангии Ҷумҳурии Қирғизистон бо иштироки фаъоли ин ҳунарманди соҳибзавқ баргузор мегардид.

А. Кабиров ҳеҷ гоҳ худро дар ғариби намепиндошт, чунки ҳамеша дар оғӯши тоҷикони иҷборӣ буд ва бо сурудҳои ватанпарваронаи худ ваҳдату ягонагии Тоҷикистони биҳиштосоро месароид:

Бе ватан нест ғарибе,
ки кунад ёди ватан,
Дар ватан будаи бе ёди ватан,
бе ватан аст.

Дар ростои ин марди ҳунар шоир ва адабиётшиноси тоҷик Рустами Ваҳоб фармудааст: «Оре у хидматеро мисли Рӯдакӣ, ки бо «Бӯи ҷӯйи мӯлиён» шоҳро ба Бухоро оварда буд, анҷом надодааст, аммо бе муҳобот садои форами тоҷиконааш садҳо соҳибватани тоҷикро озими Ватани хеш гардонидааст». Боиси ифтихор буд, ки солҳои А.Кабиров дар шаҳри Ленинакани Ҷумҳурии Арманистон адои хизматӣ Ватан-Модар намудан пайваста ҳунари худро сайқал дода, бо суруду таронаҳои меҳанпарасти дар қисмҳои низомӣ шуҳратёр гардид ва санъати сурудхонии арманиро аз худ намуд. А.Кабиров аз ҳама лаҳзаҳои хотирмон ва фараҳбахшӣ худро ба хотир оварда мегӯяд, ки соли 2008 Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари расмӣ ба Қирғизистон омад ва дар вохӯрие, ки бо ҷамъияти тоҷикон дошт, ман шахсан бо Ҷаноби Олӣ аз наздик вохӯрӣ ва муддати чор соат дар чорабинии бошукӯҳе, ки ҳар ду Президент Эмомалӣ Раҳмон ва Аскар Акаев иштирок доштанд суруд хондам.

Пас аз он Ҷаноби Олӣ шахсан маро ба Тоҷикистони азизам даъват намуд ва бо аҳлу байтам бесаброна ба Ватан баргаштам ва пас аз чанде бо ҳамроҳии Пешвои миллат, дар шаҳру ноҳияҳои водии Рашт, ки сафари корӣ доштанд, ҳунарнамоӣ намудам. Ин беҳтарин лаҳзаҳои ҳаёти ман буд, ки аз ҷониби Сарвари тоҷикони дунё Эмомали Раҳмон бо унвони хело баланд, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон қадрдонӣ шудам. Шукри онро мекунам, ки имрӯз бо аҳлу пайвандони худ дар Ватани хеш ҳастам ва то ҷон дар бадан дорам баҳри ободию гул-гул шукуфоии кишвари биҳиштосоям хизмат мекунам то ин ки шеъру тароналҳоям дӯстию рафоқат ва ҳисси ватандӯстдории ҷавонони имрӯзаро боз ҳам баланд бардорад.

Амриддин Кабиров имрӯз масъулияти баландеро ба дӯш дорад. Ӯ роҳбари ансамбли «Шашмақом»-и назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон аст ва кӯшиш ба харҷ дорад, ки санъаткорони ҷавонро ба ин жанри волои классикӣ, ки пайвандгари розу созҳои мардумӣ аст, бештар ҷалб намояд. Ҳамзамон, бо иқдоми ӯ як мактаби бонуфузи ҷавонону ҷавондухтарон шашмақомсароён дар вилояти Хатлон созмон ёфтааст.

Дар фарҷом ба ин марди ҳунар, тараннумгари дӯстию бародарии халқҳо қуллаҳои баланди эҷодӣ таманно дорем. Ҳақ бар ҷониби ӯст, ки аз дустдори ва садоқат ба Ватан чунин замзама мекунад:

Кист ғамхори ватан гар на ту
бошиву на ман,
Чашми бедори ватан гар на ту
бошиву на ман.

Музаффар МУРОДОВ,
бойгоншиноси дастгоҳи раиси вилояти Хатлон

Мавлудномаи Тоҷикистон

3 апрел

Саттор Байзоев (1954), 65-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

Бахшибек Гадоев (1954), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Галина Грачёва (1934), 85-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

Амнун Ёдгоров (1939), 80-солагии зодрӯзи оҳангсоз.

Латофатхони Ислом (1954), 65-солагии зодрӯзи шоира.

Гулнора Муҳаббатова (1969), 50-солагии зодрӯзи муаррих.

Олег Соболев (1924), 95-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Инъомҷон Тоҷибоев (1949), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Ҳулкар Юсуфов (1949), 70-солагии зодрӯзи журналист.

4 апрел

Заррина Абдуллоева (1969), 50-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи тиб.

Давлатбегим Раҳимова (1944), 75-солагии зодрӯзи актрисаи театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Бурҳон Раҳмонов (1934-2016), 85-солагии зодрӯзи ровӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Баҳодур Шукуров (1959), 60-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

5 апрел

Назокат Бузрукова (1954), 65-солагии олимаи соҳаи тиб.

Дилбар Осимова (1954), 65-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи математика.

Давлатбегим Раҳимова (1944), 70-солагии зодрӯзи актрисаи театру кино.

Эраҷ Ҷумъаев (1959), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

6 апрел

Болтақул Диёрӣ (1914-2004), 105-солагии зодрӯзи адиб.

Восит Муҳаммадов (1934), 85-солагии зодрӯзи Журналисти шоистаи Тоҷикистон.

Мамлакат Наҳангова (1924) 95-солагии зодрӯзи (1924-1999), забоншинос (англисӣ).

Гулнора Расулова (1969), 50-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи тиб.

Раҳмоналӣ Сафаралиев (1969), 50-солагии зодрӯзи генерал-майор.

7 апрел

Шарифҷон Қаландаров (1939), 80 -солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Ибни Сино.

Ҳошим Қуддусов (1934-2004), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи геология.

Мукаддас Масаидова (1954), 65-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи математика.

8 апрел

Инъомҷон Ғаниев (1949), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Шералӣ Султонов (1969), 50-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

Масаид Шерматов (1944), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

9 апрел

Наталя Гаврилова (1919-2001), 100-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи биология.

Мусофир Гарипов (1939), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Ҳамроқул Тиллоев (1949-2003), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

Муборак Шарифова (1934-2009), 85-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи математика.

Таҳияи Ё. СУЧОНӢ

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ зодрӯз доранд? Пешопеш моро огоҳ кунед. ТЕЛ: 238-54-51

10-ГОНАИ МУАССИРТАРИНҲОИ ВАРЗИШ


аз Ҷонни Инфантино то Мария Шарапова



Бинобар ҷамъбасти рейтинги нашрияи Business Week, одамони муассиртарини ҷаҳони варзиш моликони бошгоҳҳои футбол, ситораҳои теннис, футбол ва баскетбол маҳсуб меёбанд.

Нашрия ба 10-гонаи муассиртарин одамони ҷаҳони варзиш, инчунин, шахсонеро шомил намудааст, ки бидуни иштирок дар мусобиқаҳои варзишӣ, муваффақиятҳои назаррасро ноил гардидаанд.

1. Ҷанни Инфантино



Ҷонни Инфантино - президенти нуҳуми ФИФА аз 26 феврали соли 2016, ҳуқуқшинос, дар сари чанбари ташкилоти ҷаҳонии варзиши рақами 1 қарор дорад. Баргузории Чемпионати ҷаҳон оид ба футбол дар Русия ва вориди навгониҳо ба ин мусобиқоти бонуфуз Инфантиноро шахси муассир дар варзиш гардондааст.

2. Томас Бах

Томас Бах - президенти Кумитаи байналмилалии олимпӣ. Одими намоёни ҳаракати олимпӣ аз 10 сентябри соли 2013 ба ин вазифа интихоб гардид. Таҳти роҳбарии ӯ Бозиҳои тобистонаи олимпии Рио-де-Жанейро -2016 ва Бозиҳои зимистонаи олимпии Сочи-2014 ва Пхёнчхан-2018 бо шукӯҳу шаҳомат баргузор шуданд.

3. Бернард Экклстоун



Бернард Экклстоун сарварии мусобиқаҳои беназири Формула-1-ро ба зимма дорад. Ӯ собиқ пойгачии мошинҳои варзишӣ, бар замми саҳмгузорӣ дар рушди ин намуди варзиш, даромадҳои зиёд низ ба даст меорад.

4. Герберт Хайнер


Герберт Гайнер – директори генералии Ширкати «Adidas» ба шумор меравад. «Adidas» як қисмати чудонашавандаи варзиши муосир мебошад. Либосҳои варзишии ин истеҳсолкунандаи олмониро дастаҳои машҳуртарини олам писадидаанд.

5. Роман Абрамович



Роман Абрамович- соҳибмулки Бошгоҳи футболи «Челси». Сарватманди русиягӣ солҳост, ки ин тими номдори Англияро сарпарастӣ мекунад.

6. Криштиану Роналду



Дастаи «Реал»-и Мадрид бо ин футболбози машҳур борҳо чемпиони Испания гардида, се маротиба унвони Қаҳрамони лигаи чемпионҳои Аврупоро соҳиб шуд. Унвону ҷоизаҳои дигари Роналду барои миллионҳо мухлисони ин ситораи футбол маълуманд. Вай имрӯз дар ҳайати тими «Ювентус»-и Италия маҳорати олиашро нишон медиҳад.

7. Лука ди Монтеземоло



Лука ди Монтеземоло - президенти Ferrari. Ширкати ӯ «Феррари» дар Аврупо аз истеҳсолкунандагони пешсафи мошинҳо барои Формула-1 ба шумор меравад.

8. Яо Мин



Яо Мин баскетболбози дастаи «Хюстон Рокетс», 2,29 метр қад дошта, рамз ва ифтихори миллии Хитой ва варзиши ин кишвар эътироф гардидааст.

9. Лалит Моди



Лалит Моди- раиси Премйер-лигаи Ҳиндустон оид ба крикет, асосгузори ин ташкилоти варзишии машҳур маҳсуб меёбад. Ӯ дар рушди варзиши крикет чӣ дар ватанашу чӣ дар микёси ҷаҳон саҳмгузор аст.

10. Мария Шарапова

Теннисбози рус Мария Шарапова муассиртарин зан дар варзиш шинохта шудааст. Ғолиби бисёркаратаи мусобиқаҳои байналмилалӣ ва ҷаҳонӣ, инчунин, аз барои нақшофариҳояш дар роликҳои рекламавии ширкатҳо фоида мебинад.

Таҳияи Э.НАЗАРОВ

Олимпиадаи махсус

варзишгарони тоҷик 6 медал ба даст оварданд

Варзишгарони дорои имконияташон маҳдуди тоҷик дар Олимпиадаи махсус-2019 сазовори 6 медал, аз ҷумла 2 медали тилло, гардиданд.

Бозиҳои махсуси олимпии ҷаҳон дар шаҳри Абу - Дабии Амороти Муттаҳидаи Араб аз 14 то 21 март идома ёфт. Ба барномаи бозиҳо 24 намуди варзиш ворид гардид. Дар бозиҳо беш аз 7500 варзишгар аз 190 давлати дунё иштирок мекунанд.

Ҷумҳурии моро дар Бозиҳои махсуси олимпӣ 5 варзишгар аз рӯи ду намуди варзиш намояндагӣ карда, сазовори 6 медал – 2 тилло, 2 нуқра, 2 биринҷӣ гардиданд. Медалҳои тиллоро Сорбон Рашидзода дар намуди дзюдо (вазни -78кг) ва Ҷовидон Абдуллоев дар варзиши сабук (дав ба масофаи 200 метр) сазовор шуданд. Мехробиддин Ҳафизов дар давидан ба масофаи 200 метр ва Насибахон Маҳмадова дар давидан ба масофаи 25 метр медалҳои нуқраро ба гардан овехтанд. Маҳлиё Шарипова дар дав ба масофаҳои 25 ва 50 метр соҳиби ду медали биринҷӣ шуд.

Бозиҳои махсуси олимпӣ аз соли 1968 баргузор мегардад. Бунёдгузораш Юнис Кеннеди Шрайвер – хоҳари собиқ Президенти ШМА Ҷон Кеннеди мебошад.



ҶУДО »

ҶУДОЧИЁНИ ТОҶИК ДАР ГРАН ПРИИ АНТАЛИЯ ШИРКАТ МЕКУНАНД

Дастаи мунтахаби ҷудочиёни Тоҷикистон дар ҳайати 6 нафар дар Гран Прии Анталия-2019 иштирок мекунанд.



Кишвари моло дар Гран Прии Анталия 5 варзишгар – Ёқубҷон Боқиев, Хайёмиддин Ҷабборов (ҳар ду дар вазни -66кг), Акмал Муродов (-81кг), Комроншоҳ Устопириён (-90кг) ва Саидҷалол Саидов (-100кг) намояндагӣ мекунанд.

Мусобиқаи анъанавии ҷудо дар Анталияи Туркия аз 5 то 7-уми апрел баргузор мешавад. Тибқи иттилои Федератсияи байналмилалии ҷудо, дар мусобиқа иштироки 537 варзишгар (330 мард, 207 зан) аз 78 кишвари дунё дар назар аст. Чун анъана, ғолибону ҷоизадорони мусобиқа дар баробари медал бо ҷоизапулӣ қадрдонӣ гардид, ҳамчунин, соҳиби имтиёзҳои олимпӣ мешаванд. Барои ҷойи аввал 3000 доллар, 2-юм 2000 доллар ва барои ду ҷои сеюм 1000-долларӣ пешбинӣ шудааст.

Соли 2018 дар Гран Прии Анталия Комроншоҳ Устопириён дар вазни - 90кг ғолиб омада, соли 2017 сазовори медали нуқра гардида буд.

ВАРЗИШИ САБУК »

БЕҲТАРИНҲО ДАР ГИМНАСТИКАИ ТОҶИКИСТОН

30-31 март дар МД "Маркази омодагии дастаҳои мунтахаб"-и шаҳри Душанбе Чемпионати гимнастикаи бадеии Тоҷикистон баргузор шуд.

Дар чемпионат 73 варзишгари соли таваллудашон 2006-2010 аз вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе иштирок карданд.

Қувваозмоиҳо аз рӯи ду намуд – инфиродӣ ва даставӣ сурат гирифта, беҳтаринҳо муайян гардиданд. Дар равияи гимнастика бо симпарак Саҳарнози Каримҷон ғолиб шуд. Дар гимнастика бо тӯб ва ҳалқа Мадина Ҳайдарова беҳтарин буд. Лайло Ҳакимова дар гимнастика бо симпарак ва тӯб ҳамто надошт. Алиса Ботина дар гимнастика бо ҳалқа ва булава ва Даря Галчанская дар гимнастика бе ашё ғалаба карданд.

Дар намуди даставӣ варзишгарони шаҳри Душанбе пирӯз гардиданд.

Гуфта мешавад, ки мақсади асосии чемпионат муайян кардани беҳтаринҳо ва омода шудан ба мусобиқаҳои байналмилалӣ мебошад. Аз ҷумла, иштироки дастаи Тоҷикистон дар мусобиқаи 3-юми байналмилалии "Шагала", ки моҳи август дар шаҳри Актауи Қазоқистон доир мегардад, дар назар аст.



АСПДАВОНӢ »

ПОЙГАИ АСПДАВОНӢ ДАР ДУШАНБЕ

30-юми март ба ифтихори иди Наврӯз дар Муассисаи давлатии "Наврӯзгоҳ"-и шаҳри Душанбе мусобиқаи кушоди аспдавонии шаҳри Душанбе барои дарёфти Ҷоми "Пойтахт-2019" баргузор шуд.

Дар мусобиқа беш аз 60 аспи зоти тоҷикиву англисӣ аз корхонаҳои соҳавии чумхурӣ бо беҳтарин чобуксаворони кишвар иштирок карданд. Чобуксаворон дар масофаҳои 1000 метр, 1200 метр ва 1600 метр дар шаш марҳила миёни ҳам рақобат карданд.

Дар пойгаи якуми масофаи 1600 метр пирӯзӣ насиби асп бо лақаби "Звезда" таҳти роҳбарии Бегиҷонзода Раҳматшо гардид. Вақти нишондодаи ин асп 1 дақиқаю 59 сонияро ташкил дод. Дар ҳамин масофа дар пойгаи дуюми апсҳои синну соли гуногуни зоти тоҷикӣ асп бо лақаби "Бомдод" дар муддати 1 дақиқаю 49 сония зинаи аввалро гирифт.

Ғолиби пойгаи сеюми аспҳои синну соли гуногуни зоти тоҷикӣ асп бо лақаби "Рекорд" гардид. Ин асп масофаи 1600 метрро дар муддати 1 дақиқаю 49 сония тай кард. Дар пойгаи 6-уми аспҳои дусолаи зоти тоҷикӣ, дар рақобат баҳри баст овардани ҷоизаи асосӣ, асп бо лақаби "Радана" аз хоҷагии деҳқонии "Дошмандӣ"-и ноҳияи Файзобод ғолиб шуд. Натиҷаи нишондодаи "Радана" 1 дақиқаю 11 сонияро дар бар гирифт.

ЛИГАИ ОЛӢ »

«ИСТИҚЛОЛ» БОРИ ҲАШТУМ СУПЕРҶОМИ ФУТБОЛИ ТОҶИКИСТОНРО СОҲИБ ШУД

Дастаи футболи "Истиқлол"-и Душанбе дар бозӣ барои дарёфти Суперҷоми Тоҷикистон-2019 бар дастаи "Хуҷанд"-и Хуҷанд бо ҳисоби 3:0 ғалаба карда, бори ҳаштум ин ҷоизаро ба даст оварад.

Ин бозӣ 29-уми март дар Варзишгоҳи марказии чумхурӣ баргузор шуд. Дар ҳайати дастаи ғолиб ду голро легионери арманӣ Руслан Корян зад. Як голи дигарро ҳамлавар Шаҳром Самиев, ки ба ҷои Руслан Корян ба майдон баромад, ба номи худ сабт кард.

Ҳамин тариқ, "Истиқлол" маротибаи ҳаштум ғолиби Суперҷоми Тоҷикистон гардид. Қаблан дастаи футболи шаҳри Душанбе солҳои 2010, 2011, 2012, 2014, 2015, 2016, 2018 сазовори ин ҷом гардида буд.

Дар маросими ҷоизасупорӣ Шоҳҷоми Тоҷикистонро ноиби президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон, директори генералии Лигаи футболи Тоҷикистон Алишер Урунов ба капитани дастаи "Истиқлол" Фатҳулло Фатҳуллоев супорид.

Суперҷоми Тоҷикистон-2019

«Истиқлол» – «Хуҷанд» – 3:0

Голҳо: Руслан Корян, 38 – аз пеналтӣ (1:0). Руслан Корян, 50 (2:0). Шаҳром Самиев, 90+3 (3:0).

ЧИДААХБОРИ ВАРЗИШӢ

Ниммарафони 10-уми байналмилалии Душанбе ба ифтихори Рӯзи пойтахт 20-уми апрел бо иштироки давандҳои тоҷик ва варзишгарон аз 27 кишвар дунё баргузор мешавад.

Дар Ниммарафони Душанбе чун анъана, дар баробари варзишгарони тоҷик, намояндагони Афғонистон, Беларус, Канада, Кения, Қазоқистон, Қирғизистон, Россия, Ӯзбекистон, Украина, Фаронса, Чин, ИМА, Эрон ва дигар кишварҳо иштирок мекунанд. Ҷойизаи ин мусобиқа барои ҷойи якум 31150 сомонӣ; дуюм 26700 сомонӣ; сеюм 22250 сомонӣ; чорум 17800 сомонӣ; панҷум 16020 сомонӣ; шашум 13350 сомонӣ муқаррар шудааст. Аввалин Ниммарафони Душанбе дар масофаи 22 километр соли 2010 баргузор гардид ва соли 2014 ба тақвими марафонҳои Ассотсиатсияи байналмилалии федератсияҳои варзиши сабук (IAAF) ворид карда шуд.

***

Кумитаи байналмилалии олимпӣ тасмим гирифтааст, брекданс, ки аз намуди рақси варзишист, аз бозиҳои олимпӣ низ бошад.

Дар як қарори ин ниҳод гуфта мешавад, ки брекданс бо се намуди варзиши дигар муваққатан ба барномаи Бозиҳои олимпии Париж-2024 ворид карда мешаванд. Брекданс, скейтбозӣ, мавҷбозӣ (серфинг) ва шӯхпаймоии варзишӣ бо пешниҳоди Кумитаи тадорукоти бозиҳо ҳамчун намудҳои муваққатӣ ба барномаи Бозиҳои тобистонаи олимпии соли 2024 дар Париж ворид хоҳанд шуд. Президенти КБО Томас Бах иброз доштааст, ки ин чор намуди варзиш дар баробарии гендерӣ, ҷалби ҷавонон ва шаҳрӣ кардани бозиҳо мусоидат хоҳанд кард. Ин масъала дар ҷаласаи навбатии Кумитаи иҷроияи КБО 24-27 июн муҳокима хоҳад шуд.

***

28-уми март дар ҳавзи шиноварии Маҷмааи варзишии Шӯрои чумҳуриявии «Динамо» мусобиқаи кушоди шиноварӣ баргузор гардид.

Дар он 80 нафар корманди корхонаю идораҳо, варзишгарони ҷавону навраси мактабҳои варзишии шаҳри Душанбе дар ҳайати 15 даста иштирок карданд. Варзишгарон дар намуди тарзи озод, парвона, пуштнокӣ ва брасс ба масофаҳои 25 ва 50 метр миёни бонувон ва ҷавонон барои ба даст оҷардани ҷойҳои ифтихорӣ талош карданд. Дар натича, варзишгарони дастаи «Динамо»-и Вазорати корҳои дохилӣ ҷойи аввал, дастаи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ҷойи дуюм ва Мактаби маҳорати олии варзишии №4-и шаҳри Душанбе мақоми сеюмро ба даст оварданд.

МОНОЛОГИ ВОПАСИН

Модари саҳна – Мушаррафа Қосимоваи 102 - сола даргузашт

Санаи 1 апрел дар синни 102 - солагӣ Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Мушаррафа Қосимова аз олам даргузашт ва санаи 2 апрел ҷасади ӯ дар паҳлуи шавҳар ва писари ҳунармандаш Муҳаммадҷон ва Фаррух Қосимов ба хок супорида шуд.



Мушаррафа-ойтӣ ягон унвони баланди давлатӣ надошт, вале бузургтарин унвонро барояш халқ эъто карда буд: – модар, модари саҳна, санъат ва миллат. Банда аз соли 2012 бо эшон шиносоӣ доштам ва борҳо аёдаташон кардаву ҳамроҳашон ҳамсуҳбат шудаам ва дуои некашонро ҳам гирифтаам. Бинобар ин, зарур донистам, ки сабтҳои солҳои пешро барқарор намуда, ин монологро пешкаши шумо кунам, монологи вопасини модарро...

Инқилобе, ки ба ман хушбахтӣ наовард...

Ман 19 декабри соли 1917, дар гузари Чорраҳаи шаҳри Самарқанд дар оилаи Ориф Расулии соҳибкор ба дунё омадаам. Падарам қаннод ва собунпаз буданд. Зиндагии хубу хуш доштем ва аҳли илму фарҳанги давр ба хонаи мо омадурафт доштанд. Баъд аз оне, ки Инқилоби Октябр ғалаба кард, модари ман аз зумраи аввалин заноне буданд, ки фаранҷиашонро партофта, ба таълиму тадрис машғул шуданд.

Вале дар оғози давлатсозии Ҳукумати Шӯравӣ манфиати тоҷикон зери по шуда, тоҷикони Самарқанду Бухороро пантуркистон мачбур мекарданд, ки худро дар шиноснома «ӯзбек» сабт кунанд. Падари ман ба ин амр сар нафароварда, дар ибтидои солҳои 30-юми асри гузашта ба Душанбе мекӯчанд ва дар маҳаллаи Лучоб нахустин коргоҳи истеҳсоли томатро ба роҳ монда буданд.

Дар ин давра банда ба Омӯзишгоҳи тиббӣ ҳуҷҷат супорида, бояд ҳамшираи шафқат мешудам. Дар ҳамин омӯзишгоҳ кружоки драмавӣ вуҷуд дошт ва мо порчаҳоро аз саҳнаҳо ичро мекардем. Нахустин нақши ман дар саҳнаи кружок Ҷамила аз спектакли «Ҷамила» мебошад.

Дар ҳамин вақт маро кормандони театри Лоҳутӣ дида, писанд карданд ва маро ба театр даъват намуданд. Ҳамин тавр мани 15- сола актрисаи Театри академӣ-драмавии ба номи А.Лоҳутӣ шудам.

Вале хушбахтии ман дер давом накард. Гирдоби репрессияи сталинии соли 1937 падари маро ҳам ба худ кашид. Мувофиқи маълумотҳо падаарамро баъди се рӯзи боздоштан мепарронанд.

Модарамро бошад, ҳамроҳи хоҳару бародаронам ба ҳабс гирифта, нахуст ба Оренбург ва сипас ба Қазоқистон интиқол доданд...

Духтари «душмани халқ»

Баъд аз оне ки ба аҳли оилаи ман тамғаи «душмани халқ» зада шуд, муносибати атрофиён ба ман ба куллӣ тағйир ёфт. Дар театр қариб касе бо ман ҳарф намезад. Дар нахустнамоишҳо агар барои тамошо меомадам, дар паҳлуи ман касе чуръати нишастанро намекард.

Ман ба хона омада, ҳамроҳи бибии пирам гиря карда, алами диламро тоза мекардам ва боз ба кор мебаромадам.

Дар ин давра ҳатто монеи ба саҳна баромадани ман мешуданд ва моҳе як - ду маротиба иҷозат мешуд, ки «духтари душмани халқ» рӯи саҳна барояд...

Дар ин давра фақат Тӯтӣ Ғаффорова, Гулчеҳра Бақоева ва Абдулҳақ Усмонов пуштибону муттакои ман шуданд.

Як рӯз Гулчеҳра Бақоева бемор шуданду аз Кумитаи Марказӣ талаб карда мешавад, ки спектакле, ки бо ширкати Бақоева аст, ба саҳна гузошта шавад. Театр дар такопӯ афтод, зеро Гулчеҳра-ойятем тамоман ҳарф зада наметавонистанд.

Ман ин спектаклро ҳамеша тамошо мекардам ва аз забони Бақоева нақшро азёд карда будам.

Дар рафти ин такудав аз куҷое чуръат пайдо карда гуфтам: - «Ман ин нақшро азёд медонам ва онро ичро мекунам.

Режиссёр дар ҳаяҷон буд, охир вай соате ҳам ба ман тамрин накардааст, аммо вақте ду-се саҳнаро ичро кардам, ӯ пазируфт. Ҳамон бегоҳ маро чунон гримм карданд, ки ба Гулчеҳра Бақоева монанд шуда будам ва мардум маро нағз қабул кард. Ин нақш нақши Гулнор буд, ки дигарбора роҳи маро ба театр кушод.

Ин замон ман 21 - сола будам...

Бемуттако дар ҷанг

Вақте ба сари мани 19 - сола ҳодисаҳои мудҳиш омаданд, дар паҳлуи ман ҳамеша Абдулҳақ Усмонов меистод. Маҳз Абдулҳақ дар он даврон чуръат карда, ба ман пешниҳоди хонадоршавиро намуд. Вай он вақт вазифаи котиби ташкилоти комсомолии театрро ичро мекард. Вақте дар театр хабардор шуданд, ки мо оиладор мешавем, аз болои вай шикоят мекунанд.

Абдулҳақ мегӯяд:

-Падараш «душмани халқ» ҳам бошад, ба мо чӣ? Агар ба оиладор шудани мо зид бошед, ман билети комсомолиро месупорам.

Ҳамин тавр, мо оиладор шудем, аммо тӯй накардаем. Модарам аз зиндон ба ман болишту рӯймолча фиристод...

Абдулҳақ барои аз зиндон раҳо шудани модарам ва бародарону хоҳаронам хеле талош кард.

Аммо соли 1941, вақте ки аллакай соҳиби як фарзанд – Гулшан будем ва фарзанди дигарамон Мумтоз дар батнам буд, ӯро ҳам ба ҷанг бурданд. Пайваста он кас ба ман нома менавиштанд, ки онҳоро то ҳол нигоҳ медорам. Аммо тақдир ба бахти мо ришханд зад ва соли 1942 хабари марги шавҳарам омад...

Ногуфта, намонад Абдулҳақ Усмонов нахустин драматурги тоҷик аст ва асарҳои зиёдеро ҳам навиштааст.

Ман дастнависи намоишномаи «Гулбибӣ»-ро, ки дастранҷи охирини А.Усмонов дар асоси эҷодиёти лафзии халқ буд, ба Иттиҳоди нависандагон бурдам. Мехостам бо чопи он рӯҳи раҳматӣ шод шавад. Аммо асаро гум карданд. Ҳатто нафаре, ки онро аз дастам гирифт, мункир шуд. Аз чунин рафтори беэҳтиётонаи худ то ҳол азоби рӯҳӣ мекашам.

Вопасин табассуми Муҳаммадҷон Қосимов

Ман Қосим-акаро аз рӯзҳои нахустини ба театр омаданам мешинохтам. Эшон марди қоматбаланди хӯшрӯ ва хеле ҷиддӣ буданд. Дар театр ҳама ба он кас бо эҳтиром муроҷиат мекарданд, вале Қосим-ака ҳамеша ба ҷавонон дасти кумак дароз менамуданд.

Баъд аз оне, ки шавҳари ман аз дунё гузашту писарам бо бемории чашм ба дунё омад Муҳаммадҷон Қосимов ба ман хеле зиёд кумак карданд. Зеро писари ман ба ҷарроҳии душворе ниёз дошт, ки фақат дар Маскав имкони гузаронидани он мавҷуд буд, вале Муҳаммадҷон Қосимов аз обрӯву нуфузи худ истифода карда Мумтозҷонро ба беморхонаи ҳукуматӣ ҷой карданд ва як асбоби қимати ҷарроҳиро ҳам ба хотири он кас аз Маскав ба Сталинобод фиристоданд.

Ҳамин тавр эшон дар паҳлуи ман ва фарзандонам қарор гирифтанд.

Тӯйи мо ҳам ачиб шуд. Он замон ман дар театр дар спектакли «Тӯй» нақш мебозидам ва бо ҳамон либоси саҳнавӣ пушти мизи зиёфат нишастам. Зиндагии хуш доштем ва Худо ба мо се писару як духтарро ато намуд.

Аммо зиндагӣ кардан бо Артисти халқии СССР Муҳаммадҷон Қосимов осон набуд. Он кас тартиботро дӯст медоштанд ва таҳаммул карда наметавонистанд, ки хона бетартиб, хӯрок напухта ва кӯдакон гуруснаву либосашон нашуста бошад. Ман кӯшиш мекардам, ки ба ҳамаи талаботи он кас ҷавобгӯ бошам ва дар баробари ин дар театр низ корамро ба сомон расонам.

Аммо хушбахтии ману Муҳаммадҷон Қосимов ҳам дер давом накард...

Вақте ман дар гастрол будам, Қосим-ака бемор мешаванд, инсулт. Хеле азоб мекашанд ва он касро ба беморхона интиқол медиҳанду ман бехабар. Вақте духтурон ҳам вазнин будани аҳволашонро мегӯянд, писари калониам ба суроғи ман меравад. Ман баъди спектакл шабона либосҳоямро иваз карда, истироҳат мекардам, ки дар тақтақ шуд ва садои бачем омад:

-Ойти, либосатонро пӯшед, шаҳрба мерем, аҳволи дадем камтар нағз не...

Вақте ба беморхона расидам, аҳволи Қосим-ака бад буд. Маро дида, камтар хушашон омад. Ҳамин вақт Тӯтӣ Ғаффорова аз дар даромада бо овози баланд гуфтанд:

-Мушаррафа, муборак шавад! Ба ту ордени «Байрақи сурхи меҳнат» доданд!

Ман ишора кардам, ки ором бошад, Қосим-ака бемор. Аммо Тӯтихон илова карданд:

-Ман махсус бо овози баланд гуфтам, ки Муҳаммадҷон ҳам фаҳманд...

Қосим-ака ба ман нигоҳ карда табассуме карданд, эшон хурсанд буданд, ки баъди қариб 50 сол билохира, хизмати маро қадр карданд... Ин ҳодиса соли 1971 буд ва ҳамон сол Муҳаммадҷон Қосимовро дар синни 64 - солагӣ аз даст додам...

Вохӯрӣ бо Сталин

Соли 1941 дар Маскав нахустин Даҳаи адабиёт ва санъати Тоҷикистон баргузор гардид. Дар ин ҳайат ман ҳам, ки дар яке аз спектаклҳо нақш мебозидам, шомил шудам. Ҳурсандии дигари ман он буд, ки бародарам Иззат, ки дар Киев мезисту солҳои тӯлонӣ надида будам, хабари омадани маро фаҳмида, ба Маскав омад.

Даҳа дар сатҳи хеле баланд гузашт. Театри мо спектакли «Отелло»-ро бо ширкати Муҳаммадҷон Қосимов пешкаши тамошобин гардонид, ки ба худи Сталин писанд афтод.

Баъд аз спектакл Сталин ба гримхона омада, моро табрик кард ва ба Муҳаммаҷон эрод гирифт, ки чаро, вақте ки хиёнати дӯсташро мефаҳмад ва вақте ки Дездемона мемирад, гиря мекунад. «Сипаҳсолор набояд бигиряд, ҳатто вақте наздикаш бимирад ва ё хиёнат

бинад», -гуфт Сталин.

Бегоҳ дар Кремл зиёфати Сталин баргузор мешуд, аммо ҳама даъватнома гирифтанд, ба ҷуз ман, зеро доғи «духтари душмани халқ» ҳанӯз ҳам дар ман буд.

Муҳаммадҷон гуфтанд, ки ба хотири ман шуда, он кас ҳам намераванд, вале Иззат аз кӯчое ба ман ҳам даъватнома ёфта овард ва бо исрори ҳамроҳонам ман ҳам ба зиёфат рафтам. Дар он зиёфат бо актрисаи дӯстдоштаам Любов Орлова шинос шудам ва Будёнийи афсонавиро ҳам мулоқот кардам.

Дар дасти ман сурати духтарчаам буд ва мехостам, ки аз Орлова соядаст бигирам, ки Будёний аз ман пурсид:

-Это ваша сестренка?

-Нет, дочка, - посух додам.

-Как это? Ты же сама ребёнок, когда же успела?...-дар ҳайрат пурсид ӯ.

Воқеан, он вақт харобу маҳин будам ва хеле ҷавон метофтам. Ҳамон бегоҳ Сталин дар бораи тоҷикон ҳарфҳои хуб гуфта, ба Муҳаммадҷон Қосимов унвони Артисти халқии СССР-ро дод. Ҳамин тавр, эшон аввалин нафар аз Осиёи Марказӣ шуданд, ки ба ин унвон сазовор гардиданд.

Солҳо гузашту боре Бобоҷон Ғафуров ба ман гуфтанд:


-Бозии Муҳаммадҷон Қосимов Сталинро ба ваҷд оварда буд ва солҳо дар хотири ӯ нақш баст. Боре Сталин аз ман пурсид, ки Муҳаммадҷон чӣ ҳол дорад? Ҳоло ҳам Отеллоро бозӣ мекунад? Вақте ман посухи мусбат додам, пурсид: «Ҳоло ҳам дар саҳна гиря мекунад?». Ман не, гуфтам, Сталин хурсанд шуда «правильно, правильно», - гуфт...

Умре, ки ба театр бахшида шуд...

Баъде ки Муҳаммадҷон Қосимов маро тарк карданд, ман даҳчанд ҳаётамро ба театр бахшидам, зеро марги эшонро таҳаммул кардан бароям душвор буд.

Дар ин давра даҳҳо нақш офаридам: Латофат («Тӯй»-и Ғ.Абдулло), Баҳор («Ҳаёт ва ишқ»-и Ф.Ансорӣ), Занаки ғӯл («Гавҳари шабчароғ»-и С.Улуғзода), Марианна («Қиссаи модар»-и М.Горкий), Модар («Беватан»-и С. Сафаров), Чӯтуройим («Фармони кадушоҳ»-и А.Баҳорӣ), Бӯстонбибӣ («Ҷон модаракон»-и А. Қаҳҳор), Модаркалон («Хатро ман навишта будам»-и Ф.Ансорӣ), Ойишаапа («Қуллаи Фудзияма»-и Ч. Айтматов), Фирӯза («Духтари оташ»-и Ҷ.Икромӣ), Булбул («Хонашерони майдонғариб»и Ғ.Абдулло ва Ш.Қиёмов), Фармонбибӣ («Исёни арӯсон»-и С.Аҳмад) ва ғайра...

Бубинед, ки репертуари ман қариб ки пурра аз нақшҳои модар иборат аст. Аз оғоз режиссёрҳо ба ман нақши модарро медоданд ва оҳиста-оҳиста ин ба анъана даромад. Дар филмҳо ҳам ба ман нақши модарро медоданд.



Ҳоло вақте газетаҳо мақола менависанд, маро «модари саҳна» мегӯянд, ки миннатдорам.

Ман рости гап хеҷ вақт барои унвон талош накардаам ва ҳатто унвони Артисти хизматнишондодаи Тоҷикистонро дар синни 72 - солагӣ гирифтам.

Вақте ба гастрол мерафтем, қариб ҳамаи аз ман ҷавонтарҳоро «Хунарпешаи халқӣ» ё «Ҳунарпешаи шоиста» муаррифӣ мекарданд, вале маро бошад, «ҳунарпеша Мушаррафа Қосимова». Дар як сафари ҳунарӣ, ки Убайдулло Раҷабов роҳбари ҳайат буд, чандин маротиба маро «Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон» муаррифӣ кард. Вақте эрод гирифтам, гуфт: - «Шарм мекунам, ки шуморо бе унвон муаррифӣ намояму худамонро - бачаҳои шуморо бо унвонҳои болохонадор»... Ҳамин тавр, дере нагузашта ба ман унвон доданд...

Марги фарзандон

Зиндагӣ ҳамеша ба ман зарбаҳои ҷонкоҳ зад, аммо ман нодумед нашудам, тунд нарафтам, балки шукр гуфтам.

Баъди 38 рӯзи марги Муҳаммадҷон Қосимов духтарам Гулшан вафот кард...

Дере нагузашта Мумтоз аз дарду ғам фалаҷ шуд...

Фаррух бошад, ормонҳои ҳунарии ману падарашро бароварда кард. Вай дар санъати тоҷик инқилоб намуд. Театри беҳтаринро бунёд кард ва дар акси олам шинохта шуд... «Юсуфи гумгашта» ба ӯ шуҳрати бемисл овард.

Вале дере нагузашта, ӯ ҳам фалаҷ шуда, фавтид...

Ман то имрӯз 4 фарзандамро ба хок супоридам.

Умри дарози ман на ҳамеша бароям хушӣ овард... Худо умри набераву абераҳоямро дароз кунад.

Хушбахтона, имрӯз Хуррам дар Русия, Сабоҳат ва фарзандонаш дар Тоҷикистон кори оилаи моро идома дода, дар театр фаъолият доранд.

Чанд сол аст, ки Театри «Аҳорун» ба номи Муҳаммадҷон Қосимов ба фаъолият шурӯъ кард, ки боиси хурсандии ман аст.

Дар бораи театр

Театр барои ман ҳама чиз аст. Акнун, ки ба сад даромадам, он барои ман як чизи ормонӣ шуда монд, зеро чанд сол аст, ки ба театр рафта наметавонам. Охирин маротиба Марям Исоева дар синни 95 маро ба саҳна бароварда буд...

Мо маълумоти олии театрӣ нагирифтаем, аммо тамоми умр талош намудем, ки нақшҳои нағз офарем. Ман бо шавҳарам Муҳаммадҷон Қосимов дар ду спектакл нақш офаридаам. Вақте «Модар»-и Горкийро ба саҳна гузоштанд, ба ман нақши модар ва Муҳаммадҷон Қосимов бошад, писари хоинро супориданд.

Модар дар ин спектакл сари писари хоинашро рӯйи зонувонаш гирифта, алла мегӯяд ва ба дилаг бо корд зада мекушаду зор –зор мегиряд.

Баъди ин спектакл Муҳаммадҷон ба ман гуфтанд, ки ин беҳтарин нақши ту аст ва ин баландтарин ҷоизаи ман мебошад.

Ҳоло ки пирӣ маро аз пой афтонидааст, мехоҳам ки як рӯз ягон кас маро ҳамроҳӣ карда, бо аробача ба Театри Лоҳутӣ барад. Як бори дигар даҳлезҳояшро гардонад, ба саҳна барорад, ба толор фарорад ва ман бӯйи театр дар машом тарки дунё кунам...

Одил НОЗИР,
«Тоҷикистон»

Фарҳоди Карим – ноширии шинохта даргузашт

Фарҳоди Карим, адиб ва ноширии тоҷик, ки чанд соли охир вазифаи муовини ректори Донишкадаи давлатии санъат ва фарҳанги Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзодаро иҷро мекард, субҳи имрӯз аз сактаи қалб дар синни 61-солагӣ аз олам даргузашт.



Номбурда аз дӯстони устод Лоиқ ва дигар адибони кишвар буд ва солҳои тӯлонӣ дар раъси директори нашриёти давлатии «Адиб» фаъолият намуд. Аҳли адаби тоҷик марги Фарҳоди Каримро талафоти бузург арзёбӣ мекунанд.


Фарҳоди Карим 9 марти соли 1958 дар деҳаи Кулолии шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд таваллуд шуда, соли 1980 Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанберо хатм кардааст. Солҳои 1980-1981 муаллими мактаби миёнаи № 148 -и ноҳияи Ленин (ҳозира Рӯдакӣ), солҳои 1981-1990 муҳаррир ва баъдан, муҳаррири калони илмии Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи советии тоҷик, сипас, аз моҳи майи соли 1990 то соли 2016 муовин ва директори Муассисаи нашриявии «Адиб» будааст.

Номбурда аз соли 2003 раиси Ассотсиатсияи ноширон, полиграфистон ва паҳнкунандагони китоби Тоҷикистон буд. Ҳамчунин, узви Конфедератсияи байналхалқии Иттиҳодияҳои журналистон, Шӯрои ҷамъиятии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буд.

Дар баробари ин, Фарҳоди Карим ҳамчун публитсисти чирадаст шинохта шудааст. Китобҳояш таҳти унвони «Фурӯғи сухан», «Олимақом», «Нашриёт, китоб, хонанда», «Иҷлосияи тақдирсози миллат» (ҳамроҳи Усмончон Ғаффоров, 2012) ва «Чеҳраафрӯзи илму адаб» ба табъ расидааст.

Фарҳоди Карим барои хизматҳои шоён дар рушди фарҳангу адаби кишвар бо Ордени «Шараф», Ордени «Шараф ва мардонагӣ»-и Бунёди фарҳангии «Честь и мужество»-и шаҳри Санкт-Петербург, нишонҳои фахрии «Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфароз шудааст.

Аҳли қалами ҳафтаномаи «Тоҷикистон» аз марги Фарҳоди Карим андуҳгин буда, ба пайвандонаш аз даргоҳи Худованд сабри ҷамил мехоҳанд.



БОЗОРИ МАНЗИЛ МЕФУРӮШАМ

► ҲУҶРАГӢ

► 5-ҳуҷрагӣ, 95 м кв., ошёнаи 4, бинои хиштини 4-ошёна, таъмиршуда ва бо мебел, даро зиндагӣ кун. Суроға паси маркази савдои "Саодат", кӯчаи Шамсӣ. Тел: 909-22-44-71.

► ҲАВЛӢ

► Хона дорои 4 ҳуҷра, 4 сотих замин, суроға Гулбутта, КДС-11/1. Тел: 915-06-55-06, 987-729-802.

► Арзон! Хона. Тел: 904-45-53-55.

► Таъҷилан! Хона дорои 3 ҳуҷра, 8 сотих замин ва боғ, суроға Варзоб-ГЭС, нархаш - 190.000 сомонӣ. Тел: 900-91-22-55.

ХИЗМАТРАСОНӢ

► Насб ва танзим кардани антенаи пораболӣ. Тел: 918-76-74-08, Андрей.

► Кондиционер, насб, пур кардани фреон. Тел: 918-76-74-08, Андрей.

► Сантехник, ивази кубур, насби термексҳо ва ғайра. Тел: 917-66-04-11.

► Панҷараҳои оҳанин, навесҳо, пешайвон, дарҳо ва дигар ашёҳои металисохт бо тирезаҳои пластикӣ. Азнавсозии панҷараҳои куҳна. Тел: 934-30-65-16, 909-11-55-16, 91-903-32-77

ОМӮЗИШ

► Тайёр кардани мактаббачагони синни мактабӣ. Зебо гардонидани ҳусни хати хонандагони синфҳои аз 1 то 4. Тел: 987-53-45-75.

ЭЪЛОН

► Манзили истиқомати масоҳати умумии он 422 метри мурабаъ, сатҳи умумӣ 149,41 метри мурабаъ, 164 мм., аз 9 ҳуҷраҳои зист ва дигар иншоотҳои ёрирасон бо истифодаи замин дар масоҳати 1400 мм. ҷойгир мебошад. Суроға: ноҳияи Кӯшониён, ҷамоати деҳоти Меҳнатобод, деҳаи Меҳнатобод, нархи ибтидой - 357 465 (сесаду панҷою ҳафт азору чорсаду шасту панҷ) сомонӣ. Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо рақамҳои (83245) 2-10-16, 93-300-20-86 гирифта метавонед. Ҷои баргузории музояда ноҳияи Кӯшониён, ч/ш И. Сомонӣ, кӯчаи И.Сомонӣ 4, дар бинои Идораи нотариалӣ санаи 05.04.2019 соати 10:00 барпо мегардад.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Ҳуҷҷатҳои хона (шиносномаи техникӣ, китобт хона) ба номи Назарова Солеҳа, бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Коргар , ҳавлии № 8/2, хонаи 24 бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии Г 15423-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон соли 2015 ба Худоиев Фатҳудин додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШКД-и ноияи Шоҳмансур бо суроғаи куӯчаи Айнӣ, бинои 311, ҳуҷраи 4 ба Ойева Тоҷиниссо Абдулмуминовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии А00347724-и гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Фирдавсӣ 1.11 соли 2015 ба Шарипова Нигина Ҷомобековна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо серияи А01400311-и гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Фирдавсӣ 23.05 соли 2018 ба Рустамов Комрон Латифович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо серияи А01787760-и гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Тоҷикобод 28.02 соли 2019 ба Маҳмадьёров Муҳаммад Тоҳирович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати Т-ШТА 0159557-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №115-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2005-2006 ба Халилов Алиҷон Маҳмадҷонович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонии №1286-и гумшуда, ки онро Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе соли 2017 ба Абдулмусаввири Раҷамад додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандии гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Айнии вилояти Суғд соли 2013 ба Нуров Нурмуҳаммад Лутфулоевич додааст,беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Бобомародов Зафарҷон Хуҷамуродович бо №0070604, РЯМ 0430149565, РМА 125193005-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Сино 23.08 соли 2013 додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестат оиди хатми синфи даҳуми №044291-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №23-и ноҳияи Шоҳмансур 25.06 соли 1984 ба Тахирова Эдигуль Ғоибовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестат оиди хатми маълумоти миёнаи пурра Т-АТУ №0594436-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №88-и ноҳияи Сино соли 2018 ба Хафизов Хасан Илхомидинович додааст, беэътибо дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши қисми хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи №8Ш-2514-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Сино 27.07 соли 2018 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Абу-Муслим, хонаи 27 ба Мусовирова Лолахон Ҳафизовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишкадаи фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода соли 2015 ба Юсупов Акбар Абдусаломович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира №1ш-1564-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Шоҳмансур 09.10 соли 2014 бо суроғаи шаҳриДушанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Бинокорон, бинои 18, ҳуҷраи 15 ба Раҳматова Зебинисо Зайдуллоевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи №0029617 бо рақами қайди №23-и гумшуда, ки онро Литсеи касбии информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе 10.07 соли 2010 ба Шодмони Назар додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати оиди хатми синфи нуҳуми Т-ШТА № 0142941-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №90-и ноҳияи Сино 20.06 соли 2007 ба Шодмони Назар додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестат оиди хатми синфи ёздаҳуми Т-АТУ №0575476-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №21-и ноҳияи Восеъ 14.07 соли 2018 ба Ҷурахонзода Қобилҷон Ҷаббор додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техники гумшуда бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи И.Сомонӣ, кӯчаи Х.Хакимзода, хона 80 ба номи Урунова Мухаббат Исоновна беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ЖВ-1 №138262-и гумшуда, ки онро Донишкадаи политехники Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ соли 1981 ба Деҳқонов Шоназар Мавлоназарович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати оиди хатми синфи даҳуми БР 246678-и гумшуда, ки онро мактаби миёнаи №34-и ноҳияи И.Сомонӣ соли 1987 ба Зияева Зебиниссо Ибадуллоевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии №10/12/97-15-и гумшуда ки онро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино соли 2015 ба Мансури Тосиф додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо серияи А00301849-и гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Сино 10.10 соли 2015 ба Фомина Римма Васильевна додааст, беэътибо дониста шавад.

► Маълумотномаи №15 аз синфи нуҳум, ки онро мактаби миёнаи №96-и ноҳияи Сино 22.06 соли 1994 ба Салимова Дилбар додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи тавалуди гумшуда, ки онро САҲШ-и ноҳияи Сино соли 1980 ба Салимова Дилбар Мирзоқамаровна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №33-и шаҳри Душанбе соли 1991-1992 ба Сӯҳбатова Нодира Неъматуллоевна додааст, беэътибор дониста шавад.


► Аттестати №165824-и гумшуда, ки онро мактаби миёнаи №9-и қишлоқи Кеврун, ноҳияи Дарвози Калъаи Хун соли 1990-1991 ба Сӯҳбатова Нодира Неъматуллоевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи № 8Ш-7276-и гумшуда, ки онро нотариуси калони давлатии Идораи давлатии нотариалии ноҳияи Сино 19.12 соли 2013 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н.Махсум (И.Сомонӣ), бинои 77/2, ҳуҷраи 59 ба Носирова Муборак Негматуллоевна додааст, беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХУРАД

► Соҳибкори инфиродӣ ба номи Музафар Саидов Мирзоевич, № 0371529, РЯМ 0230076495, РМА 045741926 фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати ду ҳафта қабул карда мешаванд.





НУҚТАҲОИ ҚАБУЛИ ЭЪЛОН

ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ


- Кӯчаи Бохтар 3. Назди бинои «Рӯдакӣ-Плаза». Тел. 223-01-10
- «Услуги населению». Рӯ ба рӯи СУМ, назди "Спорт Бар". Тел. 227-20-17
- "Марказ". Кӯчаи Пушкин 24. Назди бинои «Вефа-центр». Тел. 223-00-54
- «Информационный Центр Недвижимости». Кӯчаи Валаматзода 6 (назди сафорати Туркия).
- «Садбарг». Гузаргоҳи зеризаминӣ.
- Кӯчаи Беҳзод 7А. Назди «Шабакаи аввал», дӯкони рӯзномафурӯшӣ.
- «Зима-Лето». Маҳаллаи 82, кӯчаи Шамсӣ 26. Назди «Тиб барои шумо».
- Маҳаллаи 33. Рӯ ба рӯи бозор.
- Кӯчаи Маяковский 46
- Маҳаллаи бозори «Ҷал-Ҷам», пушти истгоҳ.
- Кӯчаи Гипрозем, Шаҳраки ҳарбиён, дӯкони рӯзномафурӯшӣ

ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД

- ш.Хуҷанд, маҳаллаи 20, бинои «Кохи Матбуот», 7ошёна.

ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

- Кӯчаи Бобоҷон Ғафуров, назди меҳмонхонаи "Қурғонтеппа", дӯкони рӯзномафурӯшӣ.
- Кӯчаи Бобоҷон Ғафуров, рӯ ба рӯи «Маорифи вилоятӣ».





БАРОИ ОНҲОЕ, КИ ДӮСТАШОН МЕДОРЕД ВА АЗ ҶОН АЗИЗТАР МЕҲИСОБЕД

Мехоҳед табъи падару модар, хоҳару бародар, фарзандон, хешу табор, наздикон ва дӯстдоштаатонро болида созед?

Ба хурсандии онҳо хурсандӣ зам кунед?

Амалатон ба хотирашон нақш бандад ва бо шумо фахр кунанд?

Пас, онҳоро бо зодрӯз, маросими арӯсӣ, ҷашнҳои оилавӣ ба воситаи рӯзномаҳои машҳур «Оила», «Тоҷикистон», «Рекламная газета» табрик кунед. Дар ҳар куҷое бошед ин кор бароятон хеле содда ва арзон меафтад.

Барои ин ба шумо лозим аст:

1.Ба рақами **44-640-99-88** занг занед, матни табрикот ва номи рӯзномаро гӯед;
2. Оператор ба шумо код медиҳад;
3. Ба назди терминали пардохтҳо оед, дар он рамзи «Рекламная газета»-ро пайдо кунед ва маблағи табрикотро пардохт намоед.

Оё аз хурсандии онҳое, ки дӯсташон медореду бароятон омода ҳастед ҷонатонро фидо кунед, аз ин дида ширинтар, гуворотар, писандидатар чизе ҳаст?

Пас, фурсатро аз даст надиҳед, онҳо интизори табрикот ва лутфу меҳрубонии шумо ҳастанд.

Телефон барои маълумот: 238-61-61

МАРКАЗИ ОМУЗИШӢ «TMC EDUCATION GROUP» INTELLECT

ТАҲСИЛИ МУОСИР ВА САМАРАНОК

ТАВАҶҶУҲ!!!

ҲАМАИ ДОВТАЛАБОНРО БАРОИ ТАҲСИЛ ДАР КУРСҲОИ КУТОҲМУДДАТ:

- Баҳисобгирии молиявӣ (1 – 2)
- Баҳисобгирии муҳосиботӣ
- Андоз ва ҳуқуқ
- 1С (барномаи муҳосиботӣ)
- TOEFL – preparation
- Business English

Даъват менамояд.

Дар ин курсҳо шуморо барои супоридани имтиҳон ва соҳиб шудан бо сертификати

- CAP
- CIPA
- TOEFL
- ETS



93-561-36-36
Sunat-51@mail.ru
www.tahsil.tj



ТОЛЕЪНОМА



Фаъолияти нав қувваи зиёдатонро талаб намекунад. Нафароне, ки ба тағйироти қатъӣ омода ҳастанд, охири ҳафта амал кардан аш беҳтар аст. Онҳое, ки дар чустучӯйи ҷои кор ҳастанд, кори табъи дилро пайдо мекунанд. Барои ободонии хонаву дар, харидани мебели нав ва таъмир рӯзҳои мусоид аст. Аз корҳои душвор наҳаросед, бе ягон душворӣ аз уҳдааш мебароед. Беҳуда аз вазъи саломатӣ ташвиш накашед, масунияти бадани шумо мустаҳкам аст.



Дар ин ҳафта иштиҳоятон баста мегардад, вале инро нишонаи ягон бемор шуморида, маҷбуран хӯрок нахӯред. Рӯзҳои наздик имкони пулкоркуниро пайдо месозед. Маблағи бадастовардаатон аз фаъолнокии шумо вобастагӣ дорад, аз ин рӯ ба танбаливу бекорӣ роҳ надиҳед. Дӯстон бо шумо дидорбинӣ кардан мехоҳанд, бо вуҷуди серкорӣ ҳатман бароятон вақт ҷудо кунед. Ҳангоми ба сафар баромадан эҳтиёт бошед, хатари ҷароҳат бардоштанатон вуҷуд дорад.



Ҷавзоҳое, ки мошин меронанд, дар ин ҳафта бояд хеле боэҳтиёт бошанд. Бо вуҷуди ба маслиҳати нафаре ниёз надоштанатон, барои ҳарфи оқилонаву кумак изҳори миннатдорӣ кунед, вагарна минбаъд мушкили худро дар танҳоӣ рафъ намудан лозим меояд. Бо ҳар сабаби ночиз асабонӣ нашавед. Хастагиву бемадориятон нишонаи он аст, ки худро эрка намекунед. Бештар хӯрокҳои серғизо истеъмол намуда, истироҳатро фаромӯш насозед. Саховатмандиятон хуб аст, вале ба касе имкон надиҳед, ки болои саратон барояд.



Дар ин рӯз аксарият аз дарди оринҷу банди даст ва зонувон азият мекашанд. Миёнаи ҳафта душвор бошад ҳам, хатоҳои дар гузашта содирнамудаи худро ислоҳ мекунед. Нафареро ранҷонида бошед, бахшиш пурсед. Минбаъд кӯшиш намоед, ки дили нафареро наранҷонед. Ҳангоми ибрози ақида кардан ба нуқтаи назари дигарон низ диққат диҳед. Нафаре аз шумо изҳори муҳаббатро интизор аст, вале дудилагиятон барои гузоштани қадами ҷиддӣ монеъ мегардад.



Аввали ҳафта аз танбаливу бекорӣ атрофиён асабатон хароб мегардад. Бо кори зиёд андармон шуданатон хуб аст, вале наздикони худро низ фаромӯш насозед. Миёнаи ҳафта чӣ тавр сарф кардани маблағи худро нафаҳмида мемонед. Охири ҳафта аз рафтори шахси дӯстдоштаатон норозӣ мегардед. Бо сабаби тамоми уҳдадориву ташвишро ба дӯши худ бор карданатон нафаре, ки аз ҷон бештар дӯсташ медоред, болои саратон баромадааст.



Реҷаи рӯзро риоя кунед. То нимаи шаб кор кардану ба ҷои истироҳат заҳмат кашидан лозим нест. Ҳама кор вақти худро дорад. Ғами саломатии худро хӯрда, ҳама корро пайи ҳам ичро кунед. Нафареро насиҳату ба коре талқин накунед. Миёнаи ҳафта агар имкон бошад, ба ҷое сафар накунед. Худро нотоб ҳис карда, ҳангоми ба назди духтур рафтану ташхис кардан асабатонро хароб месозед.



Миёнаи ҳафта имкони ҷароҳат бардоштанатон вуҷуд дорад. Ҳангоми пӯшидани дар ва маҳкам кардани қулф бодиққат бошед. Охири ҳафта барор ҳамсафари шумо мегардад. Нафарони зиёде аз шумо маслиҳату кумак мепурсанд. Бо мушкили дигарон машғул шуда, саломатии худро дар хатар нагузоред. Мушкилоти пулие, ки ба саратон меояд, чандон душворҳал нестанд. Аз ин рӯ, воҳима накарда, нақшаи супоридани қарзҳоятонро тартиб дода, дар муддати кӯтоҳ пулро бармегардонед.



Тамоми фикру хаёлатон ба шахси дӯстдоштаатон банд гашта, хаёлан дар олами орзуҳо парвоз мекунед. Миёнаи ҳафта дар саломатиятон мушкилӣ сар мезанад. Ба ҳеҷ ваҷҳ бо худтабобаткунӣ машғул нашавед, ин кори хеле хатарнок аст. Танҳо табиби кордон ва ташхиси дақиқ ба дарди шумо даво меёбад. Дар муносибатҳои ошиқонаатон баъзан нофаҳмӣ рух медиҳад. Рӯзи шанбе бо яке аз хешовандони калонсолатон муноқиша имкон дорад. Одати шабона бо тамошои телевизор машғул шуданро партоед.



Аслан шуморо асабонӣ кардан кори осон нест, вале дар сурати пеш омадани монеаҳо касе наметавонад садди роҳи қаҳру ғазаби шумо гардад. Ҳар хабаре, ки мешунавед, дурустияшро санҷида, ҷонибдори нафаре нагардед, вагарна ба ғалат роҳ медиҳед. Барои ба дили наздикони худ роҳ пайдо кардан кӯшиши зиёд ба харҷ доданатон лозим меояд. Аз ҳад зиёд хаста шудан боиси паст шудани масунияти бадан ва фишори рӯҳӣ мегардад.



Бо вуҷуди берангу бемаънӣ будани аввали ҳафта шахси дӯстдоштаатон бо туҳфаву армуғонҳояш хотиратонро шод мегардонад. Зуд-зуд ҳавои хонаи худро тоза карда, ҳатман ба сайругашт бароед. Аз ҷойҳои пур аз чанг, аз қабили китобхона ва осорхонаҳо дурӣ ҷӯед. Миёнаи ҳафта бо пешгирӣ намудани бемориҳои илтиҳобӣ машғул шавед. Нӯшокиҳои хунук ва яхмос боиси бемории гулӯдард мегардад. Қабл аз оғоз намудани муносибати ошиқона оқибаташро нағзакак андеша намоед.



Рӯзи душанбе барои бартараф намудани мушкили дигарон вақти зиёдеро сарф мекунед. Рӯзи сешанбе аз нафаре туҳфа мегиред. Рӯзи панҷшанбе истифода бурдани маҳлулҳои нави косметикиро тавсия намедиҳем, эҳтимоли гирифтори аллергия шуданатон вуҷуд дорад.


Охири ҳафта табъатон болидаву ба тағйиротҳо омода мегардед. Ҳар ғалате, ки содир мекунед, сари вақт ислоҳ кунед. Бо наздиконатон беҳуда муноқиша накунед, бо сар задани нофаҳмӣ аввалин шуда гузашт кунед.



Ба ҳоли меъдаи худ раҳм намоед, пайваста аз чизе хӯрдану нӯшидан худдорӣ намоед. Миёнаи ҳафта даромади пулӣ имкон дорад. Хусусан нафароне, ки вақтҳои охир заҳмати зиёд кашидаанд, маблағи хуб ба даст меоранд. Рӯзи панҷшанбе хариди аз нақша берун боиси аз даст додани маблағи зиёдатон мегардад. Рӯзи шанбе бо ғур-ғури беҳуда табъи наздиконро хира нагардонед. Ба коре, ки боиси нохуб гаштани саломатиятон мегардад, машғул нашавед.

ҲАРФЁБАК

Н	Д	А	Р	А	Қ	А	М	Ф	А	И	Д	А	Л	А	Ч
А	А	Р	М	А	Р	Д	Р	Қ	О	О	Қ	А	Д	Ҳ	О
Т	П	Б	О	Т	И	У	А	А	Л	И	Я	С	М	З	А
И	Ҷ	Ф	Е	З	К	М	В	М	А	А	Т	Қ	У	А	Л
Г	А	И	Р	И	Д	Н	А	М	А	З	М	А	Ш	К	Ш
У	Р	К	П	Д	Е	Н	Т	А	М	А	Р	О	Н	И	Б
С	Ӯ	Р	А	Ш	У					З	А	Б	О	Л	О
И	Ҳ	О	Қ	Т	М					Ҳ	М	С	Т	М	Д
Ф	А	Л	Р	А	Н					О	А	А	Ҳ	У	О
А	Т	Ш	Й	К	О					К	Ъ	Н	А	Ҳ	Б
Қ	У	А	Б	И	Ф	Е	Л	Е	И	И	Д	О	Р	Л	Р
З	И	М	О	Т	Н	А	З	Т	Я	С	А	Р	Т	А	У
Ӯ	Н	Р	Б	Х	О	О	А	Н	Т	О	З	Ъ	А	В	Ш
Р	Ҷ	А	М	Р	И	Х	Р	О	Д	И	О	С	И	А	М
Н	О	Й	Р	О	В	Е	Д	П	Л	М	Б	Т	Ҳ	З	Ч
Н	А	З	Р	А	Д	О	Ч	О	Й	А	З	Я	И	Ъ	Р



РӮЙХАТИ КАЛИМАҲО

АЛОҚА, АЪЗО, АМАЛ, ВАЗЪИЯТ, ГУРӮҲ, ГУЛДОН, ДАР, ЗАН, ЗАРДЕВОРӢ, ЗАБОН, ЗАМИР, КИТОБ, КИТОБХОНА, ҚОИДА, ЛАҲЗА, МАҚОЛА, МУШКИЛОТ, МАРМИНҶОН, МАЪНО, МАКТАБ, МУШТАРӢ , МУҲЛАТ, МАҚСАД, МАРДУМ, НАЗАР, НАТИҶА, ПОЙ, ПРЕЗИДЕНТ, ПАДАР, РАҚАМ, РАВАНД, САР, САҲАР, СИФАТ, ТЕЛЕФОН, ФИКР, ФАЪОЛИЯТ, ҲОКИМИЯТ, ҲИСОБ, ҶОДАР, ШАБ



ДОНИШҶЎЁНИ ХОРИҶӢ


кадом донишгоҳи Тоҷикистонро бештар интихоб намуданд?

Тибқи иттилои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2018-2019 дар муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон 6257 донишҷӯ аз хориҷи кишвар ба таҳсил фаро гирифта шуданд, ки дар муқоиса ба соли гузашта 2401 нафар зиёд мебошанд.

Яке аз омилҳои афзудани шумораи донишҷӯёни хориҷӣ ба ақидаи коршиносон ин, пеш аз ҳама, аз беҳтар шудани муносибат бо ҳамсоя-кишварамон – Ӯзбекистон мебошад. Арзонтар будани арзиши шартномаи таҳсил ҷавонони ин кишвари ҳамсояро ба донишгоҳҳои ҷумҳурии мо овардааст. Дар навбати худ, ҳар донишгоҳу донишкадаҳое, ки маъракаи муаррифии худро дар ин кишвар беҳтар анҷом доданд, ба ҷалби бештари довталабон ба муассисаи худ муваффақ гардиданд. Ба ҷуз Ӯзбекистон Туркманистон низ яке аз кишварҳое мебошад, ки шаҳрвандони зиёди он ҳамасола ба хотири таҳсил ба давлати мо меоянд. Инчунин, шаҳрвандони Қазоқистон, Ҳиндустон, Қирғизистон, Покистон, Эрон, Афғонистон, Хитой, Озарбойҷон, Россия ва ғайра низ дар муқоиса бештар таҳсил менамоянд.

ДАР ИНФОГРАФИКАИ ЗЕРИН ШУМОРАИ ДОНИШҶЎЁНИ ХОРИҶИРО ДАР МУАССИСАҲОИ ОЛИИ ТАЪЛИМИИ ҶУМҲУРӢ ПЕШНИҲОДИ ШУМО МЕГАРДОНЕМ:

- Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ -2724 нафар нафар;
- Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино- 1388 нафар;
- Донишгоҳи миллии Тоҷикистон -401 нафар нафар;
- Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров -368 нафар;
- Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон – 354 нафар;
- Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода - 289 нафар;
- Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон – 261 нафар;
- Донишгоҳи давлатии техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ – 208 нафар;
- Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент – 133 нафар;
- Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон – 102 нафар;
- Донишгоҳи тиҷорати Тоҷикистон – 72 нафар;
- Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар ш. Хоруғ -70 нафар;
- Донишгоҳи давлатии Данғара - 40 нафар;
- Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур -39 нафар;
- Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон -31 нафар;
- Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов – 25 нафар;
- Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода – 20 нафар;
- Донишгоҳи технологии Тоҷикистон нафар; - 20 нафар
- Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ - 8 нафар;
- Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон - 7 нафар;
- Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносов дар шаҳри Душанбе - 6 нафар;
- Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаров – 6 нафар;
- Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов 6 нафар
  Донишкадаи кӯҳӣ - металлургии Тоҷикистон – 5 нафар;
- Донишкадаи давлатии санъатаи тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон 4 нафар;
- Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи И. Аъзам – 3 нафар;



Таҳияи Насрулло ТӮЙЧИЗОДА, Умед СУЛТОНОВ

ШАКАРХАНД

Девона

Зан аз шавҳараш мепурсад:
-Агар ман мурам, чӣ кор мекунед?
Шавҳар мегӯяд:
-Девона мешавам.
Зан боз мепурсад:
-Зани дигар мегирӣ ё не?
Мард:
-Намедонам, аз дасти девона ҳар кор омаданаш мумкин.

Даъво ба нозир

Нозири роҳ мошинеро манъ карда, аз ронанда мепурсад:
-Марҳамат карда, ҳуҷҷатҳоятонро нишон диҳед.
Ронанда дар ҷавоб:
-Мебахшеду ман ҳафтаи гузашта ҳуҷҷатҳоямро ба шумо дода будам. Шумо онро гум кардед, магар?

Ҳалқаи даркорӣ

Зан ба шавҳар мегӯяд:
-Мардак, мо бехуда духтарамонро барои ба бинияш ҳалқа часпонидан ҷанг кардем.

Мард ҳайрон шуда мепурсад:
-Чаро бехуда будаст занак?
Зан мегӯяд:
-Акнун субҳгоҳон ӯро аз ҳалқаи бинияш кашида, аз хоб бедор кардан осонтар шудааст.

Хандаи бемаврид

Писарбачае аз падар мепурсад:
-Дада, ин рост аст, ки ханда умри инсонро дароз мекунад?
Падар мегӯяд:
-Ин аз он вобаста аст, ки ба ҳоли кӣ механдӣ... хандаи бемаврид метавонад боиси кӯтоҳ шудани умр гардад...

Хабари муҳиму тоза

Писарбачае рӯзнома дар даст ба роҳгузарон мегӯяд:
-Фантастика, дар як рӯз 99 нафар ба доми фиреб афтиданд. Марҳамат, хабарҳои фаврӣ...
Ба роҳгузаре аҷиб намуда, як дона рӯзнома мехарад, вале онро кушода хабари гуфтаи писаракро намеёбад.
Дар ин асно писарбача аз роҳ гузашта, боз садо баланд мекунад:
-Хабари муҳиму тоза! Дар як рӯз 100 нафар ба дом афтиданд.


Саволи сартарош

Дар сартарошхона устои сартарош ду бор сари мизоҷро бо поку бурида, барои аз вазъият баромадан гапро ба дигар тараф бурда мегӯяд:
-Шумо пештар ҳам ба назди ман омада будед?
Мард мегӯяд:
-Не, дастамро дар ҷанг буриданд.

Саги баста

Муаллимаи биология аз толибилмон мепурсад:
-Бачаҳо, канӣ кӣ мегӯяд, ки себро кай ҷамъоварӣ мекунанд?
Фарҳод мегӯяд:
-Дар моҳи август.
Зумрад мегӯяд:
-Дар моҳи сентябр.
Даврон худро боақл вонамуд карда мегӯяд:
-Вақте ки саг баста аст.

Таҳияи Н.РАҶАБОВА



ПУРСЕД, ҶАВОБ МЕДИҲАНД!

БА ВАЗИРИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН НАСИМЗОДА ОЛИМ ХОҶА


НАСИМЗОДА ОЛИМ ХОҶА

Ман бемории шуш дорам ва ҳар сари чанд вақт аз ташхиси духтурон мегузарам. Аз ман талаб мекунанд, ки ҳар вақте ба назди духтур биёям, ҳатман бояд тамоми анализҳоро супорам, вагарна духтур қабул намекунад. Нархи арзонтарини чанд намуд ташхис аз 65 то 70 сомонӣ аст. Нафақаи ман ҳамагӣ 200 сомонӣ мебошад,ки ба ду маротиба аз ташхис гузаштан мерасаду халос. Магар дар ҳолати аниқ будани беморӣ аз ташхисҳои дигар гузаштан шарт аст ва оё ин танҳо ҷамъоварии маблағ нест?

Баҳорой САДРИЕВА,
сокин ш. Ваҳдат

БА ВАЗИРИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ИЗЗАТУЛЛО САТТОРӢ


ИЗЗАТУЛЛО САТТОРӢ

Дар бисёр минтақаҳои кишвар, асосан ноҳияҳои кӯҳӣ, ҳоло шаҳриёни пулдор чарогоҳҳоро соҳибӣ карда, (дар Файзобод,Ҳисор ,Панҷакент, Деваштич, Шаҳристон ва ғайра) , мардуми маҳаллиро, ки садсолаҳо боз дар ин минтақаҳо чорвои худро парвариш мекарданд, аз заминҳои соҳибикардаашон меронанд. Ин тарзи амал то кадом андоза ба қонунҳои ҷумҳурӣ мувофиқат мекунад ва агар деҳотиён маблағи чарогоҳхариро надошта бошанд, чӣ кор кунанд?

Турдиалӣ СОДИҚБОЕВ,
н. Шаҳристон



Хонандагон саволҳои худро метавонанд ба унвони ҳафтаномаи “Тоҷикистон” ба суроғаи: 734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, ошёнаи 11 ё бо почтаи электронии tojikiston@pressa.tj, телефон: 238-54-51

Навбатдори шумора: С.РОЗИҚЗОДА